

АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРОӢ

# КУЛЛИЁТИ ОСОР

ДАР 3 ҶИЛД

ҶИЛДИ 3

**АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРОӢ**

# КУЛЛИЁТИ ОСОР

## ДАР 3 ҶИЛД

### ҶИЛДИ 3

*Шеърҳо, дубайтиҳо ва чаҳорпораҳо*

ТОШКЕНТ
«YANGI NASHR»
2019

**УЎК: 94.33.(575.146+575.171)**
**65.013.7**
**А21**

**Асад Гулзодаи Бухорой. Куллиёти осор.** Дар 3 ҷилд. Ҷилди 3. Шеърҳо, дубайтиҳо ва чаҳорпораҳо.. – Т.: “Yangi nashr”, 2019. – 454 саҳ.

**КБК 65.013.7**

ISBN-978-9943-22-298-4

**Таҳия, танзим ва таҳрири**
**ҶАЪФАР МУҲАММАДИ ТИРМИЗӢ**

**Тақриздиҳанда:**
**ТАВАККАЛ ЧОРИЕВ,**
*профессори Донишгоҳи давлатии Бухоро*

Аз он замон ки мухлисони шеъру адаб бо ашъори шоири ширинкаломи тоҷик Асад Гулзодаи Бухорой ошной пайдо намуданд, 60 сол сипарӣ мешавад. Дар тӯли ин солҳо шоири маҳбуби мардум, ба вижа, кӯдакону навҷавонон, ба унвони як адиби заҳматкаш ва пурталош шинохта шуд, ашъори обдору тобдораш вирди забони пиру ҷавон гашт, маҷмӯъаҳои шеъраш дастраси хонандагон гардид. Ҷилди севвуми “Куллиёти осор”-и ӯ шеърҳои дар солҳои гуногун барои калонсолону навҷавонону хурдсолон сурудаи шоирро дарбар мегирад.

Умедворем, ки ашъори дар ин ҷилд фароҳамомадаи Асад Гулзодаи Бухорой писанди табъи шумо – дӯстдорони шеъри форсӣ-тоҷикӣ гардад.

ISBN-978-9943-22-298-4

© «Yangi nashr» 2019

## ШЕЪРИ ГАРМТАР АЗ ОФТОБИ БУХОРО

Ниҳоятан, таҳия ва танзими аввалин “Куллиёти осор”-и Асад Гулзодаи Бухороӣ дар 3 ҷилд ба поён расид. Ин кори бисёр содае ҳам набуд. Зеро танаввӯъ дар қаволиби шеърӣ ва гузашта аз ин такассури андешаву парвози баланди тахайюлоти шоир ҳамеша ҳам имкон намедод, ки кор тунд пеш равад. Изофа бар ин, тақрибан ҳар рӯзи Худо шеъри тоза аз танӯри дили шоир кандашуда ба даст мерасид. Ҳамаи онҳоро дидану хондану таҳриру танзим кардан вақти тӯлониро тақозо мекард. Шоирон одатан камтаҳаммул мешаванд, вале боракаллоҳ ба сабру қаноати Асад Гулзода, ки ин ҳама интизориҳоро бо ин синну соли бузург таҳаммул кард.

Дар бораи кайфияти ашъор ва маҳорати шоирии Асад Гулзода адабиётшиносону забоншиносон, адибон ва рӯзноманигороне чун Ҷ.Ҳамроев, А.Қамарзода, Т.Чориев, А.Авазов ва дигарон рисолаву мақолаҳои ҷолиби диққат навиштаанд. Вале мақому манзалати шоирии Асад Гулзода фаротар аз он аст, ки дидаву шунидаву шинохтаем. Ва маҳбубият пайдо кардани ӯ дар Тоҷикистону Эрон низ далеле бар ин қазия аст.

Асад Гулзода тақрибан ҳафтод сол аст, ки аз ҳавои шеъру шоирӣ нафас мекашад. Шояд дар тӯли ин муддат рӯзе набошад, ки ӯ ҳадди ақал шеъре насуруда бошад. Баъзан мебинем, ки рӯзе ду ва ҳатто се шеър ҳам иншо кардааст. Гоҳ мебинем, ки ӯ дар ғазал ё дубайтие ошиқе сарсахт ва вафодор аст, гоҳ шоҳиди он мешавем, ки дар чанд сатри кӯтоҳ бо забони кӯдаки чаҳор-панҷсола бо дунё гап мезанад. Гоҳе ҳам Рӯдакивор лаб ба панду андарз мекушояд ва чун пири хирад аз гузашти рӯзгор ҳикоят ба миён меоварад, гоҳе дигар ба минбари дарди миллат бар мешавад ва ба радду тарди забон-

гумкардагону носипосону худношиносону худоношиносон мепардозад. Гоҳ чун воъизе ҳунарманд дар бораи гузаштаҳои шарафманди Бухоро ҳикоят мекунад, гоҳ лаб ба васфу ситойиши Бухоро ва арзи меҳру муҳаббат ба Бухорову бузургони бухорӣ мекушояд. Баъзан мебинем, ки Асад Гулзода бо ҳаҷви тезу тунд ахлоқи замимаи афроди коҳил, гурусначашм, бадкирдору бадгуфтор, худношиносу худоношиносро таҳти интиқоди шадид қарор медиҳад, гоҳе дигар бо мутойибаи нарму мулойим ба бачаҳои кӯчагарду беинтизом ва дарсгурезу гапнодаро танбеҳи падарона медиҳад. Гоҳ танқиди бачаеро аз забони бародар, хоҳар ё ҳамсабақи ӯ меоварад, гоҳ ба сифати бобои корозмудаву рӯзгордида насиҳат мекунад. Аз миёни ин ҳама рӯйкардҳои шоирона ба ҳастӣ, инсон ва ашёву ҳодисаҳо, ду вижагии ниҳоят барҷастаи Асад Гулзода ба унвони як шоир ба таври мушаххас намудор мешавад:

1. Асад Гулзодаи Бухорӣ – шоири маҳбуби кӯдакон ва наврасон.

2. Асад Гулзодаи Бухорӣ – фарзанди вафодор ва ситояндаи бошукӯҳи Бухоро, сарояндаи бедареғи ормонҳои ин бостоншаҳри суғдӣ бо ангезаи ҳуввияти миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ.

Асад Гулзода шоири ватандӯст ва ватансарост. Ӯ барои изҳори муҳаббат ба Ватани маҳбуб ширинтарин, зеботарин, гуворотарин каламоти дар бисоти худ бударо ба кор мебарад ва фарзандвор ба навозиши зодбуми бостонӣ мепардозад:

Ифтихору эътиборам, эй Ватан,
Ҳастии ман, ғамгусорам, эй Ватан.
То ҷаҳон боқист, боқӣ бошу бош,
Гар набошӣ, бе ту зорам, эй Ватан.

Эй Ватан, ту нури чашмони манӣ,
Эй Ватан, ту марҳами ҷони манӣ.
Ин ту ҳастӣ беҳтарин уммеди ман,
Эй Ватан, ту нури иймони манӣ.

Эй Ватан, бахти баланди ман туӣ,
Хонадони бегазанди ман туӣ.
Бе ту ман ҳаргиз набошам сарбаланд,
Сарзамини дилписанди ман туӣ.

Баҳри ман модар туӣ, ҷонон Ватан,
Баҳри ман сарвар туӣ, ҷонон Ватан.
Хидмататро аз дилу ҷон мекунам,
Баҳри ман раҳбар туӣ, ҷонон Ватан.

Баҳри васфат хома ронам, эй Ватан,
Худ битарсам нотавонам, эй Ватан.
Мадҳи ту охир надорад, чун кунам,
Чун дар ин ҷода ҷавонам, эй Ватан!

Ҳар дуои хайри ман бар номи ту,
Ҳар чӣ дорам, эй Ватан, инъоми ту.
Қадри ту болотар аст аз Каҳкашон,
Хобу хезам сар шавад бо номи ту.

Хоҳему нахоҳем, аксари аҳли назар ва адабдӯстони тоҷик Асад Гулзодаро ба унвони шоири бачаҳо мешиносанд. Агар мунсифона бигӯем, ҳамин тавр ҳам ҳаст. Зеро қисмати умдаи сурудаҳои шоир бозгӯкунандаи олами поку беолойиш ва нафису латифи кӯдакону наврасон аст. Оҳ, чӣ қалбе бояд дошт, ки одам дар ин дунёи ноҳамвор 80-90 сол зиндагӣ кунад, бори пурмашаққати рӯзгорро мардонавор бар дӯш кашад, ба талхиҳо, сахтиҳо, номуродиҳо, яъсу ноумедиҳо, ноҷавонмардиҳо,

мусибату ҷудоиҳое, ки пеш омада, рустамона таҳаммул кунад ва бозу боз чеҳрааш кӯдакворо, латиф, самимӣ ва бомуҳаббат бидурахшад! Оҳ, чӣ рӯҳе бояд дошт, ки ба одаму олам некбинона нигоҳ кунад ва ошиқи содиқи инсоният бошад. Ин ҳолат наметавонад иктисобӣ бошад, илло ин ки худододӣ. Ва Худоро шукр, ки ҳамин неъмати худодод – "қабули хотиру лутфи сухан", қалби поку рӯҳи беолойиш ба Асад Гулзодаи Бухороӣ арзонӣ дода шудааст. Аз ин ҷост, ки шеъри ӯ ба дилу дидаи мо гармтар аз офтоби Бухоро фараҳу рӯшанӣ ва гармӣ мебахшад. Шеъри Асад Гулзода мисли худаш офтобӣ ва ситорагарм аст...

Асад Гулзода дар сурудани шеъри кӯдак устоди камназир аст. Ончунон ки доманаи мавзӯъоти ашъори кӯдакона ё бачагонаи шоир ниҳоят васеъ аст, теъдоди қаҳрамонҳо ва персонажҳо – *писар, духтар, донишомӯз, фарзанд, бародар, хоҳар, модар, падар, бобо, модаркалон, амак, амма, хола, муаллим, муаллима, мӯсафед, устод, ҳамсинф, рафиқ, дӯст, ҳамкор, усто, ҳавонавард, аскар, марзбон, ронанда, муҳандис, духтур, шоир, рассом, фурӯшанда, тоҷир, милиса, посбон, деҳқон, боғбон, чӯпон, моҳигир, бофанда, дӯзанда...* низ зиёд аст. Гузашта аз ин, иштироки фаъоли ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ, ҷонварҳо, парандагон, хазандагон... бо анвоъи касир, ҳамчунон ҳузури ниҳоят ғании ашё ва падидаҳои табииву сунъӣ – *хона, дар, девор, роҳ, кӯча, дарахт, деҳа, шаҳр, ҷӯйбор, дарё, саҳро, кӯҳ, қулла, чӯб, миз, сандалӣ, мактаб, арча, санг, хок, об, боғ, ток, токзор, пахта, пахтазор, саҳар, рӯз, пешин, шом, шаб, нисфи шаб, моҳ, ситора, ситорагон, офтоб, нур, шӯъла, равшанӣ, торикӣ, бод, борон, барф, раъд, барқ, гармо, сармо, жола, лола, гул, гиёҳ...* ба тақвияти ҷанбаҳои маърифатшиносӣ (гносеологӣ), иртибототӣ (коммуникативӣ) ва воқеъгароии шеъри Асад Гулзода коми-

лан мусоидат кардааст.

Пас аз пешгуфторҳои муфассал ва таҳқиқгунаи профессор Таваккал Чориев ба ҷилдҳои якуму дуввуми "Куллиёти осор"-и шоир, фикр мекунам, ниёзе ба муаррифии зиндагӣ ва роҳу равиши шоирии Асад Гулзодаи Бухороӣ намемонад. Фақат бо ин нукта иктифо мекунам, ки то имрӯз намунаҳои шеъри Асад Гулзода дар маҷмӯъаҳои ӯ бо номҳои "Насими Бухоро" (Бухоро, "Бухоро", 2001), "Хати пешона" (Душанбе, "Суруш", 2003), "Шукуфаҳои Бухоро" (Душанбе, "Маориф ва фарҳанг", 2004), "Нафаси баҳор" (Душанбе, "Маориф ва фарҳанг", 2007), "Намози рӯи барг" (Душанбе, "Маориф ва фарҳанг", 2007), "Арзи сипос" (Бухоро, "Бухоро", 2012), "Куллиёти осор. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 1" (Тошканд, "Янги нашр", 2017), "Куллиёти осор. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 2" (Тошканд, "Янги нашр", 2018), ҳамчунин, дар маҷмӯаҳои дастҷамъии "Мурғобӣ чӣ мекобад?", "Лафзи ширин", "Каҳкашони орзӯ", "Гули мурод", "Гулистони адаб", "Фариштагони форсигӯ", "Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон: қарни бистум то кунун", "Тазкираи адабиёти бачаҳо", дар китобҳои дарсии хонишу забони модарии синфҳои ибтидоӣ, адабиёти синфи 11-и мактабҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар саҳифаҳои матбуоти даврии Ӯзбекистону Тоҷикистон ва хориҷ аз он ба чоп расида ва дастраси мухлисон гардидаанд. Вале мутаассифона, бояд гуфт, ки китобҳои чӣ дар Бухоро ва чӣ дар Душанбе чопшудаи шоир бо ғалатҳои бешумори имлоӣ, китобатӣ ва ғайра ҳам дили шоир, ҳам табъи хонандаро хира менамуданд. Табиист, ки ин сегона, яъне, "Куллиёти осор" низ аз ғалатҳои мухталиф орӣ нест, вале умед мекунем, ки нисбат ба чопҳои пешинаи ашъори шоир беҳтар ва гузидатар бошад. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки муҳаққиқони мо бар асоси нашри мазкур бо итминони қавитар ба таҳқиқу

тадқиқи шеъри Асад Гулзода бипардозанд.

Пӯшида ҳам намонад, ки ин куллиёти сегона дарбаргирандаи тамоми сурудаҳои шоир набуда, балки як навъ гузидае аз онҳост. Сурудаҳои шоир тақрибан ба ҳамин миқдор шеър, ки дар дастраси шумо, хонандагони азиз қарор дорад, ба далелҳои мухталиф хориҷ аз чоп мондааст. Яке аз ин гуна далоили узровар такрори абёту мисраъҳо дар чандин шеър, дигар аз далоилаш дар ду ё се шакли таҳриршуда ё тағйирёфта вуҷуд доштани як шеър аст. Умед аст, ки дар оянда қадами дуввум ҳам ниҳода шавад ва куллиёти шашҷилдаи шоир дар маърази мутолиаи адабдӯстон қарор бигирад.

Бархе аз соҳибназарони тоҷику эронӣ Асад Гулзодаро "охирин шоири форсигӯйи Бухоро" хондаанд. Дар ин таъбир як ҷаҳон дарду алам нуҳуфтааст. Вале фикр мекунам, ин яъсест, ки дар умқи худ раҷо – умеде баояндаро ниҳон медорад. Умед баояндае, ки шеъри форсии тоҷикӣ дар боргоҳ ва коргоҳи шоирии Одамушшуаро Рӯдакӣ – Бухорои шариф ҳамеша реша дар об бошад...

***Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ,***
*доктори улуми фалсафа (Ph.D),*
*узви Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон*

# АТРИ ВАТАН



*Сарбаландам дар сари хокат, Ватан,*
*Баҳри ҳифзат медиҳам ман ҷону тан.*
*Ҳар кӣ монад беватан, гардад ғариб,*
*Назди хокат ҳеҷ не мушки Хутан.*

## ЭЙ ВАТАН!

Хоки покат бӯйи одам мекунад,
Камбағалро бою Ҳотам мекунад.
Баски ҳосилхез бошад хоки ту,
Оламеро сабзу хуррам мекунад.

Бо ту ҳастам рӯзу шаб дар гуфтугӯ,
Бо ту ҳастам рӯзу шаб дар ҷустуҷӯ.
То намоям мушкилеро ҳаллу фасл,
Бо ту ҳастам ҳар куҷое рӯбарӯ.

Сарбаландам дар сари хокат, Ватан,
Баҳри ҳифзат медиҳам ман ҷону тан.
Ҳар кӣ монад беватан, гардад ғариб,
Назди хокат ҳеҷ не мушки Хутан.

Бо ту нозам, кишвари озоди ман,
Сарзамини хурраму ободи ман.
Дар ҷаҳон мулке набошад мисли ту,
Бо ту болад халқи ман, авлоди ман.

Буду ҳастам моли ту, зебо Ватан,
Дар раҳат бодо фидо ин ҷону тан.
Ман надидам мисли ту ғамхорае,
Гаштаӣ ту сарпаноҳи марду зан.

Зар фишонад дар барат Омую Сир,
Чашмаю рӯдат бувад дарёи шир.
Ҳар куҷоят кони ганҷу кони зар,
Сарбаланд аст ҳар ҷавону шахси пир.

Обу хокат бебаҳо аст, кишварам,
Меҳри ту дар дидаҳо аст, кишварам.
Мисли ту зебо маконе дар куҷост,
Ранги ҷаннат водиҳо аст, кишварам.

Эй Ватан, дар хидматат омодаем,
Баҳри ҳифзат ваъдаҳо ҳам додаем.
То кунем бар ваъдаҳои худ вафо,
Рӯзу шаб дар сарҳадат истодаем.

Эй Ватан, гӯйӣ агар бар марду зан:
Байрақи фатҳи маро бар Зӯҳра зан!
Роҳи нав бар сӯйи гардун мекашем,
То ки гӯянд аҳли олам: қанд зан!



## ӮЗБЕКИСТОН

Ӯзбекистон ҷисми ман,
Ҷисми маро ҷони ман.
Зарраи хокаш зар аст,
Марҳаму дармони ман.

Медорамаш басо дӯст,
Бо ӯ пурифтихорам.
Ин меҳани азизро
Модари худ шуморам.

Дар оғӯшаш зодаам,
Аз ин рӯ озодаам.
Ба олами рангинаш
Дилу ҷонро додаам.

Обу ҳавош мӯътадил,
Роҳат кунад ҷону дил.
Кишвари ободи ман,
Беҳтарин ҷову манзил.

Машҳури олам аст он,
Манзури одам аст он.
Мулки фаровон бувад,
Сарсабзу хуррам аст он.

Шӯҳрати он баланд аст,
Обрӯяш бегазанд аст.
Мардумаш меҳнатқарин,
Ғайраташ ҳам дучанд аст.

## МУСТАҚИЛӢ МУБОРАК!

Эй Ватани озодам,
Мустақилӣ муборак!
Сарзамини ободам,
Мустақилӣ муборак!

Тӯй асту базм дорӣ,
Савту садо муборак!
Ҳусни ту сад ҷаҳон шуд,
Ҳусни расо муборак!

Эй кишвари номдорам,
Шавкати ту муборак!
Ўзбекистон исми ту,
Давлати ту муборак!

## БУХОРОНОМА!

Эй Бухоро, шамси иқболам туӣ,
Дар фазои қисматам болам туӣ.
Дар замони бенизому пурқиём,
Муттакои ҳолу аҳволам туӣ.

Эй Бухоро, аз ту ҷӯям асли худ,
Эй Бухоро, аз ту ҷӯям насли худ.
Чун ту ҳастӣ манзили ҷону дилам,
Эй Бухоро, аз ту ҷӯям васли худ.

Эй Бухоро, меҳри ту пайванди ҷон,
Ишқи ту дар мағз-мағзи дил макон.
Тифлаконро модари ҷон астӣ ту,
То ҷаҳон боқист, бошӣ ҷовидон.

Эй Бухоро, гарди хокат тутиё,
Он қадар бисёр бошад авлиё.
Ту зиёратгоҳи олам гаштаӣ,
Дарду ранҷи оламиёнро даво.

Эй Бухоро, шаҳри беҳамтои ман,
Мулки аҷдоди ману маъвои ман.
Бе ту ман берӯзию бечораам,
Ин бувад бар душманон даъвои ман.

Эй Бухоро, хонаи ободи ман,
Эй Бухоро, маскани озоди ман.
Аз назарҳо чӣ қадар дур мондаӣ,
Кай расад бар гӯши ту фарёди ман?

Эй Бухоро, шаҳри армонҳои ман!
Эй Бухоро, шаҳри дармонҳои ман!
Бар кӣ армон, бар кӣ дармон гаштаӣ,
Ин саволро додааст Синои ман.

Эй Бухоро, қиблаи имони ман,
Эй Бухоро, ҷавҳари виҷдони ман!
Бо ту ман зӯру тавоноям ба даҳр,
Эй Бухоро, орзӯ, армони ман.

Эй Бухоро, сарпаноҳи ман туӣ,
Шабчароғу раҳнамои ман туӣ.
Бе ту ман ҳар лаҳза раҳгум мезанам,
Раҳбари қисматкушои ман туӣ.

Эй Бухоро, чашмаи илҳоми ман,
Эй Бухоро, шӯҳрату ҳам номи ман.
Бо ту гаштам шоири овозадор,
Бо ту гашта ширу шаккар коми ман.

Эй Бухоро, дар канорат растаам,
Эй Бухоро, бар ту ман дил бастаам.
Дар канорат зиндаву озодаам,
Қисмати худ бо ту ман пайвастаам.

Эй Бухоро, нури чашмони манӣ,
Эй Бухоро, зӯру дармони манӣ.
Бо ту монам зиндаву ҷовид ман,
Ҷисми ранҷури маро ҷони манӣ.

Эй Бухоро, манзили ободи ман,
Кишвари гарданкашу озоди ман.
Бо ту нозам, бо ту фахрам дар ҳаёт,
Пойдевор, иттико,  бунёди ман.

Эй Бухоро, ҳасрату дарди манӣ,
Як муқим, аммо ҷаҳонгарди манӣ.
Кай шавад бо ҳам биёяд ҷону тан,
Рангу рӯйи кандаву зарди манӣ.

Эй Бухоро, шаҳри ободи манӣ,
Бӯстони шарқи озоди манӣ.
Баҳри наслу асли мо гаштӣ Ватан
Манбаи илҳоми эҷоди манӣ.

Эй Бухоро, бо ту дорам гуфтугӯ,
Таърихатро менамоям ҷустуҷӯ.
Санаи номаълумат аз ҳад зиёд,
Бо кутуби сӯхта гаштам рӯ ба рӯ.

Эй Бухоро, сарпаноҳи ман туӣ,
Банду басту ҳам дуои ман туӣ.
Аз канорат дур будан мушкил аст,
Қалби пур аз муддаои ман туӣ.

Эй Бухоро, ҷон-ҷаҳони ман туӣ,
Давлату ганҷи равони ман туӣ.
Гарм бинам доимо бозори ту,
Чашми серу обу нони ман туӣ.

Эй Бухоро, сархати номам туӣ,
Хастаам ман, роҳати ҷонам туӣ.
Обу хокат дорую дармони ман,
Хуб донам, шӯҳрату шонам туӣ.

Эй Бухоро, яккаву танҳо туӣ,
Дар ду олам аз ҳама зебо туӣ.
Ҳусни ту болотар аз зебоӣ аст,
Дар замини Осиё доро туӣ.

Эй Бухоро, кӯчаҳоят тангу тор,
Сокинонат менамоянд ифтихор.
Қалби ҳар як мисли осмон беканор,
Гарчӣ бошад ҳавлиҳоят тангу тор.

Эй Бухоро, шаҳри хубу нозанин,
Бар дилу бар дидагон ҳастӣ қарин.
Чашм бикшода туро мо дидаем,
Баҳри инсон ҳастӣ ту тахти барин.

Эй Бухоро, сарзамини хуррамӣ,
Аз ягон мулке надорӣ ту камӣ.
Буд канорат ҷаннати афсонавӣ,
Гаштаӣ ту ифтихори одамӣ.

Эй Бухоро, рӯзе бе ман монӣ ту,
Пас китоби шеъри манро хонӣ ту.
Дарди манро баъд фаҳмӣ, шаҳри ман,
Қадри манро баъди рафтан донӣ ту.



## ПАЁМЕ АЗ БУХОРО

Аз Бухоро мо салом овардаем,
Ҳурмату сад эҳтиром овардаем.

То ки бошем лоиқи базми шумо,
Гавҳари садҳо калом овардаем.

Меҳри поки мардуми куҳандиёр
Ҳамчу тӯҳфа ҷузъу том овардаем.

То ки бошад бахтатон доим сафед,
Нури иймон бардавом овардаем.

Мо барои дӯстони меҳрубон,
Як паёми бомақом овардаем.

Аз Бухорои шарифи арҷманд
Ҳамзабононро паём овардаем.

## ШУКРОНА

Шукри хони пурнеъмат,
Шукри нони беминнат.

Ризқи мо пуру паймон,
Роҳат кунад тану ҷон.

Шукри обу ҳавояш,
Ба ҷисму ҷон давояш.

Кишвари мо ҷаннат аст,
Ифтихори миллат аст.

Доим меҳнат мекунем,
Шукри ваҳдат мекунем.

Забони гӯё дорем,
Халқи тавоно дорем.

Беҳад шукргузорем,
Раҳбари доно дорем.

Хушбахттарин инсонем,
Ҳамқадами замонем.

## ШАҲРИ БАҲОРОҒӮШ

Обу ҳаво устувор,
Зимистонаш баҳор аст.

Ба ҷойи барфу жола
Боронаш новашор аст.

Пероҳанаш пургулу
Доманаш сабзазор аст.

Хиёбону кӯчаҳо
Саросар арчазор аст.

Ҳамеша боғу роғаш
Пургулу лолазор аст.

Мардуми меҳнатшиор
Аз пайи кору бор аст.

Арӯси сол Бухоро
Аз он дар ифтихор аст

## БОҒИ СОМОНИЁН

Дар маркази Бухоро
Як боғи хурраме ҳаст.
Барои пиру барно
Гӯшаи марҳаме ҳаст.

Дарахтони гуногун
Шоха ба шоха раста.
Гуё ба хидмати халқ
Аҳду паймоне баста.

Ранга ба ранга гулҳо
Зеби ҷаҳон гаштаанд.
Аз бӯйи хуши онҳо
Гулпаракон чӣ мастанд.

Мақбараи Сомонӣ,
Зиёратгаҳи мардум.
Номи амири олам
Ҳаргиз намешавад гум.

Оби зулоли ҳавзаш
Ба тан роҳатрасон аст.
Дар гармои тобистон
Роҳати ҷисму ҷон аст.

Ҷон мебарад ҳаловат
Як ҷойи истироҳат.
Ту ҳам биё, дар ин ҷо
Даме бубин фароғат.

## ЭЙ ДИЁРИ ГУЛ БА САР

Эй диёри гул ба сар,
Дурӣ ту аз шӯру шар.

Хонаи аҳли башар,
Парчами ваҳдат ба сар.

Халқи ту меҳнаткаш аст,
Кору бораш дилкаш аст.

Пешааш созандагӣ,
Бахти вай бебаркаш аст.

Кишвари ободи ман,
Давлати озоди ман.

Ифтихори халқи ман,
Мояи эҷоди ман.

*Бухоро, 13 феврали соли 2007*

## ГИР ДУО

Кас, ки шуд чун Ҳотами ҳимматбаланд,
Кору бораш бобарору бегазанд.

Дасти ҳиммат бар ҳама созад дароз,
Ҳар ки гӯяд, умри ӯ гардад дароз.

Пиру барно иззаташ оранд баҷо,
Медиҳанд аз тахти дил бар ӯ баҳо.

Баҳра ёбанд беваю бечораҳо,
Мекунанд дар ҳаққи ӯ садҳо дуо:

Кам нагардад, сарваташ гардад зиёд,
Номи некаш дар ҷаҳон поянда бод!

Одаму олам варо ёдаш кунанд,
То ки зинда, қалби ӯ шодаш кунанд.

*Бухоро, 20 ноябри соли 2018*

## ОРЗӮ

Вақте ҷавон мешавам,
Хонда пурдон мешавам.
Бар марзу буми Ватан,
Дон, ки посбон мешавам.

Хоки муқаддаси он,
Дӯст дорам аз дилу ҷон.
Онро ҳимоят кунам,
То бишавам қаҳрамон.

Сарҳад мустаҳкам гардад,
Ҳаёт ҳам хуштаъм гардад.
Ваҳдат ҳукмрон бошад,
Мардум хотирҷамъ гардад.

*Бухоро, 21 феврали соли 2015*

## САМАРҚАНД

Самарқандам, Самарқандам,
Ту кони шарбату қандам.
Ту додӣ донишу пандам,
Ба меҳрат решапайвандам.

Ту ҳастӣ шӯҳраи олам,
Нагардад эътиборат кам.
Аё, шаҳри дилангезам,
Ба ҳуснат ҳусн гардад зам.

Ту фахри миллатам ҳастӣ,
Ту ганҷу сарватам ҳастӣ.
Ту маҳди илму ирфонӣ,
Ту авҷи шӯҳратам ҳастӣ.

## ДЕҲИ ШАВГОН

Як деҳаи шукуфон
Даруни боғу бӯстон.
Гулистон аст саросар,
Дар фасли навбаҳорон.

Як гӯшаи обод аст,
Мардумаш ҳам озод аст.
Хушрафтору хушгуфтор,
Ҳоло хушбахту шод аст.

Манзили пахтакорон,
Мактаби чорводорон.
Устоди касбу коранд,
Иқболашон дурахшон.

Қадри обу заминро,
Қадри давру замонро,
Аз ҳама беҳтар донанд,
Талаботи ҷаҳонро.

Маҳсули дастонашон,
Ҳосили аълояшон,
Талаботи бозор аст,
Бахти дурахшонашон.

Зодагони Шавгонанд,
Хушбахттарин инсонанд.
Соҳиби молу давлат,
Машҳури ин ҷаҳонанд.

*Бухоро, 3 марти соли 2015*

## ВАТАНИ ОЗОД

Қадри обу хокашро,
Қадри намак, нонашро,
Қадри зару конашро
Бояд, ки мо бидонем.

Қадри кӯҳу саҳроро,
Қадри дашту паҳноро,
Қадри дӯсту ошноро,
Бояд, ки мо бидонем.

Қадри шаҳру деҳотро,
Қадри ҳусни боғотро,
Қадри халқи дилшодро,
Бояд, ки мо бидонем.

Қадри мулки ободро,
Сарзамини озодро,
Бахти худододаро
Бояд, ки мо бидонем!

*Бухоро, 5 марти соли 2015*

## ДАР ВАСФИ БУХОРО

Эй шаҳри дилнишинам,
Дилбари нозанинам.

Гулшани олам астӣ,
Ҷаннати одам астӣ.

Аз ҷону дил парастам,
Ба мисли бутпарастам.

Таърихи хоса дорӣ,
Аз он дар ифтихорӣ.

Ободу навҷавонӣ,
Поянда низ бимонӣ.

Мардумат ҳимматбаланд,
Хушсурату дилписанд.

Азизу меҳмоннавоз,
Дасту дилу дида боз.

Меҳрубону ғамхоранд,
Меҳру муҳаббат доранд.

Ҷавонанду кабиранд,
Дар ҳиммат беназиранд.

Халқи баору номус,
Бо ҳама ёранду дӯст.

Гарчӣ қавми беозор,
Зирак ҳастанду ҳушёр.

Қадри миллат медонанд,
Қадри ҳиммат медонанд.

Гаҳвораи тамаддун,
Ҳам кохи илму фунун.

Қадамгоҳи бузургон,
Илму ирфонро макон.

Шаҳри худро дӯст доранд,
Бо он пурифтихоранд.

Азбаски вафодоранд,
Аз хотир кай бароранд?

*Бухоро: Шавгон, 13 марти соли 2015*



## МЕРОСИ СУҒДИЁН

Чун Бухоро азизӣ,
Шаҳри азим, Самарқанд.
Сайқали рӯйи замин,
Шаҳри қадим, Самарқанд.

Зебову навҷавонӣ,
Дилкушоӣ, Самарқанд.
Бо меваҳои ширин
Дилрабоӣ, Самарқанд.

Обу ҳавои нағзат
Ҳузури ҷон, Самарқанд.
Канори Оби Раҳмат
Ба дард дармон, Самарқанд.

Бол кушо, парвоз намо,
Шаҳри армон, Самарқанд.
Ояндаат дурахшон,
Фахри замон, Самарқанд.

Ду дидаи биноям,
Бухорову Самарқанд.
Гавҳари бебаҳоям,
Бухорову Самарқанд.

*Бухоро, 14 марти соли 2015*

## САМАРҚАНДУ БУХОРО

Ду нури дидагонам –
Самарқанду Бухоро.
Ҳам зӯру ҳам тавонам –
Самарқанду Бухоро.

Мероси рафтагонам –
Самарқанду Бухоро.
Аз рафтагон нишонам –
Самарқанду Бухоро.

Маскани суғдиёнам –
Самарқанду Бухоро.
Уммеди ду ҷаҳонам –
Самарқанду Бухоро.

Номатон дар забонам –
Самарқанду Бухоро.
Бе шумо нотавонам –
Самарқанду Бухоро.

Ду шаҳри дилписандам –
Самарқанду Бухоро.
Шерони сарбаландам –
Самарқанду Бухоро.

Дар оянда иишонам –
Самарқанду Бухоро.
Бо шумо зинда монам –
Самарқанду Бухоро.

Замини сарбадорон –
Самарқанду Бухоро.
Гаҳвораи далерон –
Самарқанду Бухоро.

Рашки Чину Рум шумо –
Самарқанду Бухоро.

Ду баҳри Қулзум шумо –
Самарқанду Бухоро.

Маскани илму ирфон –
Самарқанду Бухоро.
Маъвои зеборӯён –
Самарқанду Бухоро.

Ҳоло ки пуртавонед –
Самарқанду Бухоро.
Ба роҳи худ равонед –
Самарқанду Бухоро.

Ифтихори замонед –
Самарқанду Бухоро.
Гаҳвораи ҷаҳонед –
Самарқанду Бухоро.

Дар ин ҷаҳони фонӣ –
Самарқанду Бухоро.
Бародарони ҷонӣ –
Самарқанду Бухоро.

Ҳамеша бонишонед –
Самарқанду Бухоро.
То абад боқӣ монед –
Самарқанду Бухоро.

Ду гулистони олам –
Самарқанду Бухоро.
Ҷаннати кулли одам –
Самарқанду Бухоро.

Ду қутби ин заминед –
Самарқанду Бухоро.
Ба фикри ман аминед –
Самарқанду Бухоро.

*Бухоро, 24 марти соли 2015*

## МАРДУМИ ПУРИФТИХОР

Як мардуми бофарҳанг,
Оқилу безор аз ҷанг,
Қалбаш нарму на аз санг,
Меҳмоннавоз,
Сарфароз!

Хушодобу хушрафтор,
Дилкаш асту хушгуфтор,
Раҳмдилу беозор,
Меҳмоннавоз,
Сарфароз!

Забонаш ширин аз қанд,
Кушояд ҳар басту банд,
Таъмаш себи Самарқанд,
Меҳмоннавоз,
Сарфароз!

Донишманду илмдӯст,
Заҳматкашу ватандӯст,
Меҳрубону одамдӯст.
Меҳмоннавоз,
Сарфароз!

Зи душман тарс надорад,
Гарчӣ ба ӯ нафорад,
Базри бадӣ накорад.
Меҳмоннавоз,
Сарфароз!

Гӯё кони андеша,
Дӯстиро карда пеша,
Чанори сабзреша.

Меҳмоннавоз,
Сарфароз!

Бухороӣ унвонаш,
Зи бостон монда номаш,
Ҳақиқат аст, гумонаш.
Меҳмоннавоз,
Сарфароз!

Ҳаёташ бод дурахшон,
Ояндааш гулафшон,
Гувоҳ аст таърихи он.
Меҳмоннавоз,
Сарфароз!

Бухоро, 10 августи соли 2015

## СОЛИ ТАҚДИРСОЗ

*Эҳдо ба ҷонфидои халқу башар, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон мӯҳтарам Шавкат Миромонович Мирзиёев*

Имсол – Соли мулоқот,
Имсол – Соли мукофот.
Имсол – Соли тариқат,
Имсол – Соли ҳақиқат.
То нашавӣ ту риққат,
Ба ҳар сухан кун диққат
– Гуфта эълон намуданд
Президенти Хирадманд.

Ба қадри халқ расидан,
Арзи ӯро шунидан,
Ба дарди пиру барно
То намоем мо шифо,
Вазифаи раҳбар аст,
Маҳсули ҳар сарвар аст
– Гуфта эълон намуданд
Президенти Хирадманд.

Роҳро ба дӯст кушодан,
Ба душман роҳ надодан,
Дурро андеша кардан,
Дар байни мардум будан,
Ғамҳои онро хӯрдан,
– Гуфта эълон намуданд
Президенти Хирадманд.

Дарҳо кушода гардид,
Дилҳо кушода гардид,
Қулфҳои дар бастаро,
Пора-пора намуданд,

Ҷудоӣ аз байн бурданд,
– Гуфта эълон намуданд
Президенти  Хирадманд.

Соли сиёсат бувад,
Соли саноат бувад,
Соли тиҷорат бувад,
Соли рафоқат бувад,
Соли адолат бувад
– Гуфта эълон намуданд
Президенти  Хирадманд.

Соли меҳру оқибат,
Соли иқболи миллат,
Соли инсоф, адолат,
Бошед Шумо саломат,
Сол – соли сулҳу ваҳдат,
Соли икрому иззат,
– Гуфта эълон намуданд
Президенти  Хирадманд.

Хулоса:
Раҳмат ба раҳбари мо,
Раҳмат ба сарвари мо!
Зиндагӣ аз бар карданд,
Инқилобе сар карданд.
Ватан обод мешавад,
Халқи мо шод мешавад.

*Бухоро,  2 марти  соли 2017*

## ДАР ВАСФИ ҒУРБУН

Хеле обод медонам,
Майдони меҳнат хонам.

Халқи меҳнаткаши он,
Халқи заҳматкаши он

Дояи давлат ҳастанд,
Пояи давлат ҳастанд.

Боғу роғ барпо кунанд,
Саҳроро зебо кунанд.

Чор фасли сол баробар
Пиру ҷавон сафарбар

Дар замин меҳнат кунанд,
Ҳузури онро бинанд.

Себу анор, зардолу,
Олуи сурх, шафтолу

Шӯҳрату шони онҳо
Сарвати беинтиҳо.

Аз меваҳои онҳо
Бозор гардад дилкушо.

Сабзавоти фаровон –
Серии хурду калон.

Номи баланди деҳқон,
Зинда бимон ҷовидон.

Эй деҳқонони Ғурбун,
Нонатон гардад бутун.

Ҳаргиз бекор намонед,
Нобудиро набинед.

## ЎЗБЕКИСТОН – МУЛКИ ДИЛРАБО

Ту мулки дилкушоӣ,
Ту мулки дилрабоӣ.

Чор фасли ту баҳор аст,
Доманат лолазор аст.

Мероси аждодонӣ,
Ифтихори замонӣ.

Ту хоки поки моӣ,
Кишвари бебаҳоӣ.

Маркази дини ислом,
Саҷдагоҳи куллу ом.

Ҳам Маккаю Мадина
Чӣ имрӯзу чӣ дина.

Дашту чӯлат пур аз кон,
Дастурхонат пур аз нон.

Давлати беҳамтоям,
Мадҳи туро намоям:

Савлатам Ўзбекистон
Давлатам Ўзбекистон!

*Бухоро, 17 январи соли 2019*

## МЕРОСИ ГАРОНБАҲО

Мардуми бурдборем,
Бар касе кор надорем,
Орому сулҳ шуморем,
Тухми муҳаббат корем.

Пуркору созандаем,
Ба ҳаққи худ бандаем,
Лаҳзае бекор наем,
Оқилу ҷӯяндаем.

Ватанро обод кунем,
Халқи худро шод кунем,
Ҳаёт гардад фаровон,
Меҳнати озод кунем.

То ки беғам набошем,
Дар ғами фардо бошем.
Ба наслҳои оянда
Меросе монда бошем.

Мероси мо Ватан аст,
Хубтар аз ҷону тан аст.
Бар он сазавор бошанд,
Манзили марду зан аст.

*Бухоро, 17 феврали соли 2019*

## ЯГОНАӢ ДАР ҶАҲОН

Бар ҷисми ман ҷон астӣ,
Қуввату дармон астӣ.
Дар ҷаҳони беканор
Беҳтарин макон астӣ.

Исми ту Ӯзбекистон,
Зеботарин гулистон.
Хоки муқаддасӣ ту,
Ягонаӣ дар ҷаҳон.

Мардумат меҳнатшиор,
Пахтакору ғаллакор.
Пиру барно даст ба кор,
Қаҳрамон асту забдор.

Кишварро обод кунем,
Қалби ҳама шод кунем.
Дар ин ҷаҳони фонӣ
Зиндагӣ озод кунем.

*Бухоро, 18 январи соли 2019*

# БУЗУРГОНИ БУХОРО



*Як шоири забардаст*
*Дар олами адаб буд.*
*Шеърҳои пурошӯбаш*
*Бар шӯҳраташ сабаб буд.*

## АБУАБДУЛЛОҲ ҶАЪФАРИ РӮДАКӢ

Аз кӯдакӣ Рӯдакӣ
Дар Бухоро зиста буд.
Дар ин шаҳри дилоро
Тақдираш пайваста буд.

Дар боргоҳи Сомонӣ
Як фарди хосае буд.
Дар хизмати шоҳонаш
Умре пайваста буд.

Як шоири забардаст
Дар олами адаб буд.
Шеърҳои пурошӯбаш
Бар шӯҳраташ сабаб буд.

Падари шеъри форсӣ
Ба ӯ насиб карда буд.
Дар замони Сомонӣ
Маърифат гул карда буд.

## СИНОИ БУХОРОӢ

Касбу кораш манзур аст,
Чун Афлотун машҳур аст.
Пешвои илми тиб ӯ,
Табибу ҳам духтур аст.
Олими машҳури мо,
Аз аҷдоди дури мо.

Истеъдоди худод
Аз куфру дин ҳам озод.
Бо аҷал дар талош аст
Меҳрубон асту дилшод.
Олими машҳури мо,
Аз аҷдоди дури мо.

Дасти маризон гирад,
Мурдае ҳам ҷон гирад.
Умед ба дилҳо бахшад,
Дар ғами халқ бимирад.
Олими машҳури мо
Аз аҷдоди дури мо.

Донишманди замон буд,
Алломаи даврон буд.
“Шайхурраис” унвонаш
Тахти адаб макон буд.
Олими машҳури мо
Аз аҷдоди дури мо.

Дастураш “Ал-қонун” гашт,
Дар ҷаҳон машҳур бигашт.
Дар мактабу мадраса
Қиматаш коста нагашт.
Олими машҳури мо
Аз аҷдоди дури мо.

Осори "Шифо"-и он
Ба ҳар дарде шуд дармон.
Раҳнамои табибон
Мушшкилот созад осон.
Олими машҳури мо,
Аз аҷдоди дури мо.

Дар тибби давру замон
Китоби дарсӣ ҳамон.
Бо кароматӣ Сино
Ифтихор дорад ҷаҳон.
Олими машҳури мо,
Аз аҷдоди дури мо.

*Бухоро, 26 октябри соли 2018*



## ОРМОНИ СИНО

Сино ҷаҳонро гирифт
Бо асари “Шифо”-яш.
Даво бахшид ба бемор
Бо ҳарфу бо ҳиҷояш.

Пири табибон гардид
Бо дорую давояш.
Донишманди замон гашт
Ба хидмати аълояш.

Гарчи фарзанди мо буд
Аз аслӣ худ ҷудо буд,
Ӯро бадарға карданд
Фикру зикраш ба мо буд.

Ёди Бухоро мекард
Нафрат ба дунё мекард.
“Осмон баланд замин сахт”
Дил санги хоро мекард...

Армонашро ба гӯр бурд,
Дар ғарибӣ ҷон супурд.

*Бухоро, 27 октябри соли 2018*

## ШӮҲРАТИ БУХОРО

Рамзи тибби олам аст Ибни Сино,
Мушкилкушои одам аст Ибни Сино.

Таълимоташ рӯйи оламро гирифт
Мекунад инсон варо мадҳу сано.

Ибни Сино фахри духтурҳои мо,
Бахри онҳо раҳкушою раҳнамо.

Илми тибро хишти аввал ӯ гузошт,
Таълимоташ олами  дардро даво.

Ҳаммакони мо бувад Ибни Сино,
Ҳамзабони мо бувад, Ибни Сино.

Дар ҳамин ҷо зодаву машҳур шуд,
Ифтихори мо бувад Ибни Сино.

*Бухоро, 11 ноябри  соли 2018*

## НАХЛИИ БУХОРОӢ

Шоири дарбори Аштархониён,
Зистааст дар давраи бегонагон.
Аз замонаш мондааст ному нишон
“Зинда” монда то кунун “Девон”-и он.
Дар қасида мадҳи шоҳон кардааст,
Дар ғазал авсофи ҷонон кардааст.
Аз замон арзу шикоят кардааст,
Аз рақиб  худро ҳимоят кардааст.
Дар сарое, ки бадаш бисёр буд,
Садди роҳи мардуми бедор буд,
Тоқати ӯ тоқ гашту хонашин,
Бехабар аз ҳоли шоир тахтшин.
Кони ғурбат, кони ғайбат он макон,
Мисли дӯзах ҳар дару утоқи он.
Ҷойи дузду ҷойи ғар буд бегумон,
Шоҳи даврон саврвари бехирадон.
Орзӯи мулки дигар ҳам накард,
Бар тавофи Макка ҳам боре нарафт.
Умри худро дар ҳамин ҷо сарф кард,
Хоки покам дар ҳамин ҷо гуфту рафт.

*Бухоро,  22 ноябри  соли 2018*

## НОСИРИ БУХОРӢ

Шумо фарзанди Бухороед,
Шумо дилбанди Бухороед.

Аз зодагони ин ҷо,
Аз мухлисони ин ҷо,

Аз фақирони ин ҷо,
Аз кабирони ин ҷо,

Шумо Носири Бухороед,
Шумо шоири  Бухороед.

Илму амал омӯхтед,
Ба олам дида дӯхтед,

Шому саҳар нагуфтед,
Аз пайи мақсад рафтед.

Роҳи сафар пеш омад,
Пеш омаду хуш омад.

Аз роҳи дур гузаштед,
Пас ба Ватан нагаштед...

Саёҳат ҳам мактаб аст,
Мувофиқи мақсад аст.

Донишатон васеъ гашт,
Баҳри Шумо дарсе гашт.

Ашъоратон "Девон" шуд,
Машҳури ду ҷаҳон шуд.

*Бухоро,  4 ноябри  соли 2018*

## ПИРОНИ ҶАҲОНДИДА

Хушбахтарин пиронед,
Оқилу ҳам пурдонед,
Арзандаи замонед,
Қадам дониста монед –
Пирони бухороиед,
Ҳафт пири давронед.

Шукри замона доред,
Ҳеҷ камие надоред,
Ғамхору ғамгузоред,
Тухми ваҳдат мекоред –
Пирони бухороиед,
Ҳафт пири давронед.

Симои зебо доред,
Чун шамси нурборед,
Серғайрату пуркоред,
Сарбаланду баоред –
Пирони бухороиед,
Ҳафт пири давронед.

Гар намоз хонед шумо,
Кафи даст пур аз дуо,
Дар ҳаққи пиру барно,
Бигардад он мустаҷоб.
Пирони бухороиед,
Ҳафт пири давронед.

Ҳурмататон баланд аст,
Обрӯтон бегазанд аст,
На ҷойи чуну чанд аст,
Ҳарфу ҳиҷотон панд аст –
Пирони бухороиед,
Ҳафт пири давронед.

Ғамхоратон Ватан аст
Ба ҳама ҷону тан аст,
Зеботар аз чаман аст
Ҷогаҳи марду зан аст –
Пирони бухороиед,
Ҳафт пири давронед.

Фикри оянда доред,
Ба наслатон ғамхоред,
Дар зиндагӣ ҳушёред,
Нақши худро гузоред –
Пирони бухороиед,
Ҳафт пири давронед.

*Бухоро, 11 январи соли 2016*

## МУНЗИМИ БУХОРОӢ

Сарнавишташ буд чунин:
Лоиқи сад офарин!
Ифтихори давлате,
Ҷоннисори миллате.
Буд маорифпарваре,
Баҳри мардум сарваре.
Аз барои кӯдакон,
Аз барои мардумон
Боғчаву мактаб кушод,
Бар ҳама таълим дод.
То биомӯзанд савод,
Бо муҳаббат илм дод.
Аз баҳри мактаби нав,
Ҷони худ монда гарав.
Дастуру китоб навишт,
То шавад олам биҳишт.
Аз баҳри мадраса гузашт,
Аз раҳи худ барнагашт.
Халқ хонаду доно шавад,
Чашми вай бино шавад.
Ливои назм боло бардошт,
Нуқта бар насраш гузошт.
Маҳсули кораш бидид,
Бар мақсад худ ҳам расид.
Мақсади дигар надошт
Аз худ нишон баргузошт ...

*Бухоро, 20 ноябри соли 2018*

## ПАЙРАВ СУЛАЙМОНӢ

Падар, ки савдогар буд,
Роҳи писар дигар буд.

Мехост китобхон шавад,
Оқилу пурдон шавад.

Мактаб хондан ҳам манъ буд,
Дар гузар мактаб набуд.

Тарсида аз замона
Бо либоси занона

Роҳи Когон пеш гирифт,
Роҳ бо дили реш гирифт.

Дар мактаби хусусӣ,
Дар мактабҳои русӣ

Таҳсил хело мушкил буд,
Дур аз ҷову манзил буд.

Пайрав он ҷо шомил шуд,
Ба хондан ҳам дохил шуд.

Забони русӣ омӯхт,
Таҷрибаҳое андӯхт.

Китобҳо русӣ буданд,
Ба Пайрав маъқул шуданд.

Аз онҳо баҳра бардошт,
Хонданро дар хотир дошт.

Шавқи эҷод пайдо шуд,
Бар шеъри рус шайдо шуд.

Ҳамаи ин асар кард,
Тарҷумаро ҳам сар кард.

Бо Айнӣ ҳамдастӣ кард,
Нишона аз ҳастӣ кард.

Шоири пуртавон шуд,
Эҷодкори даврон шуд.

Шеърҳои суннатӣ гуфт,
Шеъри "Сафед" ҳам бисуфт.

"Марши пионер" мисол,
Дар китобҳо шуд дохил.

Вирди забонҳо гардид,
Ифтихори мо гардид.

*Бухоро, 28 октябри соли 2018*

## ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

Устоди арҷманди мо,
Ғамхору дилбанди мо,
Умре қадрдон будед,
Ба сар соябон будед.
Корам тамом шуд, гуфтед,
Оламро падруд гуфтед.
Роҳи сафар барбастед,
Афсӯс, зи олам рафтед.
Ҷоятон ҳоло холӣ,
Шогирдон дар як ҳоле
Пазмони дидоратон,
Бехабар аз ҳолатон.
Ҷоятон дар ҷаннат аст,
Қадратон пурқимат аст.
Асарҳотон зинда аст,
Дар дасти хонанда аст.
Зиндаҳо ёд мекунанд,
Руҳатон шод мекунанд.
Бухоро бешумо монд,
Беоқилу доно монд.
Китобҳотон мактаб аст,
Пурпанду пурҳикмат аст.
Чизе, ки иншо кардед,
Васфи Бухоро кардед.
То қиёмат зиндааст,
Қадратон поянда аст.

*Бухоро, 19 феврали  соли 2017*

## БА МУҲАММАДҶОН ШАКУРИИ БУХОРОӢ

Забоншинос – забондон,
Олими зӯру пурдон.
Дар майдони илму фан
Хуршеду Моҳи равшан.

Синои фанни забон,
Донишманди ин замон.
Номатон вирди забон,
Ягонаед дар ирфон.

Сарвари олимонед,
Бисёр чизро медонед.
Шуморо ҳурмат кунанд
Азизи шогирдонед.

Нубуғатон беҳисоб,
Асарҳотон садҳо боб.
Мушкилкушои илмед,
Нурпошед мисли офтоб.

Ифтихори миллатед,
Дар назари давлатед.
Доимо дар заҳматед,
Ғамхору пурҳимматед.

Шумо бухорӣ ҳастед,
Ба шаҳри худ дил бастед.
Ҷоятон ҳоло холӣ,
Дили моро шикастед.

Дунёро тарк намудед,
Ҳоло-ку бардам будед.

Душанбе бешумо монд,
Бо фиғон марсия хонд.

Ҳоло ҳам азодор аст,
Қалби ӯ пурозор аст.

Номатон ҷовидон аст,
Шӯҳрататон достон  аст.
То қиёмат зиндаед,
Хокҷоятон бӯстон аст.

*Бухоро, 19 феврали соли 2017*

# ТАБИАТИ ДИЁР



*Дар мулки дилнишинам*
*Тантана дорад Наврӯз.*
*Дар мулки нозанинам*
*Замзама дорад Наврӯз.*

## ОРЗӮМАНДИ СОЛИ НАВ

Одамон! Эй одамон, эй одамон!
Мардуми заҳматкашу беормон!
Соли нав бар кишвари мо омадаст
Мужда омад бар Замин аз Осмон.

Ранги пахта барфи тоза боридаст
Бар замини хобида ӯ форидаст.
Хуб донам бурду бохти зиндагӣ
Ин ҷавоби фоли нек гардидааст.

Ай муборак, ёру дӯстон, Соли нав
Бар ҳама бахти сафед, иқболи нав,
Гул кунад ин кишвари зебои мо
Хайра мақдам, Соли нав, эй Соли нав!

Эй Асад, хушнуд шав дар Соли нав,
Бар ҳама бахти сафед, иқболи нав...

## ЗАРАФШОН

Сӯйи мақсад гом зада,
Зари доман афшонда,

Аз Тоҷикистон ба мо
Муждаи хуш расонда.

Файзи баҳор меорад,
Ба роҳ нишона монда.

Ҳадду сарҳад надорад,
Чу шогирди нахонда.

Ба хотири Бухоро
Кӯҳу камарро канда.

То нафаси охирин
Суруди шодӣ хонда.

Роҳ раваду роҳ равад,
Завлонаи по канда.

То ёбад манзили худ,
“Ҷӯяндаву ёбанда”.

## БАҲОРИ ТУ, БУХОРО!

Садои раъд баланд шуд,
Ғами дай решакан шуд.

Омад баҳори хуррам
Борон борад дамодам.

Баҳори ту нозанин,
Арӯси болонишин.

Ҳаво софу беғубор,
Боғҳо сабзу фусункор.

Шаҳрӯдаш гирдоб кунад,
Ҳавзҳоро пуроб кунад.

Бо боғу роғҳои нав
Аз лӯлаҳои обрав,

Файзи баҳор аст ҷорӣ
Ба гулҳои хуморӣ.

Беду гуҷум ҷойдорӣ
Чу сарбози қаторӣ.

Дар як хат саф бастаанд,
Шоха ба шох растаанд.

Кӣ гӯё соябонанд,
Чӣ пиранду ҷавонанд.

Хизмат ба мо намоянд,
Ба ҳар кӣ ҷонфидоянд.

Бухоро дар баҳорон
Дар зери гулборон,

Борони реза борад
Ҷисми заминро форад.

Форам-форам биборад,
Ҳикмати бисёр дорад.

Пур шавад ҷӯю ҷӯйбор
Аз ашки абри баҳор.

Бихандад офтоб ҳар рӯз
Замин гардида пурсӯз.

Қолини сабза борад
Гулҳояш ранга тобад.

Даруни боғу роғҳо,
Намудор шамъчароғҳо.

Қатор-қатор биноҳо,
Гумбазу гумбазчаҳо,

Манораҳои баланд
Ёдгори дилписанд.

Тарҳи мушак-рангоранг
Саёҳон гашта гаранг.

Бу гулҳои рӯйи санг
Нагирад нақши ӯ ранг.

Гумбазҳои каб-кабуд
Ҳамранги оби Шаҳрӯд.

Ҳамранги сабзазорон
Монда ба оби борон

Сару рӯро шустаанд,
Аз гарди ғам растаанд.

Бӯйи гулҳо мебезад,
Мушку абир мерезад.

Дар фасли навбаҳорон,
Дар нек рӯзгорон

Чӣ дилписанд Бухоро,
Боғу роғи дилрабо

Фақат хоси Бухоро
Ту ҳам бикун тамошо.

Чӣ зебову дилрабо,
Баҳори ту, Бухоро!

## ЗАМЗАМАИ НАВРӮЗӢ

Дар мулки дилнишинам
Тантана дорад Наврӯз.
Дар мулки нозанинам
Замзама дорад Наврӯз.

Мардуми толеъбаланд
Ид дорад, Иди Наврӯз.
Чун гул шукуфта ин дам,
Хурсандӣ дорад имрӯз.

Аз файзи навбаҳорон,
Баробар аст шабу рӯз.
Обу ҳаво мӯътадил,
Ба боғу роғ дида дӯз.

Дар кӯҳу дашту саҳро,
Чароғи лола дар сӯз.
Хониши мурғон шунав,
Нокафида чашми рӯз.

Либоси сабз ба бар кард,
Замин дар Иди Наврӯз.
Деҳқон ба кишт сар кард,
То фардо гардад пирӯз.

*Бухоро, 15 марти соли 2015*

## ШЕЪРИ БАҲОРӢ

Оё ҳастед бохабар
Аз ҷаҳону баҳру бар?

Муғчаҳои рӯкушод
Аз баҳори наве ёд.

Раҳ сӯйи саҳро гиред,
Раҳ сӯйи дарё гиред.

Як дам ҳаёт ғанимат,
Тамошои табиат.

Хандаи фасли баҳор –
Доруи қалби бемор.

Булбули гӯё шавед,
Ошиқу шайдо шавед.

Фурсати мо як даме,
Умри мо бошад каме.

Табъи худро шод кунед,
Зиндагӣ обод кунед.

Баҳори нав муборак,
Барори нав муборак!

Муборак рӯзи фирӯз
Муборак Иди Наврӯз!

## АНЪАНАИ НАВРӮЗӢ

Раъд бонги зӯр зад,
Замин аз хоб хест.
Осмони дилпур
Ашки шодӣ рехт.

Табиат хандид,
Гулҳо шукуфтанд.
Шоҳидони он
Ҳарфи худ гуфтанд.

Фасли баҳорон,
Тантана дорад.
Иди Наврӯзро
Қайд менамояд.

Барои меҳмон
Хон мекушояд.
Ҳафт сину ҳафт шин
Зеби он бувад.

Хурсандии мо
Ҳадде надорад.
Фасли баҳорон
Ба ҳама форад.

*Бухоро, 18 марти соли 2015*

## ЧИНОР

– Чинор, эй чинор,
Умракат ҳазор!
Аз чӣ ту ҳастӣ
Чунин устувор?

– Соябон манам
Ба сари мардум.
Вагарна кайҳо
Мешудам ҳезум...



## ДАРЁ

Дарё фасли баҳорон
Аз зарби барфу борон

Мавҷ зада, тӯфон кунад,
Ҳама ҷо вайрон кунад.

Маҷрои нав биҷӯяд,
Чизе дар роҳ бишӯяд.

Соҳилаш дер напояд,
Аз ҳавзааш барояд.

Замин пурғавғо шавад,
Замин ғамафзо шавад.

Вақте тобистон шавад,
Мушкилаш осон шавад.

Аз дами худ фарояд,
Ба хати худ бarояд.

Гуё, ки бемор шудаст,
Афтодаву хор шудаст.

Шасташ шуда ҳоло паст,
Ба назди соҳил сарпаст.

Аз кардааш пушаймон,
Дар нисфи роҳ ҳайрон.

Чӣ тавр ба манзил расад,
Дилаш пур аст аз ҳасад?!

Барои мо панд аст ин,
Тӯмору бозбанд аст ин.

## ДАРЁЧА

– Дарёча, эй дарёча,
Аз куҷо сар мешавӣ?
Оби зулоли худро,
То ба куҷо мебарӣ?

– Чашма аст ибтидоям,
Аз он ҷо ман меоям.
Муждаи сарзаминам
Бар ту ҳамерасонам.

Хизмати деҳқон кунам,
Чӯлро гулистон кунам.
Нозу неъмат офарам,
Мулкро фаровон кунам.



## ДАРЁ РАВОН АСТ

Гуё, ки дарё
Зинда аст, зинда.
Ба хизмати халқ
Гардида банда.

На корвони об,
Корвони тилло.
Дар пайи он аст
Хазина садҳо.

Шамъи замона
Нур гирад аз он.
Хонаи мардум
Чун рӯзи равшан.

Ҳар сӯ давон аст,
Дарё равон аст.
Ба изни инсон
Дарояд осон.

## ҶАВОБИ ДАРЁ

– Чаро ту дар шитобӣ,
Нишони киро кобӣ?

– Ҷаҳон пур аз ташнагон,
Аз гурусна бандагон.

Боғу роғҳо хушк шудаст,
Ҳосилашон нашудааст.

Хушксолӣ офат шудаст,
Гӯё қиёмат шудаст.

Ба онҳо об мебарам,
Оби гулоб мебарам.

Мушкилашон шавад ҳал,
Хизмати ман бебадал.

Ҷаҳон шавад гулистон
Ҳама ҷо боғу бӯстон.

Ҳосил фаровон шавад,
Осуда деҳқон шавад.

## БОРОНИ РАҲМАТ

Дар моҳи Ҳамал се рӯз
Борони Раҳмат меборад.

Борони Раҳмат, бибор,
Ту ҳастӣ файзи баҳор.

Ҷӯйҳо шаванд пури об,
Замин бигардад шодоб.

Дашту даман гул кунад,
Боғу чаман гул кунад.

Бӯйи гул олам гирад,
Ғубори дилро барад.

Табиат зебо шавад,
Ороста дунё шавад.

Ҳосил фаровон шавад,
Хони мо пурнон шавад.

Мулки мо ободшавад,
Мардумаш дилшод шавад.

*Бухоро, 25 марти соли 2015*

## ГУЛДАСТАИ ИДОНА

Диққат кунед, хушхабар,
Боз паёми нав расид:
Дар мулки озоди мо
Насими шодӣ вазид.

Иди хуши модарон
Тантана дорад имрӯз.
Иди дигар дар кӯбад,
Дар навбат иди Наврӯз.

Ҳамаро табрик кунем,
Бо айёми хуҷаста.
Бар шумо тақдим кунем
Хушрангу бӯ гулдаста.

*Бухоро, 26 марти соли 2015*

## ИДОНАИ АРЗАНДА

Фасли киштукор ояд,
Соли бобарор ояд.

Соли ғаллакор ояд,
Соли пахтакор ояд.

Замин кони пахта шуд,
Замин кони ғалла шуд.

Ҳосил фаровон гардад,
Сол, соли деҳқон гардад.

Боғҳо пурнеъмат шаванд,
Мардум пурҳиммат шаванд.

Нақшаҳо иҷро гарданд,
Одамон доро гарданд.

Соли куҳан адо шуд,
Шеъраки мо баҳо шуд.

Бо зафари нав ба нав,
Хуш омадӣ, Соли нав!

Дилҳоро наздик кунем,
Ҳамаро табрик кунем.

*Бухоро, 30 декабри соли 2016*

## ШОДИФИЗОИ НАВРӮЗ

Файзу зиёи Наврӯз,
Тобу ҷилои Наврӯз,
Ҳусни латиф дорад
Дар рӯзҳои Наврӯз.

Гулғунчаҳои Наврӯз
Бедор гашта аз хоб
Бахшад ба ҷону тан тоб
Обу ҳавои Наврӯз.

Аз боди анбарфишон
Дар ханда боғу бӯстон.
Шуд нағмаҳои мурғон
Шодифизои Наврӯз.

Наврӯз оламорост,
Иди ҳуҷастаи мост.
Озода таъби барност
Субҳи сафои Наврӯз.

Аз боғу роғи гулпӯш
Ояд навои Наврӯз.

## ЗАМЗАМАИ БАҲОРӢ

Баҳори деҳқон омад,
Баҳори боғбон омад.

Дашту даман гулзор шуд,
Боғу чаман кӯҳсор шуд.

Обу ҳаво асар кард,
Булбул ба хониш сар кард.

Гӯши фалакро кар кард,
Ғами моро бадар кард.

Дарахтон салла бастанд
Қомати худ оростанд.

Зимистон пушти сар шуд,
Иди табиат сар шуд.

Як фасли фирӯз омад,
Бинед, ки Наврӯз омад.

Ҷаҳон пури шодӣ шуд,
Ба ҳама озодӣ шуд.

Табли зафар садо дод,
Бар Соли нав дуо дод!

*Бухоро, 23 марти соли 2017*

## ФАЙЗИ НАВБАҲОР

Ҳур-ҳури вазиши бод
Паёми фасли нав дод.
Шар-шари оби ҷӯйбор
Нағмаи булбули зор
Хониши фохтаву сор
Садои қалби кӯҳсор –
Аз  файзи Навбаҳорон!

Саҳро ҷойи тамошо,
Нишемангоҳи ошно,
Ошиқ дорад таманно
Дилбари ман, зуд биё!
Чун лола бар чашм намо,
Интизори ту, ҷоно!
Аз  файзи Навбаҳорон!

Чандрӯза даврони мо,
Фасли хуш – боғбони мо.
Чун гул шукуфон шавем,
Ба чашм намоён шавем.
Ба ҷисми ҳам ҷон шавем,
Ба дӯстон меҳмон шавем.
Аз  файзи Навбаҳорон!

*Бухоро, 19 январи соли 2019*

# ТОҶИКИСТОННОМА



*Ба васфат шеъри нав гуфтан муҳол аст,*
*Туро тавсиф нанмудан вубол аст.*
*Қалам бар даст гирам, даст ларзад,*
*Ҳиҷову ҳарфи ман шояд наарзад.*

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон,
Тоҷикистон!
Саҷдагоҳи Тоҷикон.
Эй дару даргоҳи мо,
Қалби гарму доимо огоҳи мо,
Ибтидову интиҳои роҳи мо,
Доимо ҳамроҳи мо.
Исми покат Тоҷикистон кардаанд,
Бо сухан боғу гулистон кардаанд.
Бо ғаму дарди ту ҳар як шоират
Доимо парвона дар гирди сарат.
То ки бошӣ чун Бадахшон сарбаланд,
Дар ҷаҳон ҳаргиз наёбӣ ту газанд,
Қасри ту аз санги хоро сохтанд,
Мисли Сомонӣ Бухоро сохтанд.
То ки бошӣ мӯътабар,
Шӯълаи нуре ба сар.

Тоҷикистон!
Бо ту ман дар ин ҷаҳон
Арзи ҳастӣ мекунам.
Бо ту шодӣ, бо ту мастӣ мекунам,
Дар сухан гоҳе баландӣ, гоҳ пастӣ мекунам.
Мисли Рустам
пуртавону сахт собир мешавам,
Мисли Турсунзода
шоир мешавам.

## ДАРДИ МИЛЛАТ

Чу дидам лонаи як мурғ вайрон,
Зи андӯҳаш шудам чун мурғи бирён.
Чӣ шуд бар ту диёрам, Тоҷикистон?
Ба ҳолат дидаву дил гашта гирён.

Намирад душманат дар хонаи худ,
Бисӯзат пайкараш дар оташу дуд.
Паратро андаруни оташ андохт,
Ба оташ бод бидҳад гӯ, ки кам буд.

Намедонам, варо мақсад чӣ бошад?
Чаро тухми низоъ дониста пошад?
Бишуд хоки диёр оғуштаи хун,
Ба ӯ аз ҷанги мо суде чӣ бошад?

Барои тоҷикон ҷисмат бувад ҷон,
Ту якто дар ҷаҳон, эй Тоҷикистон!
Ба ҳифзат мо ҳама аз ҷон гузаштем,
Ҷаҳон дар чашми душман торикистон.

Мадад бар мо бувад арвоҳи Рустам,
Ба майдон шуд равон Рахши Таҳамтан.
Куҷо бар чанги шере тоқати мӯр?
Надида инчунин ҷанг аҳли олам...

Якин дон, миллате ҳаргиз намирад,
Зи душмани интиқоми худ бигирад.
Зимистон бигзарад бо сахтии ҷон,
Бимонад рӯсиёҳ ангишт, мирад.

*Душанбе, 2 сентябри соли 1994*

## ШОИРОН

Ин қадар кам тухми шоир дар ҷаҳон?
Тухми он ҳар ҷо нарӯяд бегумон.
Хоки марзаш хоки поки модарон,
Шеър гӯяд бо забони дилбарон.

Шоирон аз зарра олам офаранд,
Оламеро назди зарра мебаранд.
Бин, ки кашфи оламу одам кунанд,
Дурри маънӣ аз забони ту баранд.

Одами беғам набошад дар ҷаҳон,
Шоирон ғамгинтаранд аз дигарон.
Дарди онҳо дарди халқу кишвар аст,
Дарду ғам бар дӯши онҳо шуд гарон.

Шоире аз баҳри худ шеъре нагуфт,
Ё шабе бе дарди эҷоде нахуфт.
Ҳар чӣ гӯяд, баҳри мардум гӯяд ӯ,
То пагоҳӣ дар хаёли тоқу ҷуфт.

Шеъри нав чун моҳи нав пайдо шавад,
Ҳар кӣ хонад, ошиқу шайдо шавад.
То пагоҳӣ гарчӣ бошад моли мо,
Пар барорад, муждаи дунё шавад.

Қадри шоир дафтари ашъори ӯст,
Мисли ганҷи бебаҳо гуфтори ӯст.
Дарди халқаш бар забои орад мудом,
Дар сухан ҳар бурди ӯ, бозори ӯст.

## ҚАДРИ ЗАБОН

Забонгумкардагон аз қавми моянд,
Ба назди дигарон мисли гадоянд.
Куҷо донанд лафзи модариро,
Зи фарҳанги ғании худ ҷудоянд.

Ба назди халқи худ қадре надоранд,
Ба ёру дӯсти худ ҳаргиз нафоранд.
Миёни кафтарон чун чуғзи шуме
Қадам бар мулки худ беҷо гузоранд.

Чунин ашхос бешак, нотавонанд,
Ба мисли гову гӯсфанд безабонанд.
Ҷудо аз нангу номуси ниёгон,
Асарҳои бузургонро нахонанд.

Гумон созам, ба қайди мурдагонанд,
Ки лаънаткардаи давру замонанд.
Зи тақдири баде доим бинoланд,
Дар ин дунё чӣ беному нишонанд.

Гирифторони дарде бедавоянд,
Ба халқу Меҳани худ бевафоянд.
Ҳама мункир ба дину мазҳаби худ,
Надоранд эътиқоду бехудоянд.

## КИШВАРИ ҶОН

Диёри дилрабоям, Тоҷикистон,
Диёри дилкушоям, Тоҷикистон!
Саросар гаштаӣ ту боғу бӯстон,
Ба сӯят пар кушоям, Тоҷикистон.

Шудам пазмони ту, эй кишвари ҷон
Шавам,меҳмони ту, эй кишвари ҷон.
Дарат бозу маро дар интизорӣ
Ба дидорат расам, эй кишвари ҷон.



## ИЗҲОР

Хоки покатро зиёрат мекунам,
Ман туро бисёр ҳурмат мекунам.
Акси ту дар гавҳари чашмони ман,
Хизмататро то қиёмат мекунам.

То ки бошад давлати ту ҷовидон,
То шиносад миллати моро ҷаҳон,
То ки бошад дар ҷаҳон сулҳу салоҳ
Дӯстиро пеша созем дар бегумон.



## ДУШАНБЕ

Аё шаҳрам, Душанбеи дилоро,
Барои ман ту ҳастӣ чун Бухоро.
Ту қалби беқарори давлати ман,
Барои тоҷикон ҳастӣ гуворо.

Шаҳри ҷавонӣ ҳастӣ, Душанбе,
Баҳри дамоне ҳастӣ, Душанбе.
Дар синаи ту сад кони ганҷ аст,
Ганҷи гароне ҳастӣ, Душанбе.

Чаноронат баланду пурвиқоранд,
Ба чашми душманон чун чӯби доранд.
Барои нокасон бегона ҳастанд
Барои дӯстон чашмони чоранд.

Шаҳри ҷавонӣ ҳастӣ, Душанбе,
Баҳри дамоне ҳастӣ, Душанбе.
Дар синаи ту сад кони ганҷ аст,
Ганҷи гароне ҳастӣ, Душанбе.

Зи ту дурам, диёрам Тоҷикистон,
Диёри ғамбарорам, Тоҷикистон!
Ба мислат мулки зебое надидам,
Саросар кӯҳсорам, Тоҷикистон!

Шаҳри ҷавонӣ ҳастӣ, Душанбе,
Баҳри дамоне ҳастӣ, Душанбе.
Дар синаи ту сад кони ганҷ аст,
Ганҷи гароне ҳастӣ, Душанбе.

## ВАХШИ НУРБАХШ

Эй Вахши беқарорам,
Дарёи бурду борам!
Манбаи рӯшаноӣ,
Равнақи рӯзгорам.

Бар халқи тоҷдорам,
Бар халқи номдорам,
Беминнат дасгиёрӣ
Ту ҳастӣ ифтихорам.

Хидмати офтоб кунӣ,
Зиндагӣ пуртоб кунӣ.
Бо нерӯи барқи худ
Кишварам обод кунӣ.

Сарвати бебаҳоӣ,
О, ифтихори моӣ!
Бар дардҳои мардум
Дорую ҳам давоӣ.

Аз ту дорем мо умед,
Роҳи ту бодо сафед.
Хуш зану тӯфон намо
Кам наӣ ту зи хуршед.

*Бухоро, 28 декабри соли 2006*

## БЕҲ АЗ ГУЛИСТОН

Эй Тоҷикистон,
Беҳ аз гулистон.
Ҳар гӯшаи ту
Сад боғу бӯстон.

Мисли ту дигар
Дар ҳеҷ кишвар
Надидам ҷое
Ҳуш парад аз сар.

Чӣ қадар зебо
Ҳар кӯҳу паҳно.
Ба рангу борат
Мешавам шайдо.

Чун модари ман,
Чун хоҳари ман,
Зеби ҷаҳонӣ
Эй дилбари ман!

*Бухоро, 12 январи соли 2007*

## ШИНОХТА МОРО ҶАҲОН

Озодию ободӣ
Роҳи маро кушодӣ.

Мулки мо озод гардид,
Шукуфта обод гардид.

Нигар ба Тоҷикистон,
Беҳ аз садҳо гулистон.

Ҷӯю дарёҳо равон,
Аз бари боғу бӯстон.

Ҳама ҷо майдони кишт,
Намонда парчаи зишт.

Диёрам гулбасар шуд,
Зебо буд, зеботар шуд.

Шаҳру деҳи дилрабо,
Майдонҳои дилкушо,

Иншоотҳои барқӣ,
Корномаҳои халқӣ,

Навбаҳори Истиқлол
Дода ба мо пару бол.

Иқтидори халқамон,
Ифтихори халқамон.

Шӯҳрати Сомониён –
Тоҷу тахти тоҷикон.

Номбардори Ориён,
Шинохта моро ҷаҳон.

*Бухоро, 27 феврали соли 2007*

## ДИЁРИ ГУЛҲО

Рӯзи баҳорон
Офтобу борон.
Шукуфта гулҳо
Ба чашм намоён.

Лаб-лаби дарё
Рафтем ба кӯҳҳо.
Аз ранги гулҳо
Шукуфта дунё.

Диёри гулҳо
Чӣ гуна зебо.
Касе бубинад
Мешавад шайдо.

Ин мулки хубон
Ном Тоҷикистон.
Гул-гул шукуфта
Шуд боғу бӯстон.

Ҳусни диёрам,
Ҳар бурду борам.
Қасам ба ҷонам
Дӯсташ медорам.

*Бухоро, 3 марти соли 2007*

## НАСЛИ ОРИЁН

Тоҷику эронием,
Ҳиндиву афғонием.

Хешони беш дорем,
Бегона кай шуморем?

Мо насли ориёнем,
Мо асли ориёнем.

Забонамон муштарак,
Ҷаҳонамон муштарак.

Меваи як дарахтем,
Сохиби тахту бахтем.

Мо насли ориёнем,
Мо асли ориёнем.

Корем тухми фарҳанг,
Безорем аз ҳарбу ҷанг.

Ваҳдати дилҳо хоҳем,
Дар дунё вафо хоҳем.

Мо насли ориёнем,
Мо асли ориёнем.

## МЕҲРНОМА

Ба васфат шеъри нав гуфтан муҳол аст,
Туро тавсиф нанмудан вубол аст.

Қалам бар даст гирам, даст ларзад,
Ҳиҷову ҳарфи ман шояд наарзад.

Ту охир сарпаноҳи тоҷиконӣ,
Ҷаҳон то ҳаст, ту боқӣ бимонӣ.

Барои миллатам ту модар астӣ,
Барои мо гиромӣ маҳзар ҳастӣ.



## АРЗИ ЭҲТИРОМ

Пурвиқор аст қуллаҳои кӯҳи ту,
Бегазанду пурсаховат рӯҳи ту.

Мисли гавҳар пораҳои санги ту,
Ку баҳои лаъли лоларанги ту?

Кӯҳҳоят кони ганҷи бебаҳо,
Ҳар кӣ бинад, медиҳад бар он баҳо.

Рӯдҳоят давлати Қорун бувад,
Аз хати тасвири ман берун бувад.

Қатраи обат ба ҳар дарде давост,
Оби Кавсар гуфтанам онро равост.

Ман нашӯям хоки зархези туро,
Чунки бошад дарду ранҷамро даво.

Боғу роғат бешумор аст, бешумор,
Меваҳоят ширадор аст, ширадор.

Мисли ҷаннат гӯшаҳои хоки ту,
Зинда бошад мардуми бебоки ту!

Фахри олам гаштаӣ, Тоҷики ман,
Мерасад бар гӯши ту табрики ман.

## ЭҶОДКОРИ ЗАБОНАМ

Эй халқи меҳрубонам,
Эҷодкори забонам.
Ҷисми маро ту ҷонам,
Ифтихори ҷаҳонам.
Забони модарии ман,
Форсии дарии ман.

Сарвати ман ту ҳастӣ,
Давлати ман ту ҳастӣ.
Зинати ман ту ҳастӣ.
Шӯҳрати ман ту ҳастӣ.
Забони модарии ман,
Форсии дарии ман.

Ту бошӣ, ман зиндаам,
Зиндаву пояндаам.
Бо лаби пурхандаам,
Чун шамси тобандаам.
Забони модарии ман,
Форсии дарии ман.

Эътиборат баланд аст,
Мақомат бегазанд аст.
Шӯҳратат ҳам дучанд аст,
Хаёлам бар ту банд аст.
Забони модарии ман,
Форсии дарии ман.

Забони дарбор будӣ,
Бар ҳама сардор будӣ.
Ба олам даркор будӣ,
Пурганҷу пурбору будӣ.
Забони модарии ман,
Форсии дарии ман.

Забони “Шоҳнома”ӣ,
Ба оянда номаӣ.
Насли маро дояӣ,
Зинати ҳар хонаӣ.
Забони модарии ман,
Форсии дарии ман.

Туро ман мепарастам,
Дил ба ишқи ту бастам.
Қомуси ту ба дастам,
Ту бо манӣ, то ҳастам.
Забони модарии ман,
Форсии дарии ман.

Шираву шаккари ман,
Зевару гавҳари ман,
Зеби тоҷи сари ман,
Доимо дар бари ман.
Забони модарии ман,
Форсии дарии ман.

Ояндаат дурахшон,
Симоят ҳам нурафшон.
Чун ҳумо ту парафшон,
Дар Хуҷанду Бадахшон.
Забони модарии ман,
Форсии дарии ман.

*Бухоро, 20 ноябри соли 2015*

## ИФТИХОР

Тоҷикистон, кишвари зебои ман,
Ҳастӣ ту имрӯзи ман, фардои ман.

Мисли кӯҳат нест кӯҳе дар ҷаҳон,
Қомати ман, ту сари болои ман.

Аз ту бошад эътибору қадри ман,
Хоки покат давлати тиллои ман.

Тоҷиконро гавҳари ноёбӣ ту,
Баҳри халқи сарбаланд маъвои ман.

Ҳар чӣ ҷӯям, дар заминат мавҷуд аст,
Гармин бозору ҳам савдои ман.

Ман надорам ғайри ту ҷойи дигар,
Манзили ман, маскану маъвои ман.

То ки бошӣ давлати подори ман,
Ҷон фидоят, модари яктои ман!

Ин ту ҳастӣ давлату дунёи ман,
Ин ту ҳастӣ бахти беҳамтои ман.

# СУҒДИЁН

Боду ҳавояш суғдӣ буд,
Созу навояш суғдӣ буд.

Дарду давояш суғдӣ буд,
Лутфу дуояш суғдӣ буд.

Макону ҷояш суғдӣ буд,
Нуру зиёяш суғдӣ буд.

Забони нобаш суғдӣ буд,
Ҳарфу китобаш суғдӣ буд.

Аслу насабаш суғдӣ буд,
Пашму қасабаш суғдӣ буд.

Лафзи "Авасто"ш суғдӣ буд,
Ҳар канту рустош суғдӣ буд.

Ному нишонаш суғдӣ буд,
Лафзу забонаш суғдӣ буд.

Навиштаҷоташ суғдӣ буд,
Асли ҳаёташ суғдӣ буд.

Исми накӯяш суғдӣ буд,
Чеҳраву рӯяш суғдӣ буд.

Шӯҳрату шонаш суғдӣ буд,
Решаи ҷонаш суғдӣ буд.

Давру замонаш суғдӣ буд,
Ҷону ҷаҳонаш суғдӣ буд.

Шоҳу амираш суғдӣ буд,
Хурду кабираш суғдӣ буд.

## ГУЛИСТОНИ ҶАҲОН

Душанбе, о Душанбе!
Чӣ дилрабо, Душанбе!

Ту бӯстонӣ, Душанбе,
Гулистонӣ, Душанбе.

Боғу роғат чӣ зебо,
Дилкашу ҳам дилкушо.

Рангбаранг гулҳо,
Аз он шукуфта дилҳо.

Кӯҳу талу ёлаҳо,
Ғарқи гулу лолаҳо.

Кӯчаҳо сабзу сурханд,
Ҳамранги лаълу дурранд.

Роҳати ҷисму ҷон аст,
Ба дарди мо дармон аст.

Бӯйи оламгири он,
Расида то осмон.

Душанбе гул ба сар шуд,
Кони гул сарбасар шуд.

"Боғи Ирам" тоҷи он,
Ҳам шӯҳрату шони он.

Сарвари гулпарварат,
Офтоби тори сарат,

Меҳрубону халқпарвар,
Гул-гул шукуфад кишвар.

Эй пойтахти Тоҷикон,
Доим шукуфон бимон!

*Душанбе, 20 марти соли 2016*



## ДИЁРИ ДИЛРАБО

Тоҷикистон, эй диёри дилрабо,
Баҳри мардум гаштаӣ оҳанрабо.
Диққати аҳли ҷаҳонро мекашӣ,
Боғу роғат дилкаш асту ҷонфизо.

Тоҷикистон, дудаи Сомониён,
Давлати пешиниёну сониён.
Бо ту миллат то қиёмат пойдор,
Бо ту дорад ин Асад ҳам ифтихор.



## ПЕШВОИ МИЛЛАТ

*Эҳдо ба пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон*

Шоҳаншоҳи хусравон,
Имомалии Раҳмон.
Симоят Рустамона,
Рафторат тоҷикона.

Сарвари одил ҳастӣ,
Ба халқи худ дил бастӣ.
Роҳат буд мушкилгузар,
Аз аҳди худ нагаштӣ.

Ҷанг – ҷанги таҳмилӣ буд,
Худкушии миллӣ буд.
Найранги душманон буд,
Сӯхтори манзилӣ буд.

Душманат зери по гашт,
Аз гуноҳаш гузаштӣ.
Парчами сулҳ ба дастат,
Пешвои миллат гаштӣ.

Сулҳу салоҳ барқарор,
Гул-гул шукуфта диёр.
Дар забони халқамон
"Ваҳдати миллӣ" шиор.

Тоҷикистонро бубин –
Ҷаннати рӯйи замин.
Саросар гул кардааст,
Шаҳру деҳот дилнишин.

Меҳмони олиқадрӣ,
Ба тоҷикон Сарварӣ.
Шӯҳратат олам гирифт
Олимақом раҳбарӣ.

Бухоро оғӯш кушод
Аз ташрифат гашта шод.
Хуш омадӣ, тоҷи сар
Хокро гирӣ, шавад зар!

Ворисе тахти Сомон,
То ҷаҳон ҳаст, зинда мон!
Давлатат поянда бод!
Умри ту зоянда бод!

*Бухоро, 4 маи соли 2018*

## ИФТИХОРИ МАН ТУӢ

Муқаддасӣ, эй Ватан,
Ифтихори марду зан.

Як гули ту сад чаман
Тобад ба дидаи ман.

Эътибори ман туӣ,
Бурдбори ман туӣ.

Ифтихори ман туӣ,
Интизори ман туӣ.

Баҳри ман яктоӣ ту,
Дар ҷаҳон танҳоӣ ту.

Ҷойи ту бологузар,
Парчамат болои сар.

Дашту кӯҳат саросар
Кони нуру кони зар.

Тоҷикистон исми ту
Ҳамрадифи ҷинси ту.

Дар забонҳо номи ту
Истиқбол – инъоми ту.

Гул кун саросар, Ватан,
Ба мисли боғу чаман.

Бар ту фидо ҷону тан,
Дар васфат оҷиз сухан.

*Бухоро, 17 январи соли 2019*

## БАХТИ БАРГАШТА

Қасидаи публитсистӣ

Ин чӣ ғурбат,
Ин чӣ кулфат!
Душман, хоҳони бахт.
Мисли офат сар баровард,
Тухми марги мо бикишт.
Бухоро
бетахт монд,
Бухоро
бадбахт монд!

Гузашта аз сараш ҷангу ҷадалҳо
Шуда хоки туроб шаҳру маҳалҳо.
Намонда байни эшон,
Аҳду паймон.
Дар аҳди даврон
Боз дода, товон,
Бар  душманон!

Раҳми раҳмон
зи ин ҷо кӯч баста,
Қалби хурду бузург
чун зарф шикаста.
Парча-парча
Чун пӯсти Арча!

Намуданд қасд бар ҷони Сиёвуш
Амиру хонҳои падаркуш,
Сархуши бода гашта
Ба мизбон доданд заҳри қотил,
Намуда ақлу ҳуши онро ботил.
Ҳама ботил,

Ҳама қотил!

Шаванд соҳиб ба тахт холӣ монда,
Гиранд қудрат зи дасти зор монда,
Бубин ҷоҳил,
Бубин қотил!
Чӣ кардаанд,
Чаро кардаанд?
Зи ҳадди худ гузаштанд,
Ба хуни ноҳақе олуда гаштанд...

Ба дил раҳме надоранд,
Ҳама зору низоранд,
Шӯру ғавғо бардоранд!
Солҳо гузаштанд
чун оби дарё
Ҳама рафтанду дигар барнагашт.
Бишуд давру замон
аз нав дигар,
Ба кор омода гашт
сарбозу лашкар,
Қиёмат шуд зи ҷанги нобаробар.

Яке ғолиб,
дигар мағлуб гардид.
Яке маъруф,
дигар нобуд гардид.
Биёмад офате бар насли одам,
Набошад дар ҷаҳон фарди беғам.
Худат моро зи ҷашми бад нигоҳ дор,
Нигоҳ дор!

Аё, мардум!
Мақоми худ нигаҳ дор!
Намонӣ дар замона,

Беманзилу бехона.
Ҳама хору ҳама зор!
Сари худ боло бардор
Бикан банди сари дор!
Бикун ҷаҳде ту зинҳор,
Диҳад киштат кунун бор.
Бигардӣ то қиёмат зинда – бедор
Шудӣ озод зи зулми каждуму мор.
Нагардӣ то қиёмат хор,
Бишав доим ту ҳушёр!
Ки ҳушёрӣ диҳад кор
Фаромӯшаш, макун,
зинҳор!

Эй халқи беозор,
Соҳиби номусу ор!
Набошад ризқи ту
акнун мурдор
Кишти ҳосилат
монад ба анбор...
Ба тахтат гашта соҳиб...
Оли Сомон,
Оли Сомон!

Расид навбати аҳли дину имон
Ба ҷисми ту дамад ҷон,
Ба ҳаққи ӯ дуо хон!

Биёмад навбати мардуми тоҷдор,
Зи чашми бад Худо ӯро нигаҳ дор!
Бишуд тахти Бухоро
таҳти фармон,
Сари тахташ нишаста
Оли Сомон.
Оли Сомон,

Оли Сомон!

Водареғу водареғ,
Садҳо дареғ!
Бар фитнаи душман дареғ!
Монда аз ӯ давлату ному нишон
Гашта буд ӯ ифтихори Тоҷикон.

Интизори давру замон будем,
Чу тири пайкон
дар камон будем.
Пас аз қарне
ба ин давлат завол омад,
Завол омад!
Пас аз он,
дар ҳаёти халқи мо
чӣ ҳол омад?
Чӣ ҳол омад?!
Худо донад.
Худо донад...

Ҳазор сол
бенаво будем,
Гирифтори бало будем.
Зи тахти бахт
ҷудо будем,
Гирифтори ҷазо будем,
Гирифтори азо будем,
Ҳавола бар Худо будем.

Қарни бист,
Қарни тақдирсози мо
Боз расид
Бар гӯши кар овози мо.

Боз даврони Сомонаш расид,
Сомонаш ба армонаш расид:
Ворисаш пайдо бишуд,
Давлаташ эҳё бишуд.
Ворисаш Эмомалӣ Раҳмон,
Давлаташ, ҷон Тоҷикистон.
Зиндаву
Зинда бод!
Давлаташ поянда бод!

# МОДАРИ ҒАМПАРВАРАМ



*Модари ғампарварам, оғӯши гармат ҷаннат аст,*
*Зиндагии беқарорат баҳри мо худ ибрат аст.*

## ДОҒИ ҶАНГ

Ман садои тиру тӯпи ҷангро
Дар вуҷуди Модарам бишнидаам.
Даҳшати хунини онро баъдтар
Дар тани ҳамшаҳриёнам дидаам.

Ман азоби ҷангро бас дидаам
Дар азоби роҳгардии Падар.
Дар ду чашми равшане, ки кӯр шуд
Аз алам дар интизории писар.

Дидаам чанголи хунрези варо
Дар тани ғалбери марди мӯйсафед.
Дар сари ларзону рӯйи зарди ӯ
Дар забони лоли марди мӯйсафед.

Ман азоби ҷангро бишнидаам
Аз забони гушнаҳои соли ҷанг.
Аз деҳоту хонаҳои сӯхта,
Аз замини гаштаи помоли ҷанг.

Гарчӣ бишнидам садои тири он
Як замон андар вуҷуди Модарам.
То ба ҳоло ҳамраҳи Халқу Ватан
Бигзарад ранҷу азобаш аз сарам.

*Бухоро, 23 феврали соли 1970*

## МОДАР

Аз умр нишон ту додӣ,
Бар ҷисмам ҷон ту додӣ.
Бо ҳарфу ҳиҷои худ
Бар ман забон ту додӣ.

Посбони сар ту будӣ,
Шаби дароз нахуфтӣ.
Гаҳвораам ҷунбондӣ,
“Алла”-и ширин гуфтӣ.

То ки шавам ман калон,
Ҷигарбанди меҳрубон,
Навозишам кардӣ ту,
Модари беҳтар зи ҷон.

Ҳоло ки ман растаам,
Ба умрат пайвастаам,
Қарзат адо мекунам,
Ба гирди ту гаштаам.

Рӯзе калон мешавам,
Мададрасон мешавам.
Агар лозим бигардад,
Ба ҷисмат ҷон мешавам.

## МОДАРИ ҒАМПАРВАРАМ

Модари ғампарварам, оғӯши гармат ҷаннат аст,
Зиндагии беқарорат баҳри мо худ ибрат аст.

Рӯзу шаб аз беқарорӣ гирди сар парвонавор
Мезанӣ чарх, эй шафиқу ин ҳама беминнат аст.

Бо дуоят ҳар балое дур хоҳад шуд зи мо,
Ҳар дуоят баҳри мо равшангарои зулмат аст.

Бо нигоҳи гарми ту равшан бигардад хонадон,
Панҷаҳои дасти ту рӯзу шабон дар меҳнат аст.

Кӯдаконат сарфароз аз меҳри чун хуршеди ту,
Бахти неки ҳар кадом аз баҳри ту як давлат аст.

Сарпарасти хонадону меҳрубон ҳастӣ мудом,
Шӯҳрати овозадорат ифтихори миллат аст.

Модари ғамхори мову ифтихори миллатӣ,
Касбу кори дилрабову бебаҳоят санъат аст.

Он забони ширадорат ҷон ато созад мудом
Сӯйи фардо миллати озоди худро даъват аст.

*Бухоро, 20 октябри соли 2011*

## АРЗИ САДОҚАТ

Як шеъри тоза гӯям,
Қалби туро биҷӯям.

Модари меҳрубонам,
Ҳастии ҷисму ҷонам.

Ғамхору ғамгусорам,
Мояи бурду борам.

Ту ҳастӣ, ман зиндаам,
Ба ҳаққи худ бандаам.

Магӯ, ки ман пир шудам,
Асири тақдир шудам.

Мӯйи ту гардид сафед,
Аз Худо дорам уммед:

Камбудие набинӣ,
Умри дароз бинӣ.

Дар сояи сари ту,
Доимо дар бари ту,

Ман бошаму фарзандон,
Парвонаат, Модарҷон!

*Бухоро, 24 ноябри соли 2011*

## МОДАРИ ҶОНАМ

Модари меҳнаткашам,
Модари заҳматкашам,

Оромишро надонад,
Осойишро надонад.

Дасташ ба коре банд аст,
Ҳарфаш ҳикмату панд аст.

Кори хона бисёр аст,
Ташвишаш бешумор аст.

Моро аз хоб хезонад,
Обу хӯрок хӯронад.

Пӯшонад сару либос,
Ба ҳар як фарзандаш хос.

Ҳар сӯ равона созад,
Нақши асосӣ бозад.

То даме беғам гардад,
Кору бораш кам гардад,

Ранҷи бешумор кашад,
Ташвиши бисёр кашад.

Ҳоло нафақахӯр аст,
Зиндагияш ҳам ҷӯр аст.

Аз қисматаш нанолад,
Бо бахти худ биболад.

Давлати пирӣ ронад,
Аз худ номи нек монад.

*Бухоро, 20 феврали соли 2015*

## КӮДАКИСТОН

Боғча равад, боғча,
Зоча дорад бача.

Ҳар субҳи барвақт,
Боғча барад оча.

Аз саҳни бино,
Ҷорӣ аст ҷӯйча.

Ду соҳили он
Қатори арча.

Оби шаффофаш
Бинӯшад кӯча.

Рӯзона гирдаш
Пур аст зи бача.

Роҳати ҷон аст
Барои бача.

Беҳтарин имкон
Барои оча!

*Бухоро, 22 феврали соли 2015*

## ОЧАМОНАНД

1

Гулнози дилнавозам,
Хурдаки зочабозам,

Сафеду очамонанд,
Шӯхаку мӯдарозам.

Сергапу донояст ӯ,
Булбули хушовозам.

Бонуи хона аст ӯ,
Торҳои ҷӯри созам...

2

Хоҳари писарон аст,
Укои духтарон аст.

Фарзанди охирин аст,
Ба ҳар яке қарин аст.

## ҚАДРИ МОДАР

Ҳурмат намо модарро,
Модари муштипарро.
Аз ҳама ранҷу офат,
Барои ту сипарро.

Ғамхору ғамгусор аст,
Азизу ҷоннисор аст.
Парвонаи гирди сар,
Шаб то саҳар бедор аст.

Гаҳвораат ҷунбонад,
То туро ӯ хобонад.
Шири сафед медиҳад,
Ҳаргиз танҳо намонад.

Шодиву хурсандияш,
Орзӯву уммедаш ту.
Қуввати ҷисму ҷонаш,
Маҳтобу хуршедаш ту.

*Бухоро, 3 марти соли 2015*

## ПАДАРИ ҒАМХОР

Сарвари хонадон аст,
Сардори ин макон аст.
Сутуни хонавода,
Донои доноён аст.

Раҳбари хурду калон,
Раҳнамои фарзандон.
Ғамхори ҳамагон аст,
Фозилу хеле пурдон.

Шабу рӯз меҳнат кунад,
Кӯшишу ғайрат кунад.
Даме бекор наистад,
Ҳамеша ҳиммат кунад.

Ободии хонадон,
Чашми сери фарзандон.
Мақсади олии ӯ,
Бахту камоли инсон.

Ҳимматаш хело баланд,
Шӯҳрати ӯ бегазанд.
Соҳиби ору номус,
Ба кору бори худ банд.

*Бухоро, 4 марти соли 2015*

## ДАР ИДИ МОДАР

Падарҷони ғамхорам,
Додои нозбардорам

Дар рӯзи Иди Модар
Шодмон даромад аз дар.

Ба дасташ борхалта буд,
Даҳонаш сахт баста буд.

Риштаашро зуд кушод,
Аз муждааш хабар дод:

Ба Модарам ду даста,
Тақдим намуд гулдаста.

Ба мо қанду қурс овард,
Аз халта худ баровард.

Барои Модаркалон
Ки дӯсташ дорад аз ҷон,

Як куртаи нав овард,
Ба Модараш ҳадя кард.

Бобом ҳам хушк намонданд,
Соҳиби соат гаштанд.

То вақтро хуб бидонанд,
Аз намоз дер намонанд.

Гӯё ки тӯёна шуд,
Ба ҳама идона шуд.

Иди хубе барпо шуд,
Пур аз шодӣ дунё шуд.

*Бухоро, 8 марти соли 2015*

## ДАСТЁРИ МОДАР

Модари ботамизам,
Меҳрубону азизам.

Ба хидматат тайёрам,
Аз кӯдакӣ шиорам.

Фармойиши Шуморо,
Ҳар хоҳиши Шуморо

Ичро ҳаменамоям,
Донед, ки суст наёям.

Бекор куҷо нишинам,
Бекор чаро нишинам?

Коре бошад, фармоед,
Боре бошад, фармоед.

Як лаҳза ҳам нашинам,
Чораашро бубинам.

Аз меҳнат гар гурезам,
Обрӯи худро резам.

Танбалон ҳам кам нестанд,
Танбалон одам нестанд.

Пайи коре бихезам,
Аз коҳилӣ парҳезам.

Қадри меҳнат медонам,
Дар ҷаҳолат намонам.

Дастёри Модарам,
Дар хидматаш ҳозирам.

*Бухоро, 9 марти соли 2015*



## МИННАТДОРӢ

Узр, Модарҷон
Каме дер мондам.
Ба мӯсафеде
Ёрӣ расондам.

Дидам, ки дар роҳ
Машина бисёр,
Гузаштан аз он
Хело ҳам душвор.

Бобое оҷиз
Сарсону ҳайрон,
Халта ба китфаш
Кучҷое равон.

Оҳистекак ман
Аз роҳ гузаштам,
Зи дасти бобо
Маҳкам бидоштам.

Аз рӯйи одоб
Додам саломаш,
Гуфтам: Furthermore Furthermoreобоҷон
Бурда монамаш...

Ба он мӯсафед
Мадад расондам,
То дари хона
Бурда бимондам.

Раҳмат гуфт ба ман
Ба аҷдоди ман.
Ба падари ман,
Ба устоди ман.

## НАТИҶАИ РАНҶ

Фарзанди дилбанд омад,
Чу решапайванд омад.
Бегоҳӣ аз дабистон
Бо қалби хурсанд омад.

Рӯзномааш пури "панҷ",
Ҳар яке қиммат аз ганҷ.
Хурсанд бувад муаллим,
Натиҷа бурда аз ранҷ.

Гар диҳӣ бар ӯ савол,
Ҷавоб диҳад бемалол.
Илми бисёр медонад,
Расидааст бар камол.

## БОҒИ МЕРОСӢ

Эй падари деҳқонам,
Эй падари боғбонам!

Азизу меҳрубонам
Қадри туро медонам.

Боғи ту барқарор аст,
Гулшану сабзазор аст.

Пурмеваю дилкушо
Чун растаи бозор аст.

Сарҳавзаш пури об аст,
Ҳоло тамошобоб аст.

Меваҳои ширинаш,
Қанду асал баринаш

Роҳати ҷисму ҷон аст,
Аз боғбонаш нишон аст.

Ризқ ато мекунад,
Шукри Худо мекунад.

Шуморо ёд мекунам
Рӯҳатон шод мекунам.

*Бухоро, 21октябри соли 2018*

## ДУГОНИКҲО

Фотима, Зӯҳро
Хоҳараконанд.
Дар син баробар
Духтараконанд.

Себи ду тақсим –
Хеле монанданд.
Аз якдигар ҳеҷ
Фарқе надоранд.

Ҳамсояҳошон
Якаш мехонанд.
Фотимаро гоҳ
Зӯҳро меноманд.

Зӯҳроро гоҳе
Фотима гӯянд.
Зӯҳроро ёбанд,
Фотима ҷӯянд.

Ҳар дуяшон ҳам
Ҳозирҷавобанд.
Аз амри модар
Гардан натобанд.

## АЛЛА

Нисфи шаби баҳор аст,
Шир-шири хайрбор аст.
Дар сари кӯҳ ситора
Монанди ту бедор аст.

Алла, алла, ширинам,
Оҳуяки зарринам!
Ҳаргиз, азизаки ман,
Дарди сарат набинам.

Бихоб, эй ҷони модар,
Ному нишони модар.
Дармону қуввати дил,
Ширинзабони модар!

Алла, алла, ширинам,
Оҳуяки зарринам,
Ҳаргиз, азизаки ман,
Дарди сарат набинам.

## ДАРДИ ДАНДОН

Вой, вой дандонам
Қариб бараояд ҷонам.
Сӯрохи танги онро
Чизе кобад, надонам.

Шоколади ширинро
Шабона хӯрда мондам.
Шустани дандонамро
Фаромӯш карда мондам.

Вой, вой дандонам,
Аз мактабам мемонам.
Дарсҳои мондаамро
Вақти дигар мехонам.

Рафта шумо, Дадаҷон,
Табиби хубе оред.
Имрӯз шумо, Модарҷон,
Ба коре рӯ наоред.

## ФАРЗАНДИ ДОНО

Ҳар саҳар хеста Илҳом
Дар забон ҳарфу калом,
Дасту рӯро бишӯяд,
Бар ҳама гӯяд салом!

Хеле ҳам хушодоб аст,
Хаёлаш дар китоб аст.
Мехонаду мехонад,
Дар ҳаёт пуршитоб аст.

Дар назди ҳамсолонаш,
Дар назди ҳамсинфонаш
Мақоми хоса дорад,
Баланд аст шаъну шонаш.

## КОРАМ БИСЁР АСТ

Мурғамро дон медиҳам,
Сагчаро нон медиҳам.

Алаф биёрам ба гав,
Ба аспакам диҳам ҷав.

Ҷогаҳамро ғундорам,
Об зи дарё биёрам.

Кори Очам бисёр аст,
Ба ӯ ёрӣ даркор аст.

Вақти холӣ надорам,
Зеро бисёр аст корам.

## АЛВИДО, АМИРА!

*Дар сӯгвораи духтари ғӯрамаргам*

Зи хона бар лаби бомам нишастӣ,
Аз он ҷо паридӣ, гумном гаштӣ.
Набуд болат, чӣ гуна ту паридӣ,
Баҳор омад, чаро ту барнагаштӣ?

Аё духтарчаи нозуку хушрӯӣ,
Ҳанӯз бошӣ ба ёди кӯчаю кӯй,
Зӣ хотир акси ту ҳаргиз нарафта,
Ба ёдат модари зорат пазад бӯй.

Ба доғат чашми ман пайваста бигрист,
Ба ёдат сад гулу гулдаста бигрист.
Набошад аз ту ҳам ному нишоне
Ки умре модари дилхаста бигрист.

Ба назди қабри ту, эй ҷону ҷигар,
Чӣ гуна ман равам боз бори дигар.
Ба ҳаҷрат дидагон об шуда рехтанд
Ғамат чун бори дунё бурда бар сар.

Агар донӣ, чаро мӯям сафед шуд,
Ки ҳоло номи некам мӯйсафед шуд?
Зи маргат умри ман ҳам рафта барбод,
На мӯйи сар, бал устухон сафед шуд.

Туро ҷонам, сари як мучалат бурд,
Сари сабзи туро дон Саратон хӯрд.
Набудаст ҳеҷ даво бар марги мурда,
Чӣ бошад пиракӣ, ё кӯдакӣ хурд.

Чу буд, соли нуздаҳ ҷамъӣ ҳаштод,
Қатори кӯдаконам рахна афтод.
Ҳамон духтар, ки буд бар ҷон баробар
Ба марги бемаҳал ҳукмаш Худо дод.

# НАБЕРАИ БОБО



*Шабнами бобо,*
*Оқилу доно.*
*Чун гули раъно,*
*Хушрӯю зебо.*

## ВАСИЯТИ МУЙСАФЕД

Ҷону ҷигарҳои ман,
Духту писарҳои ман!

Умри ман кам мондааст,
Шодӣ не, ғам мондааст.

Чун офтоби сари кӯҳ,
Меравам як рӯз фурӯ.

Аз шумо хоҳиш дорам,
Ва ё супориш дорам:

Фардо, ки ман меравам,
Ҷаҳони худ мебарам;

Чароғи маро шумо
Бояд фурӯзед шумо.

Гаҳе маро ёд кунед,
Рӯҳи маро шод кунед.

Бо ҳам иттифоқ бошед,
Ба дидор муштоқ бошед.

Сулҳро андеша кунед,
Дӯстиро пеша кунед.

Ба халқи худ ёр бошед,
Доим мададгор бошед.

Кам нагардед аз дигар
Шумо, ки ҷону ҷигар.

Коратон омад кунад,
Худо саломат кунад.

Зиндагиро соз кунед,
Умри дароза бинед.

*Бухоро, 15 феврали соли 2007*



## БА НАБЕРААМ ҶАЪФАР

Эй набераам Ҷаъфар,
Номбардори Рӯдакӣ!
Шеърхону шеърдӯст
Аз айёми кӯдакӣ.

Шояд, ки шоир шавӣ,
Эй вориси Дақиқӣ.
Қурбу баҳоят баланд,
Хонандаи ҳақиқӣ.

Аз ту умедам калон,
Ба миллатат содиқӣ.
Дар базми назми форсӣ
Шояд шавӣ ту соқӣ.

## ДАР САРИ ХОН

Бобоям дар сари хон
Аз ҳама боло шинад.
Момоҷонам ҳамеша
Аз бари Бобо шинад.

Аз сӯйи рост Падарам,
Аз чап шинад Модарам.
Паҳлӯи Модарҷонам
Ҷойи ману додарам.

Вале хоҳараки мо
Мешинад аз мо боло.
Медонӣ, ҷояш куҷо?
Сари зонуи Момо!

## КОНИ АФСОНА

Модаркалони пурдон
Афсонаро бувад кон.

Панду ривоят кунад
Моро насиҳат кунад.

Забони ҳайвонотро,
Асрори коинотро,

Хониши мурғаконро,
Чаҳ-чаҳи булбулонро,

Бе гуфтугӯ медонад,
Ба гуфтан дарнамонад.

Вақте ҳикоят кунад,
Ба мо ривоят кунад.

Аз забони қаҳрамон
Воқеа кунад баён.

Чизи бисёр медонад,
Ба гуфтан дарнамонад.

Ифтихори замон аст,
Соҳиби чанд забон аст.

Ба мо парвона аст ӯ,
Кони афсона аст ӯ.

Модаркалони дилҷӯ,
Момои афсонагӯ.

Мо бигирем аз ӯ ёд,
Умракаш бодо зиёд!

## ДУОИ НЕК

*Тақдим ба Мӯъмин*

Ту асли муслиминӣ,
Аз пайравони динӣ.
Чӣ донову чӣ фозил,
Ба хоксорӣ заминӣ.

Забон пури дуояст,
Аз ту розӣ Худояст.
Панҷ вақта аст намозат,
Гӯшаи масҷид ҷоят.

Умрат шавад зиёда,
Дурӣ зи ҷоми бода.
Роҳат росту сафед бод,
Нагардӣ ҳеҷ пиёда.

Насибат болу пар бод,
Дилат поку саҳар бод!
Нагардад нам дидаат,
Ҳаётат бехатар бод!

*Бухоро, 27 декабри соли 2009*

## ШАБНАМ

Шабнами меҳрубонам
Ширинтар аст зи ҷонам.

Тоза забон барорад,
Лаҳҷаи ширин дорад.

Модарро “Нана”, гӯяд,
Падарро “Дада”, гӯяд,

Маро “Бобо” бигӯяд,
Бибиро “Момо” гӯяд.

Хӯрокро “Мама” гӯяд,
Хоб ояд, “Алла” гӯяд.

Ҳарфҳоро чида гӯяд,
Занги дилро бишӯяд.

Чун ғунчаи хандон аст,
Шодии хонадон аст.

Ғамро ҳаргиз набинад,
Умри чинорро бинад.

## КӮДАКИ ЯКРАВ

Хон аз ман,
Нон аз ман.

Ҷой аз ман,
Чой аз ман.

Шир аз ман,
Сир аз ман.

Миз аз ман,
Чиз аз ман...

Кунад исрор,
Доим такрор.

Ӯ чӣ кора,
Мо овора?!

*Бухоро, 20 феврали соли 2015*

## ДАВЛАТИ ПИРӢ

Бобои боғбонам,
Бобои меҳрубонам.

Боғаш сарсабзу хуррам,
Набошад аз ҷаннат кам.

Пайваста меҳнат кунад,
Кӯшишу ғайрат кунад.

Мулки худ обод кунад,
Қалби ҳама шод кунад.

Анвоъи меваҷот ҳаст,
Ба ишқи он гардад маст.

Себи сурхи Самарқанд,
Дилкашу ширин аз қанд.

Шафтолую зардолу,
Муруду ноку олу...

Дар офтоб медурахшад,
Ба чашм сурур мебахшад.

Гӯё хазина ҳастанд,
Давлати пирӣ ҳастанд.

Дарнамонад бобоям,
Умеду муддаоям.

*Бухоро, 23 феврали соли 2015*

## ОДОБ

– Чаро маро ту гӯӣ,
Додоят ту-ту гӯӣ?

– Модару модаркалон,
Бобою бобокалон,

Қоидаро надонанд,
Расму одоб нахонанд.

Шуморо ту-ту гӯянд,
Падари мо ту гӯянд.

Гила аз ман накунед,
Фикр карда бубинед:

Гӯед шумо аз савоб,
Кадоми мо беодоб?!

## МЕҲРАНГЕЗ

Лолои модар астӣ,
Дар бари ӯ бирастӣ,
Ба меҳри ӯ дил бастӣ,
Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

Садбарги бӯстонӣ ту,
Ҳусни гулистонӣ ту.
Ҷисми маро ҷонӣ ту,
Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

Ду чашми шаҳло дорӣ,
Сурати зебо дорӣ,
Забони гӯё дорӣ,
Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

Бегонагӣ надонӣ,
Бо чеҳраи хандонӣ.
Ҳамаро дӯст донӣ,
Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

Шодии ҳамагонӣ,
То абад зинда монӣ.
Арзандаи замонӣ,
Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

Падарро интизорӣ,
Падарро ифтихорӣ.
Ба ҷони худ дӯст дорӣ.
Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

Азизу дилбанди мо,
Беҳтарин фарзанди мо,
Ҳикмату ҳам панди мо,
Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

*Бухоро, 1 сентябри соли 2015*



## ЛУТФИ ХУДО

Шабнами бобо,
Оқилу доно.
Чун гули раъно,
Хушрӯю зебо.

Ширинзабон аст,
Ҳам меҳрубон аст.
Ба мисли ҷон аст,
Чеҳрахандон аст.

Давакдавон аст,
Боғчаравон аст.
Хело пурдон аст,
Моҳи тобон аст.

Дидадаро аст,
Дар дида ҷо аст.
Ба дард даво аст,
Лутфи Худо аст.

*Бухоро, 17 апрели соли 2016*

## БОБОИ МЕҲРУБОНАМ

Бобои ришкалонам,
Ғамхору меҳрубонам.
Умри дароз дида
Ҳикмату панду конам.

Дар намуд чун Рӯдакӣ,
Табъашон чун кӯдаке.
Ҳамаро дӯст медоранд,
Танбеҳашон рӯякӣ.

Намозашон канда не,
Бар касе ҳам банда не.
Чеҳраашон чу офтоб,
Ханда зи лаб канда не.

Хеле беозор ҳастанд,
Кӯдаконро парастанд.
Лафзи ширине доранд,
Аз нокасон дур астанд.

## ХОНАИ МОҲ

– Хонаи Моҳ дар кучҷо,
Чаро нахобад асло?

Гуфта савол намудам,
Ҷавоби ӯ шунидам.

Расул бигуфт: – Бобоҷон,
Азизу беҳтар зи ҷон!

Гарчӣ бувад дар осмон,
Ҳавзи мо бар ӯ макон.

Шабона ин ҷо хобад,
Ба чашми ман битобад.

Донистам: хонаи Моҳ,
Будааст даруни чоҳ!

## САЛОМИ ПАГОҲӢ

Зебояки баодоб
Мекунад кори савоб.

Аз ҳама барвақт хезад,
Шодмону хушвақт хезад.

Оби гармро гирифта,
Дасту рӯяшро шуста,

Ба ҷо орад одобро,
Саломи хӯрду хобро.

Ҷойи худро дониста,
Дар назди хон нишаста,

Бо лутфи модаркалон
Ё “фармон”-и бобоён,

Досташ дароз мекунад,
Нонушта соз мекунад.

Вақте, ки сер мешавад,
Дасту даҳон мешӯяд.

Тоза, озода шуда,
Рафтан омода шуда,

Сумка ба даст мегирад,
Сӯйи мактаб меравад.

Бармегардад бо “аъло”,
Набераи ман Зебо.

Зебояки баодоб
Мекунад кори савоб.



## СӮЗАНӢ

Мероси модаркалон,
Сӯзанӣ кори калон.

Фарох чу мисли осмон,
Нақши гулҳо дурахшон.

Дар сари шоха булбул,
Ранга ба ранга ҳар гул:

Нозбӯю садбарг, сунбул
Печида бар шохи гул.

Ситораҳо намоён,
Дарёи пурҷӯш равон.

Оҳу зи гург гурезон,
Парандагон парзанон

Ба сӯйи боғ мепаранд,
Ба нул чизе мебаранд.

Ҳусни чаман рабояд,
Гар зимистон дарояд,

Гулҳои сӯзаниро
Тимсоли равшаниро

Гузаштани замона,
Осебе кай расонад?

Санъати мо чунин аст,
Нафису нозанин аст.

## ЗОДРӮЗ МУБОРАК!

Ду шаҳболи илҳомам,
Ҷавҳари ҷисму ҷонам.
Суннату Зӯҳрои ман,
Шодии ҷовидонам.

Шеърхону шеъргӯякам,
Булбули хушхонакам.
Бародару ҳам хоҳар
Ду мағзи як донакам.

Ба меҳри дилсӯзатон
Хам нагардад мӯятон.
Сабзед чу нахли навбар,
Себи сурх аст рӯятон.

Аз рухатон нур бород,
Рафторатон бифорад.
Имрӯз, ки зодрӯзатон,
Мавҷи табрик меборад:

Доимо зинда бошед,
Чу гул дар ханда бошед!
Умри дароз бинед,
Шоду фархунда бошед!

*Бухоро, 12 январи соли 2019*

# МАҶЛИСИ МУРҒОН



*Даҳ панҷаи мо ҳунар,*
*Ҳамсояҳо баҳравар.*
*Хизмати мардум кунем,*
*Коҳилӣ маҳкум кунем.*

## СОАТ

Чик-чики чик мекунад,
Тик-тики тик мекунад.

Чун дили беқароре,
Машғули кирдукоре.

Дар соати муайян
Занг бизанад ӯ ба ман.

Моро ҳушёр мекунад,
Моро бедор мекунад.

Шабона маҳтоб аст он,
Рӯзона офтоб аст он.

Дақиқаю соатро,
Гузаштани фурсатро

Бехато бармекашад,
Давру замон андешад.

Шаддаи рӯзҳо зи он,
Ҳам моҳу ҳам соламон.

Асрҳо маҳсули он,
Хнзмати соат калон.

Чик-чики чик мекунад,
Тик-тики тик мекунад.

Вақте ки сар мекунад,
Моро хабар мекунад:

– Ҳой, вақти мактаб омад,
Садои занг баромад!

## ЗОЧА ВА ЗОҒЧА

Сарвари хурдсол
Гардонида рӯй,
Талаб намудаст
Зочаи хушрӯй.

Хоҳараш Гулноз
Зочае сохтаст.
Зочаи ӯро
Зоғчае бурдаст.

Ҳар дуи онҳо
Аз кори зоғча
Ҳайрону гирён
Даруни боғча.

## НОН

Хоҳаракам Саломат
Маро диду савол кард:

– Нон аз чизе мепазанд? -
Гуфта намуд ҳушам банд.

Нонро аз орд мепазанд,
Ордро аз гандум кашанд.

Гандуму ҷав, бегумон,
Ҳосили дасти деҳқон.

Деҳқони пурсаховат,
Хазинабони неъмат.

Дар ҳар давру замоне
Шахсони некӯноме,

Гирифта бар даст каланд,
Соҳиби номи баланд,

Бобои деҳқон шаванд,
Бори замонро кашанд.

## ШОГИРДИ СОДИҚ

Ба устои дуредгар,
Ба марди аҳли ҳунар,

Шогирди содиқ ҳастам,
Ба касби ӯ дил бастам.

Чӯбу тахта кашонам,
Рӯйи дастгоҳ бимонам.

Курсию миз бисозем,
Сандуқи чиз бисозем.

Дару дарвоза созем,
Ба ток ҳавоза созем.

Хонаву коза созем,
Аз чӯби тоза созем.

Созем токчаю зина,
Устодаму камина.

Даҳ панҷаи мо ҳунар,
Ҳамсояҳо баҳравар.

Хизмати мардум кунем,
Коҳилӣ маҳкум кунем.

Бо ҳунари худ нозем,
Устои сарфарозем.

Касби мо хело зарур,
Ба аҳли деҳа манзур.

## ШАҲЗОДА

Яке Шаҳзода гӯяд,
Дигар Озода гӯяд.

Шумо гӯед, бачаҳо,
Духтару писарчаҳо:

Чаро ба як кас ду ном,
Ё бошад ин кори Мом?!

– Аз афташ, Озода аст,
Озодаву тоза аст...



## ҚИССАИ ҒУК ВА МОР

Як ғуки солхӯрдае,
Кайҳо занаш мурдае

Миёни кӯли Мурдоб
Дар сари кундаи боб

Пашша хумор мекард,
Пашша шикор мекард.

Сер шуду хобаш омад,
Як хоби бобаш омад.

Дидааш пардапӯш шуд,
Гӯшҳояш пахтапӯш шуд.

Майли фароғат намуд,
Гӯё ки буду набуд...

Як мори бадҳайбате,
Чолоку пурғайрате

Аз кучҷое пайдо шуд,
Ғукро диду шайдо шуд.

Даҳони ғорро кушод,
Сайдро ба он ҳаво дод.

Муфтхореро ҷазо дод,
Худро ба об ҳаво дод.

Рӯзиро соҳиб бишуд
Аз назар ғоиб бишуд...

Қиссааш боқӣ бимонд,
Хонанда онро бихонд.

*Бухоро, 26 октябри  соли 2007*



## ТАНПАРВАР

Каллаи Усмон каду,
Баҳои ҳаррӯза “ду”.
Вазифаҳо нотайёр,
Надонад ду карра ду.

Мешинад конфет хӯрда,
Дам ба дам хобаш бурда.
Муаллим чизе пурсад,
Забони ӯ нимғурма.

Ҷӯраҳо дар азобанд.
Иллаташро мекобанд.
Чаро ӯ ин хел танбал?
Мекобанд, намеёбанд.

Магар ин хел танпарвар,
Мешавад ватанпарвар?!

## БОДӢ

Фарзанди Боқӣ Ҳодӣ
Дарозу қоқу бодӣ.

Ҳамаро метарсонад,
Ҳамаро меларзонад.

Гапи дурӯғ мезанад.
Ба духтар дӯғ занад,

Кӯдаконро гирёнад,
Расму одоб надонад.

Вазифаро нахонад,
Ҳеч чизеро надонад.

Баҳои паст мегирад
Назди муаллим гиряд.

Даруни синф безабон,
Дар танаффус қаҳрамон.

Аз пайи гулҳо давон
Ба мисли боди хазон.

## ТАННОЗ

(Ҳазл)

Лӯхтакчаи сози ман,
Шӯхаки пурнози ман,

Бароят хон оростам,
Чизе буд, ман гузоштам.

Як тараф кулчаву нон
Гармаку боби дандон.

Як тараф ангуру себ
Сурфаро додааст зеб.

Лаълӣ пури ширавор,
Чашми ту гардад хумор.

Оши палав ҳам тайёр,
Барқ занад аз дорувор.

Нозу неъмат ғанимат,
Марҳамат, эй Марҳамат!

Ҷонро гудоз мекунӣ,
Чаро ту  ноз мекунӣ?

*Бухоро, 14 июли соли 2010*

## РОБИТА

Осмони пурситора,
Маро созӣ назора.
Чашмак зада ба сӯям,
Шабҳо кунӣ ишора.

Надонам мақсадатро,
Куҷо донам сирратро?
Гумон созам, ки ҳар шаб,
Нисор созӣ меҳратро.

Мо ҳам туро парастем,
Ба ишқи ту дил бастем.
Доимо бо ту ҳастем,
Бо ту робита бастем.

*Бухоро, 19 феврали соли 2015*

## СИТОРА

– Шарораҳои оташ
Парида куҷо раванд?
Шалолаҷон, гӯй ба мо
Рафта чизе мешаванд?

– Онҳо ба осмон расанд,
Ҳама ситора гарданд.
Ба номи ҳар яки мо
Рамзи хотира гарданд.



## ШИКОЯТИ “КИТОБИ ХОНИШ”

Аз они мактаб ҳастам,
Ба ту амонат ҳастам.

Ба ман ту гӯш намонӣ.
Ҳех чизеро надонӣ.

Як бор маро кушода,
Шамол надодӣ, содда!

Ранги рухи ман зард шуд,
Қалбам ҳам аз ту сард шуд.

Ҳар як саҳифаи ман,
Кони тиллою маъдан.

Панду ривоят дар он,
Шеъру ҳикоят дар он.

Афсонаҳо бешумор,
Қиссаҳо қатор-қатор.

Ман “Китоби хониш”-ам,
Хазинаи донишам.

Зери сарат болинам,
Порчаи як қолинам.

Ба қадри ман кай расӣ,
Худат чӣ гуна касӣ?

## МУРҒОБӢ

– Мурғобӣ, эй мурғобӣ,
Дар об ту чӣ мекобӣ?

– Ман, ки мурғобӣ ҳастам,
Ба обу гил дил бастам.

Дарёю кӯл маконам,
Анҳору ҳавз ҷонам.

Дар об зода ҳастам,
Дар об худ бирастам.

Кӯрпаи нармам об аст,
Бистари гармам об аст.

Даруни об мекобам,
Ризқу рӯзӣ меёбам.

## НОНВОЙ

Ризо хеши Раҳимбой
Дар гузари мо нонвой.

Нонвоӣ касби падар,
Меросӣ аст бар писар.

Танӯраш мисли хумдон,
Аз гулхан доим рахшон.

Пур аз кулча дарунаш,
Пур аз нон аст берунаш.

Пурлаззату хушхӯр аст,
Сап-сафеду пурнур аст.

Зеби дастурхони мо,
Бар тани мо ҷони мо.

Маъракаҳои мардум
Пурфайз аз нони гандум.

Хидмати нонвой калон
Барои ҳар хонадон.

## РОБИТАИ КАЙҲОНӢ

– Ситораи дурахшон,
Ситораи нурафшон!
Чаро ту чашмак занӣ?
Чӣ сирре доре, фаҳмон!

– Бо мушак осмон баро,
Ҷӯраҷон, наздикам о.
Ё ман фаром бар замин,
Мақсади ман буд ҳамин:

Дӯсту бародар шавем,
Бо ҳам баробар шавем.

*Бухоро, 13 марти соли 2015*

## ОШПАЗ

Ошхонаи дабистон –
Чашми сери шогирдон.

Ошпази он пурҳунар,
Хӯрокаш хуб саросар.

Кабобу шӯрбо пазад,
Таъриф кунӣ, месазад.

Ба ош агар дам диҳад,
Мизоҷашро ғам диҳад.

Лаззати ҳар таомаш,
Муносиб аст ба номаш.

Ошпази номдор аст,
Мухлисаш бешумор аст.

Дар байни хӯрандагон,
Мӯътабар аст бегумон.

## КИСТАМ МАН?

Гар нашиносед маро
Шинохта монед шумо:
Аз нажоди Ориё,
Дониста монед маро.

Тоҷикаму тоҷ бар сар,
Бо эронӣ бародар.
Бо дариён ҳамзабон,
Фаҳмед шумо аз дигар.

Забони шево дорам,
Забони гӯё дорам.
Мероси бойтарин аст,
Лафзи гуворо дорам.

Забони Рӯдакӣ аст,
Забони Фирдавсӣ аст.
Забони Саъдӣ, Ҳофиз
Забони он Тӯсӣ аст...

Ифтихори шоирон,
Сармояи олимон.
Мушкилкушои ҳама
Донед шумо, ҷанобон!

## ХАРГӮШАКИ ХАБАРКАШ

***(Масал)***

Гӯши дароз дорӣ,
Поҳои тоз дорӣ.

Мешунавӣ ҳар садо,
Ҳар сирру асрори мо.

Ҳар гапи моро гӯӣ,
Баҳонаҳо бичӯӣ.

Хабаркашӣ мекунӣ,
Моёнро бад мебинӣ.

Миёни дӯсту душман
Суханчину фурӯтан,

Офати бӯстон ҳастӣ,
Оташи сӯзон ҳастӣ.

Харгӯшаки хабаркаш,
Пӯстини худро бикаш.

Шағолу гургу рӯбоҳ,
Аз ту шуда рӯсиёҳ,
Танбеҳи шер гирифтанд,
Ба кас чизе нагуфтанд.

Бояд, ки эй нотавон,
Беманзилу бемакон,

Сухан дониста гӯӣ,
Баҳонаҳо маҷӯӣ.

Харгӯшаки хабаркаш,
Магӯ гапи бебаркаш.

## МАҶЛИСИ МУРҒОН

Боғи шаҳри мо,
Олами растанӣ.
Дарахтони он
Боби диданӣ.

Зебо баҳорон,
Ҳангоми борон.
Тирамоҳ дилкаш
Бозори мурғон.

Шабонаҳангом
Майнаву зоғон
Маҷлис ороянд
Бар гӯши боғбон.

Масъала якто:
Фасли зимистон
Дар кучо созанд,
Манзилу макон?

## ҶӮҶА

Эй ҷӯҷаи нулзардак,
Телбаи ҳарҷогардак!

Ҷиғир-ҷиғир мекунӣ,
Ҳамаро дилгир кунӣ.

Назди пишак меравӣ,
Таги бузак меравӣ.

Сӯйи катак медавӣ,
Ба обу оташ равӣ.

Обу донат тамом шуд,
Бетоқатӣ мудом шуд.

Модари худ ғам диҳӣ,
Кулфати олам диҳӣ...

Хабардор аст модарат,
Дур наравад аз барат.

Рӯзе худ модар шавӣ,
Ба қадри модар расӣ.

## ЗОҒИ АЛО

Қосиди қутби шимол,
Гармӣ ба ҷисмаш малол.

Наборад барфу борон,
Қалби ӯ гардад вайрон.

Қар-қари қар мекунад,
Гӯшҳоро кар мекунад.

Зимистон пайдо шавад,
Бар ватан шайдо шавад.

Вақте шавад баҳорон,
Наборад барфу борон,

Қутб хумор мекунад,
Аз мо фирор мекунад.

Мурғи зимистон бувад,
Манзил яхистон бувад.

## ЗОҒЧА БАЛО ШУД

Ангур ало шуд,
Зоғча бало шуд.

Ташвиши боғбон,
Ташвиши посбон

Аз ҳад зиёд шуд,
Якумра ёд шуд.

Сели паранда
Мисли даранда

Ба току токзор,
Ба боғу гулзор

Ҳуҷум намоянд,
Мисли балоянд.

Мо ихтиёрӣ
Рафтем ба ёрӣ.

Корҳо баҷо шуд,
Зоғча куҷо шуд?

Бехабар монад,
Касе надонад...

## ЗОҒЧА ЧАРО СИЁҲ ШУД?

Зоғчаи бозингарак,
Шӯхаку хеле зирак,

Бесабру беқарорак,
Ҷомаи нав муборак!

Рӯзе шунид бӯйи нон,
Назди танӯр шуд равон.

Кампираке якка дид,
Сар ба танӯраш хамид.

Бурдаи ноне гирифт,
Роҳати ҷоне гирифт.

Ранг гирифт пари ӯ,
Сияҳ шуд бистари ӯ.

## ЗОҒЧА ЧАРО БУРД?

Зоғи алоча,
Хело балоча

Аз сари деги
Модари Зебӣ

Дастмоли дегро,
Ҳамранги регро

Агарчи хурд аст,
Дуздида бурдаст.

Зебии зирак,
Хурду тирмизак,

Омада бар худ
Ба хоҳараш зуд

Чун арзу ҳол кард,
Чунин савол кард:

– Дастмоли дегро,
Ҳамранги регро,

Зоғча чаро бурд,
Онро куҷо бурд?

– Дегу табақаш
Нашуста мондаст,

Дар хонаи он
Дастмол набудаст.

## РОҲИ УМР

Дар кафи чӯли[1] сӯзон
Хазандагон бисёранд.
Сангпушту харгӯшакҳо
Аз ҳама бешуморанд.

Дар таги як теппае
Харгӯшаке макон кард.
Дуртар аз он сангпуште
Зиндагӣ он замон кард.

Барои ҳамсоягон
Чашмае буд дар миён.
Зи оби ҷонбахши он
Хуррам буд он биёбон.

Бошандагони он ҷо
Об зи он менӯшанд.
Дар сари чашма ҳар рӯз
Гуфтугузор мекунанд.

Дар сари минбар рӯзе
Харгӯшаки пурсӯзе
Зинакӯбон баромад
Ба мисли кӯҳнадӯзе.

Он сангпушти сустқадам
Аз ҳама охир омад.
Пойҳо гузошта бардам
Аз остона баромад.

Инро дида харгӯшак
Ба ҳоли ӯ бихандид.
То ки сангпушт наранҷад,
Забони худро газид.

---

[1] Чӯл – биёбон.

Пас шӯрида аз дард
Ба сӯҳбаташ сар бикард:

– Агар бошад бемалол,
Медиҳам ман як савол:

Эй сангпуштаки лаванд,
Поҳоят дар басту банд!

Ин қадар ту сустқадам?
Надонам, аз кӣ ту кам?

Аз ин ҷо то ҷаҳаннам
Меравам ман ба як дам.

– Рост аст, ки ту чаққонӣ,
Дар роҳи умр равонӣ.

Дар ин ҷаҳони фонӣ
Ним аср ҳам намонӣ.

Маро, ки ту мебинӣ,
Бодпову чолок нестам.
Дар роҳи байни асрҳо
Рахти сафар бубастам.

**МУШАКИ ХОК БА САР**

Кулбаи модаркалон
Дар лаби ҷӯйи калон

Тозаю ороста аст,
Дилкашу дарбаста аст.

Расида фасли хазон,
Хароб гардида бӯстон

Хонаи муш вайрон шуд,
Куҷо равад? - ҳайрон шуд.

Ҳаво сарду нофорам,
Борон борад дам ба дам.

Сарсону саргардон шуд,
Сӯйи кулба равон шуд.

Аз тоқи поёни он
Даромад кунҷи майдон.

Дар он ҷо халтаи орд,
Замин сафед гарди орд.

Дуртар аз он дастурхон
Пур буд аз кулчаю нон.

Хулоса, анборе буд,
Хӯроки бисёре буд.

– Ана, - гуфто: - ҷои ман
Макони дилҷӯи ман!

Чизи бутун намонад,
Кампир дар ҳайрат монад.

Гӯшаи холиеро
Ҷойи муносиберо

Хирмани хоктӯда кард,
Як сӯрохи рӯда кард...

Халтаи орд тамом шуд,
Чизи ҳалол ҳаром шуд.

Дастурхон ҷиғда-ҷиғда,[2]
Кӯрпачаҳо дарида,

Атрофро ҷағбут[3] гирифт,
Ахлоту саркут гирифт...

Пиразан дарро кушод:
– Во аҷабо! - садо дод.

Ҳуш зи хаёлаш парид,
Чоки гиребон дарид.

Аз карда шуд пушаймон,
Миёни хона ҳайрон.

Кирдори муш бидонист,
Хабар ба Мошон фирист.

Пайдо бишуд ногаҳон
Гурба аз болои бом.

Пиразан дар ғазаб буд,
Ҷанҷолро ин сабаб буд.

[2] Ҷиғда – пора-пора дарида.
[3] Ҷағбут – кӯҳнаи фарсуда.

Мошонро дар назди муш
Гузошта бо хашу пуш

Баст дари хонаро
Сӯрохи мушхонаро...

Мушак аз ин гирудор
Гардида зуд ҳушёр

Аз ин манзил бадар рафт,
Ба хонаи дигар рафт...

Э, мушаки хокбасар,
Э, мушаки дарбадар!

## БОМИ ОСМОН

– Гӯ ту ба мо, эй Усмон,
Чӣ  бошад боми осмон?

– Аз ҳавои зарандуд,
Аз абри ҳамранги дуд,

Аз пардаи каснодид,
Қабатҳои ба ҳам зид,

Бовар кунед, бегумон,
Мебошад боми осмон.



## ХИТОБАЕ БА ТАНБАЛОН

Эй зиндагони мурда,
Ризқу рӯзӣ бурида.

Чашматон пури хоб аст,
Мулки шумо хароб аст.

На соҳиби давлатед,
На соҳиби савлатед.

Мӯҳтоҷи пораи нон,
Холӣ аст тахтаи нон.

Аз меҳмон ҳам безоред,
Дар зиндагӣ бекоред.

Дангосаву беоред,
Пушти сарро мехоред.

Гӯё умре беморед,
Шарму ҳаё надоред.

Худро одам шуморед,
Афсус, ки мисли моред.

Исматон бекорхӯҷа,
Ҷойи шумо паскӯча.

Зану фарзанд хору зор,
Аз шумо гашта безор.

Дарбадару хок ба сар,
Чӣ кор кунанд дарди сар.

Гуруснаву бемадор,
Дар сари роҳи бозор.

Гадои тайёр ҳастед,
Ба тайёр айёр ҳастед.

Садқаи мардӣ гардед,
Карахту ҳам хунсардед.

Ҳайфо, ки зинда ҳастед,
Бар банда банда ҳастед.

Шарматон гар наояд,
Умратон ҳам напояд.

Зиндаи мурда ҳастед,
Зеро ба хоб дил бастед.

Овоз:

Бе ин ҳам нисфи умраш,
Қимат зи зару дурраш.

Сарфи хоби гарон аст,
Офати ҷисму ҷон аст.

## МОРИ ХАЗИНА

Ҳаҷвия

Гардам тиҷорататро,
Гардам каромататро.

Нарху наво ба осмон,
Гардам асорататро.

Кунҷи бозор ҷойи ту
Гардам  матонататро.

Харид-фурӯш пешаат,
Гардам камолотатро.

Корат фиребу найранг,
Гардам рисолататро.

Бар сарат ҳирси дунё,
Гардам амонататро.

Хок поши бар чашми мо,
Гардам надомататро.

Кай шавад чашми ту сер?
Гардам  қаноататро.

Маро ту коҳиш кунӣ,
Гардам маломататро.

Туф кунам бар ин ҳама,
Гардам касбу коратро!

*Бухоро, 18 январи соли 2019*

## ДОНАШӮРАК

Донакҳои зардолу
Чун писта хандон карданд.
Хобонида дар намак
Ба чаши намоён карданд.

Дар тӯю  дар маърака
Зеби дастурхон карданд.
То таъми онро чашанд
Ҳамаро меҳмон кардаанд.

Макони донашӯрак
Шаҳру деҳи Ғиждувон,
Расида шӯҳрати он
То гӯшаҳои ҷаҳон.

*Бухоро, 20 январи соли 2019*

## ЗИНДАВУ БЕТОБ

Ҳаҷвия

Модар даруни ҷойхоб,
Кӯдак дар гаҳвора хоб.
Писар ҳам масти хоб аст,
Духтар гӯё бетоб аст.
Падар аз онҳо бадтар,
Зи хоб наояд бадар.
Ҷаҳонро об бурдааст,
Ҳамаро хоб бурдааст.
Рӯзу шабҳо бихобанд,
Ба чашми кас натобанд.
Умрро сарфи хоб кунанд,
Як хобаки боб кунанд.
Кӯрпаро бар сар кашанд,
Корро фаромӯш кунанд.
Тухми орзу накоранд,
Ба ҳеҷ касе нафоранд.
Мӯҳтоҷи ину онанд,
Гӯё ки нотавонанд.
Ғами дунё надоранд,
Ба чашми мардум хоранд.
Хобу хоболуд ҳастанд,
Доим карахту мастанд.
Ба мисли нашъамандон
Меҳре надоранд чандон.
Гирифтори хоб ҳастанд,
Чашми худро бастаанд.

*Бухоро, 20 январи соли 2017*

## ПАШША

Ҳаҷвия

Латифи “пашша”
Даҳонаш кашша

Сархуш ҳамеша
Мекашад нашша.

Чун шахси бемор
Аз ҳама безор.

Ҳаррӯз ба пешам
Ба назди гӯшам

“Ғингу ғингу ғинг
Вичу вичу вич”,

Кораш шикоят
Кунад ҳикоят:

Аз назари ӯ
Дар гузари ӯ,

Ҳама дузду ғар
Одам наю хар.

Танҳо худи ӯ
Бе ҳеҷ гуфтугӯ.

Аз ҳама беҳтар,
Аз ҳама хубтар.

*Бухоро, 6 декабри соли 2007*

## ОФАТИ ҶОН

Ҳаҷвия

Эй дӯсти нонӣ,
Нагашти ҷонӣ.

Мекашӣ ту нос,
Ҳадди худ шинос.

Лабонат ифлос,
Даҳонат ифлос,

Чун барги талқон
Кабуд аст, бидон:

Вора дамидааст
Дилу ҷигар ҳам.

Бемору пурдам.
Ту бошӣ беғам.

Саратон кунад,
Қасди ҷон кунад.

Фаҳми ту шояд
Раҳми ман ояд.

Парто ин одат
Дур шав зи офат!

*Бухоро, 8 декабри соли 2007*

## МАЙМУНИ ТАЙЁР

Ҳаҷвия

Эй, олами ғам,
Нӯшӣ дамодам,

Заҳри зақумро,
"Оби зум-зум"-ро.

Мисли девона
Ҳар чӣ баҳона.

Номус надорӣ,
Ба сар бардорӣ.

Ҳавлию хона
Тарсад ҷонона.

Хобӣ сари роҳ,
Эй марди гумроҳ.

Улфате ёбӣ,
Киссааш кобӣ.

Боз ту бикӯшӣ,
Нӯшию нӯшӣ.

Диҳӣ тамошо
Ба дӯсту ошно,

Эй, масти беор,
Маймуни тайёр.

*Бухоро, 10 феврали соли 2007*

# ЁРИ БУХОРОӢ



*Чун шамъи пурнур бо нури васлат*
*Бахшо фуруғе дар шоми ҳиҷрон.*

## ҶАВҲАРИ ҶИСМУ ҶОН

Туӣ созу навоям,
Туӣ дору-давоям.

Умеди ду ҷаҳонам,
Мабод, ки бе ту монам.

Ҷаҳони равшанам ту,
Сафои гулшанам ту.

Гавҳари дидагонам,
Машъали хонадонам.

Ту зӯру ҳа тавонам,
Ҷавҳари ҷисму ҷонам.

Вагарна ҳайкалам ман,
Санги кӯҳу талам ман.

Дар ин ҷаҳон фонӣ
Ту бошӣ ҷовидонӣ.

*Бухоро, 14 феврали соли 2007*

## ХУРШЕДИ ДАМИДА

Чу ӯ маъшуқаро олам надида,
Зи рашкаш моҳи тобон лаб газида.

Гумон кардам, ки аз насли парӣ аст,
Ҳама Маҷнун шавад ҳарфаш шунида.

Шаби базмии маро ӯ машъале буд,
Ҳама ҳайрон шуданд он рақс дида.

Сару рӯяш битафсиду арақ кард,
Гулоб аз тори мӯйи ӯ чакида.

Ба давра оламе парвона мегашт,
Ту гӯӣ, оҳуе аз мо рамида.

Ба қалби мурдаам уммед бахшид,
Ба шоми ин Асад моҳе дамида.

## БА РАҚҚОСА

Эй дилбари мӯдароз,
Чолоку шӯху пурноз!
Ба сӯйи ман назар кун,
Дили ғарибам навоз.

Эй шӯхи дилнавозам,
Эй нози нози нозам!

Туро ба давра хонам,
То ойӣ ту ба парвоз.
Ҳунарнамоӣ кунӣ
Ба оҳанги савту соз.

Эй шӯхи дилнавозам,
Эй нози нози нозам!

Бо рақсу бо адоят
Базми моро кун оғоз.
Аҳволи ошиқонро
Бо имоҳо кун иброз.

Эй шӯхи дилнавозам,
Эй нози нози нозам!

*Бухоро, 17 ноябри соли 2011*

## ЁРИ БОВАФО

Дилбари ғамгусорам,
Оқилу меҳрборам.

Бонуи хонадонам,
Фасли хуши баҳорам.

Аз қисматам нанолам,
Ту ҳастӣ бурду борам.

Гирди сарат мегардам,
Бо туст ифтихорам.

Эй бонуи паризод,
Танҳо туро дӯст дорам.

Умрат шавад зиёда,
Дасти дуо бардорам.

Ту ёри бовафоям,
Шубҳа ба ин надорам.

Рӯзе туро набинам,
Бо чашми ашкборам.

*Ню-Йорк, 10 августи соли 2013*

## ЁРИ БУХОРОИЯМ

Рухсораи чу моҳат,
Дил мебарад нигоҳат,
Ошиқро сӯзад оҳат,
Ёри бухороиям,
Орову тороиям.

Аз паят овораам,
Бар худат дил додаам,
Чанде, ки бебодаам,
Ёри бухороиям,
Орову тороиям.

Ба дидорат муштоқам,
Дилбараки бебокам,
Хушрӯву зебоякам,
Ёри бухороиям,
Орову тороиям.

Зудтар биё, ҷонакам,
Дерест пазмонакам,
Ширин шавад комакам,
Ёри бухороиям,
Орову тороиям.

Бахти ту дар дасти ман,
Ёраки пуршасти ман,
Маъшуқаки масти ман,
Ёри бухороиям,
Орову тороиям.

*Бухоро, 20 феврали соли 2017*

## НУРИ ХОНАДОН

Эй офати ҷон, эй роҳати ҷон,
Бонуи манзил, нури фурӯзон.

Ман кам надорам, як ғам надорам,
Бо ту азизам, хушбахту хандон.

Ишқи туро ман бо ҷон парастам,
Чун шоҳи ошиқ дар шоми ҳиҷрон.

Ҷони азизам бодо фидоят,
То зинда ҳастам, дар қалби ман мон.

Чун шамъи пурнур бо нури васлат
Бахшо фурӯғе дар шоми ҳиҷрон.

*Бухоро, 29 октябри соли 2011*

## ҶУФТИ МАН

Дар куҷоӣ, ёракам,
Камнамоӣ, ёракам.
Бенишонӣ, ёракам,
Бебарор аст коракам.

Зудтар биё, ҷонакам,
Бе ту хору зоракам.
Медароӣ бесуроғ,
Ҳар шабе дар хобакам.

Аз мани бечорае
Доимо безоракам.
Гар харидори манӣ,
Зуд биё, дилдоракам.

Раҳми ман ояд ба ту,
Ҳамсару ҳам сарварам.
Ҷон фидоят мекунам,
Лайлии ғамхоракам.

Хонаи дил ҷойи ту,
Боз чӣ гӯям, ҳамсарам?
Гар ту бошӣ дар барам,
Дон, ки ҷуфт гардад сарам.

*Ню-Йорк, 3 августи соли 2013*

## ҶОНИ ШИРИНАМ, БИЁ!

Сарвқомат, рафтӣ ту аз манзилам,
Холӣ монда хонаву кунҷи дилам.
Ман надонам, кай бигардӣ аз сафар,
Дар даруни оташ аст хоку гилам.
Ҷону ҷононам, биё,
Нури чашмонам биё.

Аз фироқат сӯз дорад пайкарам,
Мисли санги осиё гардад сарам.
Бистарат паҳну парешон мондааст,
Рӯзу шаб ҳеҷ кас набошад дар барам.
Ёри ширинам, биё,
Ҷони ширинам биё.

Гулпарастам, боғу бӯстонам хароб,
Ғамгин асту чашми беморам пуроб.
Булбулонаш мисли ёр кӯч бастаанд,
Орзӯ, уммеди ман гашта сароб.
Гул ба гулзорам, биё,
Булбули зорам, биё.

Эй парӣ, ман ошиқи шайдо шудам,
Лол будам, булбули гӯё шудам.
Чун шунидам лафзи ширини туро
Аз ҳама ширинӣ бепарво шудам.
Хоби худ бар об гуфтӣ, ҷонакам,
Таъбираш ҷӯё тахи дарё шудам.
Ёри ғамхорам, биё,
Чашми бедорам, биё!

Гуфта будӣ кӯи ман фардо биё,
Гӯиё сар то қадам фардо шудам.
Бо умеди васли ту, моҳи ҷаҳон,
Гирди дунё гаштаму дунё шудам.

Бахти некӯ бар ту хандид, эй Асад,
Дар ҷаҳони ошиқӣ бино шудам.
Ёри ширинам, биё,
Ҷони ширинам биё.



# АРМУҒОНҲОИ ГУЛФОМ



*Ҳофизо, ҳам кору пайкорат накӯст,*
*Шоиро, ҳам фаҳму афкорат накӯст.*
*Аҳли дилро фатҳ кард эҷоди ту,*
*Мурдаро эҳё намуд фарёди ту.*

## БА ПИРИ ҒАЗАЛ – ҲОФИЗ

Шеър гуфтам, исми ту омад ба ёд,
Шеър хондам, номи ту омад ба ёд.

Ҳофизо, ҳам кору пайкорат накӯст,
Шоиро, ҳам фаҳму афкорат накӯст.

Аҳли дилро фатҳ кард эҷоди ту,
Мурдаро эҳё намуд фарёди ту.

Шеъри ту дар қалби моён ҷо гирифт,
Чун Ҳумо пар бар сари дунё гирифт.

Хонда “Девон”и туро шоир шудам,
Дар фазои шеъри ту тойир шудам.

Бар ту таъзим, Ҳофизи овозадор
То ҷаҳон ҳаст, шӯҳрати ту пойдор.

Офарин бар шоири пуриқтидор,
Баҳри ашъори накӯву мондагор.

## САЪДИИ БУЗУРГ

Пири доноёни олам гаштаед,
Парчами шеъри муаззам гаштаед.

Хатм карда мактаби одамгарӣ,
Дар мақоми шоирон чун сарваре.

Исматон вирди забонҳо гаштааст,
Шӯҳрати давру замонҳо гаштааст.

Ифтихори халқамон осоратон,
Дар забони пиру барно коратон.

Кони панду ҳикмат аст “Девон”-натон,
Бемиёсу бебаҳост “Бӯстон”-натон.

Буд “Гулистон” қуллаи эҷодатон,
Худ баланд аст дар ҷаҳон овозатон.

Чӣ қадар зебо бувад ашъоратон,
Чӣ қадар, хоно бувад осоратон.

Ҳар кӣ хонад, олиму доно шавад,
Чун ба мисли дидаи бино шавад.

То қиёмат хидмати инсон кунад,
Мушкили мову Шумо осон кунад.

Нур пошад мисли шамс ашъоратон,
Ҷовидон бодо абад гуфторатон.

*Бухоро, 3 ноябри соли 2018*

## МЕҲРИ УСТОД

Ман шоири машҳурам,
Тахаллусам Навоӣ.
Ҳар байти "Хамса"-и ман
Ба дарди кас давоӣ!

Шогирди Ҷомӣ ҳастам,
Ба устодам дил бастам.
Роҳи эҷодам кушод,
Қалам бидод ба дастам.

Пири тариқатам ӯ,
Пири ҳақиқатам ӯ.
Дар ҷаҳони шоирӣ
Хуршеди қисматам ӯ.

*Бухоро, 2 ноябри соли 2017*

## ҲОФИЗИ МАШҲУР

*Ба мақомхони номдори халқҳои
яҳудиву тоҷику ӯзбек Абрам Толмасов*

Эй ҳофизи хушовоз,
Эй санъаткори мумтоз.

Парвардаи Самарқанд,
Гуфторат ширин аз қанд.

Устоди "Шашмақом"-ӣ,
Хушсурату хушкомӣ.

Санъаткори нотакрор,
Касбу корат бобарор.

Садоят ҷонгудоз аст,
Тори рубобат соз аст.

Оҳанги ту ҷаҳонгир,
Оламеро фарогир.

Ту гули саҳна ҳастӣ,
Булбули хушхон ҳастӣ.

Овози дилнавозат,
Роли асосӣ бозад.

Мухлисонат бешумор,
Дилбастаанду ҳушёр.

Тамошобини бисёр,
Меҳмонони бешумор.

Намеғунҷанд дар толор,
Бо дидаи пурхумор.

Ташнаи дидор ҳастанд,
Бар шумо хушдор ҳастанд.

Шунида овозатон,
Ҳам садои торатон.

Ба бозӣ мебароянд,
Ба саҳна медароянд.

Сар шавад иди “Мақом”,
Меравад дар як маром.

Иди бузурги санъат,
Ба ифтихори миллат.

Тантана менамояд,
Қалби моро кушояд.

Тамошо, кун тамошо,
Ин гуна базм дар куҷо?

Қалби ҳама шод шавад,
Хирмани ғам бод шавад.

Левича устодатон,
Ҳам шӯҳрату шонатон!

Хаста нагардед, устод,
Умратон ҷовидон бод!

Марҳабо, дар базми мо
Бар Шумо сад тасанно.

Торро гиред боз аз сар,
Суруди нав гардад сар.

Хоҳиши мухлисон аст,
Ба гуфтан гар осон ҳаст!

Худо нигаҳбонатон,
Зинда монад номатон!

Кам нагардад созатон,
Ҳам шӯҳрату шонатон.

Осуда бошед Шумо,
Фарди олиму доно!

Дуои мухлисон аст,
Аз меҳрашон нишон аст!

*Ню-Йорк, 2 августи соли 2013*

## БУЛБУЛИ БОҒИ САНЪАТ

*Ба ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурии*
*Тоҷикистон Шоиста Муллоҷонова*

Булбули боғи тоҷик,
Аз номи ҳама табрик!
Ҳофизи хушовозӣ,
Бар дилу дида наздик.

Мо туро пазмон шудем.
Харидор аз ҷон шудем,
Аз дидори ширинат
Чун гули хандон шудем.

Овози ҷонпарварат
Ғубори дилро барад.
Зиндаю поянда бош
Тоҷи санъат бар сарат.

Саҳна бувад ҷойи ту
Театр маъвои ту,
Булбули бӯстони мо
Барҷаста симои ту.

Ваќто суруд мехонӣ
Ќиёми ҷисму ҷонӣ,
То ҷаҳон ҳаст ту бошӣ
Хоҳам ки зинда монӣ.

Тоҷикистон маконат
Бе ту ҳаргиз намонад,
Хуш омадӣ, Шоиста,
Вирди забонҳо номат.

*Бухоро, 23 ноябри соли 2004*

# ШОИРИ ШИРИНКАЛОМ

*Ба дӯстам Нормурод Каримзода*

Шоири ширинкалому меҳрубон,
Шоири озодафикру хушбаён.

Хонда ман шеъри ту лаззат бурдаам,
Гӯё ширу асалу қанд хӯрдаам.

Шеъри туро рӯзу шабҳо хондаам,
Исми хубат аз забон кай мондаам?

Аз каломат шеъри форсӣ ранг гирифт,
Баршукуфту тоза шуд, оҳанг гирифт.

Байни шоирҳои мо болонишин,
Тозаҷӯю тозагӯю заррабин.

Кони панду ҳикмат аст осори ту,
Мактаби эҷодӣ аст ашъори ту.

Фахр созам аз чунин як шоире,
Соҳиби касбу ҳунар ҳам соҳире.

Зинда бошу зинда бош, эй Нормурод,
Дар ҷаҳон поянда бош, эй Нормурод!

*Бухоро, 5 октябри  соли 2014*

## САНОХОН ШУД САМАРҚАНД

*Ба муносибати ҷашни 75-солагии Корманди шоистаи фарҳанг, узви Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Аслиддин Қамарзода*

Баланд гардид суруди булбулонаш,
Зи "Гулдаста" гулистон шуд Самарқанд.

Шунидастам, ки бӯстон шуд Самарқанд,
Ба ҷисми рафтагон ҷон шуд Самарқанд.

Ки олам аз навояш бохабар шуд,
Ба шеъру шоирӣ кон шуд Самарқанд.

"Гулистони адаб" омад ба олам
Ба ҳукми маърифат ҷон шуд Самарқанд.

Кунун моро шинохт аҳли замона,
Ба ҳар дида намоён шуд Самарқанд.

Зи ҳар ҳарфу ҳиҷояш панд резад,
Ба Аслиддин санохон шуд Самарқанд.

Миёни олимон аллома гаштаст,
Зи илмаш кавкабистон шуд Самарқанд.

## САРПАРАСТ

*Ба адабиётшиноси машҳур, доктори илмҳои филологӣ Ҷумъақул Ҳамроев*

Боғбони насли одам гаштаед,
Дар саховат мисли ҳотам гаштаед.
Дар миёни олимони ин замон,
Гӯиё ки садри аъзам гаштаед.

Мекушоед ҳар гиреҳи бастаро,
Мепарастед одами дилхастаро.
Ҳам умеди навҷавонон гаштаед,
Меписандед олими барҷастаро.

Сарбаландед дар миёни олимон,
Номатон вирди забони одамон.
Илматон дорад мақоми докторӣ
Боқӣ монад ҷовидон осоратон.

*Бухоро, 4 октябри соли 2014*

## ОЛИМИ ПУРДОН

*Ба муносибати ҷашни 60-солагии олими забоншинос Ҳамроқул Бердиқулов*

Бо ҳама ошно Шумо,
Фозилу доно Шумо.
Дар байни навҷавонон
Нуронӣ бобо Шумо.

Устоди меҳрубонед,
Гӯё ки боғбонед.
Дар сари хонавода
Бешубҳа, посбонед.

Олими пуртавонед,
Чу хуршеди тобонед.
Хазинаи илм астед,
Алломаи замонед.

Исматон бегазанд аст,
Шӯҳрататон баланд аст.
Дар байни пиру барно
Мақоматон дучанд аст.

Имрӯз, ки Рӯзи мавлуд,
Охир, рӯзи таваллуд.
Шуморо табрик гӯем,
Бо қалби пурмеҳри худ.

Доимо зинда бошед,
Чун нури дида бошед.
Дар оғӯши Самарқанд
Доим поянда бошед.

*Бухоро,20 сентябри соли 2014*

## УСТОДИ ФОЗИЛОН

*Ба раиси Иттиҳодияи нависандагони, шоирон ва паёмнигорони яҳудиёни Бухоро дар Амрико, сармуҳаррири ҳафтаномаи "Бухоро таймз" Рафаэл Некталов*

Устоди фозилонед,
Устоди оқилонед.

Дарси замона хонед,
Ҳама чизро медонед.

Аз тарсу бим озодед,
Пешвои халқи худед.

Ҳеҷ гоҳе дарнамонед,
Қадам дониста монед.

Муҳаррири рӯзнома,
Рӯзнома пури нома.

Ҳама онро мехонад,
Дар олам чист, медонад.

Барои мо мактаб аст,
Ҳам беҳтарин матлаб аст.

Мухлисони сершумор
Ҳар нусхаро интизор.

Ҳама ба он харидор,
Хонандагони ҳушёр.

Дар сархаташ "Бухоро",
Шод кунад қалби моро.

Ёди дилоро кунем,
Ёди Бухоро кунем.

Саҳифаҳо рангбаранг,
Муждаи илму фарҳанг.

Сиёсату тиҷорат,
Сохтмону ҳам саноат,

Маорифу тиббиёт,
Муаммоҳои ҳаёт.

Инъикос менамояд,
Пардаро мекушояд.

Шиори рӯзнома аст,
Даста-даста нома аст.

Репортажу мақола,
Ба хонанда ҳавола.

Сурати ёру дӯстон,
Бо чеҳраҳои хандон

Ба дидагон намоён,
Ба мисли гул шукуфон.

Пуранд аз панду ҳикмат,
Гар бихонед ба диққат.

Эълонҳои пурқимат,
Раҳкушои ҳақиқат.

Мушкилкушои моянд,
Ба ҳар дарде давоянд.

Ходимони рӯзнома
Бар мо кунанд ҳангома.

Хело ҳам пуркор ҳастанд,
Ҳушёру бедор ҳастанд.

Вазъи замона донанд,
Ҳаргиз қафо намонанд.

Лоиқи тавсиф ҳастанд,
Лоиқи таъриф ҳастанд.

Чӣ сарвари хуб доранд,
Фозилу матлуб доранд.

Шумо, ки сарпарастед,
Ба бунёдаш кор бастед.

Газета машҳур шуда,
Ба ҳама манзур шуда.

“Шоҳнома”-и замон шуд,
Ба ҷисми мурда ҷон шуд.

Ба мардум нома гардид,
Минбари омма гардид.

*Ню-Йорк, 10 сентябри соли 2015*

## ШОИРИ ХУШБАЁН

*Ба дӯстам Исохор Гавриэлов*

Шоири хушбаёнӣ,
Ба чашми мо аёнӣ.
Шеъру тарона хонӣ,
Ҳама чизро медонӣ.
Алломаи замонӣ,
Оқилу хушзабонӣ.

Асрори одамиро,
Офати оламеро,
Дӯстию ҳамдамиро.
Ҳар буду ҳар камиро,
Алломаи замонӣ,
Оқилу хушбаёнӣ.

Ошиқи дилбаронӣ,
Чу дарёи дамонӣ,
Бо чеҳраи хандонӣ,
Доимо зинда монӣ,
Алломаи замонӣ,
Оқилу хушбаёнӣ.

Чеҳраи зебо дорӣ.
Ҳамсари доно дорӣ,
Қомати боло дорӣ,
Дониши аъло дорӣ,
Алломаи замонӣ,
Оқилу хушзабонӣ.

Шӯҳрати даврон астӣ,
Соҳиби девон астӣ,
Шоири пуршон астӣ,
Хуршеди рахшон астӣ,

Алломаи замонӣ,
Оқилу хушзабонӣ.

Зиндаву поянда мон,
Бо насли оянда мон,
Бо лаби пурханда мон,
Бо дуои банда мон,
Алломаи замонӣ,
Оқилу хушбаёнӣ.

*Ню-Йорк, 22 сентябри соли 2015*



## АРЗИ МЕҲР

*Ба Президенти Конгреси яҳудиёни бухороии Амрико ва Канада Борис Қандов*

Ҷаноби олӣ, маъзур,
Омадам аз раҳи дур.

Бо Шумо то вохурам,
Ҳаловат аз он барам.

Ба мақсадам расидам,
Қасидае сурудам:

Обрӯятон баланд аст,
Баланду бегазанд аст.

Сарвари миллат ҳастед,
Соҳиби давлат ҳастед.

Сарвататон беҳисоб,
Ҳар коратон худ савоб.

Фарзанди халқи озод,
Аз Шумо доимо шод.

Шуморо дӯст медоранд,
Саргарми кору боранд.

Халқро сарҷамъ намудед,
Пешвои он гардидед.

Ғами ӯро мехӯред,
Аз ғаму ғусса дуред.

Дарди ҳама медонед,
Онро даво месозед.

Миллатро бедор кардед,
Мардумро ҳушёр кардед.

То қадри худ бидонанд,
Таърихи худро хонанд.

Халқи бузург ҳастанд,
Ба оянда дилбастанд.

Роҳашон бод дурахшон,
Офтоби бахт нурафшон.

Шумо бошед соябон,
Бар сари халқи пуршон.

Рӯзи сахтро набинед,
Ба тахти бахт нишинед.

Камарро сахт бандед,
Аз касе кам нагардед.

Мулкатон обод бошад,
Халқатон озод бошад.

Ифтихори замонед,
Ифтихори ҷаҳонед.

Доим саломат бошед,
Бою бадавлат бошед!

*Ню-Йорк, 12 ноябри соли 2015*

## МУХБИРИ ТАҚДИРҶУНБОН

*Ба мухбири рӯзноманигори “Овози тоҷик”,*
*ҷонфидои миллат Амрулло Авезов*

Хабарнигори доно,
Ба дӯсту душман ошно.

Доимо дар ҷустуҷӯ,
Баиззату баобрӯ.

Рӯзнома аз ӯ обод,
Андеша ронад озод.

Дар ҳар маҳфил ҳозир аст,
Ба рӯйдодҳо нозир аст.

Хабарҳояш нишонрас,
Ба пиру барно дастрас.

Дили ҳама меёбад,
Шабу рӯзе нахобад.

Саргарми эҷод аст ӯ,
Хушбахту дилшод аст ӯ.

Дар обуна пешқадам,
Нагардад аз касе кам.

Шумораи рӯзнома,
То рафт шавад зиёда.

Дар байни ҳамсафонаш,
Дар байни ҳамкасбонаш.

Мақоми хоса дорад,
“Ифтихорнома” дорад.

Ҳавас кунед меарзад,
Ҳар чӣ гӯед месазад.

Душман пиёда гардад,
Умраш зиёда гардад.

*Бухоро, 10 октябри соли 2014*



## МАРДИ ФОЗИЛ

*Ҳамчун арзи миннатдорӣ ба муаллифи монография, профессори Донишгоҳи давлатии Бухоро Таваккал Чориев*

Муаллифи чанд китоб
Огоҳ зи илму ирфон.

Хонандаи сершумор
Муаллимон ҳушёр

Ӯро устод шуморанд
Аз донишаш хабардор.

Забони модариро
Тоҷикию дариро,

Аз ҳама бисёр донад
Осори Рӯдакиро.

Донишманди беҳамто
Китобҳояш бебаҳо,

Ғолиби озмунанд
Таълим гиранд бачаҳо.

Пешвои олимон аст
Парвардаи даврон аст.

Гарчи мақомаш баланд
Ӯ ҳоло навҷавон аст.

Эҷоди ӯ дар авҷ аст
Чу дарёи пурмавҷ аст,

Дар зераш кони гавҳар
Соҳиби ранҷу ганҷ аст.

*Бухоро, 20 сентябри соли 2014*



## ҲОФИЗИ ШӮРАНГЕЗ

*Эҳдо ба Салим Ғиёсов*

Аз Самарқанд омадед,
Аз кони қанд омадед.
Булбули боғи санъат
Бо уду чанг омадед.

Садоятон дилнавоз
Торатон дода овоз,
Дар базми тӯй шӯр андохт
Оҳангатон  хело соз,

Меҳмонон хурсанд шуданд,
Бар Шумо дилбанд шуданд.
Ҷаҳони шодӣ гардид
Саргарми бозӣ гардид.

Меҳмони олиқадред,
Давои садҳо дардед,
Қалбҳоро шод намудед,
Хизмати олӣ кардед.

Ба дилҳо шӯр ангезед,
Ба дида шӯъла резед.
Ба хизмати аҳолӣ
Доимо бар по хезед.

Бухоро интизор буд,
Боиси ифтихор буд,
Омадед, хуш омадед,
Ба дидор мунтазир буд.

*Бухоро, 5 июни соли 2018*

## РАҲНАМО

*Ба роҳбари ташаббускор Раҷаббой Саидов*

Сарвару сардор туӣ,
Дарахти пурбор туӣ.

Раҳнамои мардумӣ,
Доимо ҳушёр туӣ.

Фикру хаёлат банд аст,
Хислати ту писанд аст.

Номи хушат дар забон,
Дастат ба коре банд аст.

Сарвари хонадонӣ,
Оқилу хушзабонӣ.

Дарди ҳама бидонӣ,
Ба ҳама меҳрубонӣ.

Раҳкушои фарзандон,
Ки ҳар яке беҳ аз ҷон.

Наберагон бешумор,
Хушнудии хонадон.

Ба ҳама ту баробар,
Ба мисли модар-падар,

Ғамхору ғамгусорӣ,
Чу офтоби тори сар.

Зиндагӣ ширину соз,
Умри ту гардад дароз.

Шод бимон доимо,
Зи бахти худ сарфароз.

Бандаи неки Худо,
Лоиқи ту ин баҳо.

Аз номи аҳли олам,
Бар ту намоем дуо:

–Зинда бошу зинда бош,
Чу хуршед тобанда бош.

Дар ин ҷаҳони фонӣ,
Азизу арзанда бош!

*Бухоро, 2 феврали соли 2013*



## ВАРЗИШГАР

*Ба устоди варзиш (бокс) Сироҷиддин Сатторов*

Устоди варзиш Шумо,
Соҳиби дониш Шумо.

Довари санҷиш Шумо,
Вакили тафтиш Шумо.

Парвардаи Самарқанд,
Ҳарфатон ширин аз қанд.

Шогирдони қаҳрамон,
Пурқудрату паҳлавон.

Ифтихори устодон,
Шоистаи ин ҷаҳон.

Парвардаи Самарқанд,
Ҳарфатон ширин аз қанд.

Усули ҷанг омӯзед,
Хомашонро мепазед.

Гоҳ соzеду гаҳ занед,
Ғолиби майдон бинед.

Парвардаи Самарқанд,
Ҳарфатон ширин аз қанд.

Мақоматон баланд аст,
Заҳмататон дучанд аст.

Ҳама ба варзиш банд аст,
Чизе, ки гуфтед панд аст.

Парвардаи Самарқанд,
Ҳарфатон ширин аз қанд.

Умеди шогирдонед,
Ҳамаро фарзанд хонед.

Даме танҳо намонед,
Худро хушбахт мехонед.

Парвардаи Самарқанд,
Ҳарфатон ширин аз қанд.

*Ню-Йорк, тобистони соли 2013*

# ШАҲРИ ДУБАЙТӢ





*Ту таърихи ҷаҳон ҳастӣ, Бухоро,*
*Ту таърихи замон ҳастӣ, Бухоро.*
*Чу ҳар қасрат бувад як боби таърих,*
*Ту таърихи калон ҳастӣ, Бухоро.*

Бародар бо бародар дар ситез аст,
Ба дасти ҳар яке шамшери тез аст.
Надонам, ки зи чӣ ин шӯру савдо,
Ки ёр аз дасти ёраш дар гурез аст.

* * *

Ба сӯям чашми пурхунаш бидӯзад,
Худоё, хонаи душман бисӯзад!
Ҳама дарду алам эҷоди душман,
Ки хуни ноҳақи инсон бирезад.

* * *

Ғамат дар дил, ғамат дар дидагонам,
Ту эй халқам, зи ту ҳаргиз намонам.
Барои маҳви ту душман ба по хест,
Бихон "номард", гар танҳо бимонам.

* * *

Надорад боғи умраш бурду боре,
Ҳаёташ фоҷиа, ҳам хору зоре.
Руҷӯяш мурдаву аз даст рафта,
Ки гӯё латтаву нокарда коре.

* * *

Дар олам кам набошад зор монда,
Зи айби нокасон бекор монда.
Напурсад ҳеҷ кас аҳволи ӯро,
Чу даллоле сари бозор монда.

* * *

Набошад мисли шоир фарди ҳушёр,
Шабу рӯзаш баробар аз пайи кор.
Ғами миллат ба сар дорад бародар,
Зи ёри беғамаш гардида безор.

* * *

Кучо шуд шуҳратат, эй Тоҷикистон?
Тамоми гӯшаат буд боғу бӯстон.
Бисӯхт буду вуҷудат оташи ҷанг,
Парешон гаштааст халқи кӯҳистон.

* * *

Ба кӣ гӯям ғами дарди диламро,
Бишӯриданд чун хоку гиламро.
Куҷое, ки равам, гӯянд гуреза,
Ба кӣ бахшам макону манзиламро?

* * *

Ҳамон рӯзе расид офат ба Хуҷанд,
Набуд беғам Бухорою Самарқанд.
Садои мо чу душман гурдакаф кард,
Бинӯшад захри қотил ҷои сарқанд.

* * *

Барои тоҷикон нанг офариданд,
Барои душманон санг офариданд.
Ба чашми мо натобад дӯст душман,
Барои оқилон ранг офариданд.

* * *

Зи ту дурам диёрам, Тоҷикистон,
Диёри ғамбарорам, Тоҷикистон.
Ба мислат мулки зебое надидам,
Ту бошӣ дар ҷаҳон лаъли Бадахшон.

* * *

Надидам мисли ту, шаҳри Душанбе,
Агар коре кунам баҳри Душанбе.
Канорат дилкашу доимбаҳор аст,
Сари мижгони ман гарди Душанбе.

* * *

Дар оғӯшат будан хобу хаёл аст,
Зи ту дур будан хам амри маҳол аст.
Буду нобуди ман, эй Тоҷикистон,
Бари рӯйи ҷаҳон як дона хол аст.

* * *

Забонгумкардагон аз қавми моянд,
Барои халқи худ коре наоянд.
Ки гӯё дар Ватан бегонагонанд,
Худоё, дар ҷаҳон дере напоянд.

* * *

Ту ёрат хониву душман ҳамон аст,
Ба ту ҳамхонаву зидди забон аст.
Занад дасти таҷовуз бар забонат,
Чу рӯбаҳ дум занад, дар каф камон аст.

* * *

Нагаштӣ худшиносе мисли дигар,
Мақоми давлататро гирӣ аз сар.
Ҳама кайҳо шуданд аз хоб бедор,
Ту дар хобӣ ба ҷогоҳат, бародар!

* * *

Сарат сахту танат бардам, Бухоро,
Сипос орам ба ин ҳар дам, Бухоро.
Чунин бошу чунин мон то ҷаҳон ҳаст,
Ту модар, аз сарат гардам, Бухоро!

* * *

Ба обу хоки ту дил бастаам ман,
Ба боғат чун ниҳоле растаам ман.
Ба ҷисму ҷони ман нирӯ ту додӣ,
Ба меҳри гарми ту пайваастаам ман.

* * *

Табаррук зарраи хокат, Бухоро,
Кунад сархуш майи токат, Бухоро!
Шифо бахшид Сино дардҳоро,
Ҳузури ҷон бувад обат, Бухоро.

* * *

Ба ту дардам нагӯям, бар кӣ гӯям,
Муроду мақсади худ аз кӣ ҷӯям?
Насиҳатгӯи ман танҳо ту ҳастӣ,
Ба оби кӣ дилу дида бишӯям?!

* * *

Бухоро, дарди ман дармон надорад,
Ҳавасҳоям ба бегона нафорад.
Биё, меҳан, туро пазмон шудам ман,
Ба сар санги маломат то наборад.

* * *

Аё сарманзили овозадорам,
Ба мулки дигаре коре надорам.
Ту ҳастӣ дар ҷаҳон танҳои танҳо,
Ба дунё мавтани дигар надорам.

* * *

Ту озодӣ, ту ободӣ. Бухоро,
Ҷавоби дигарон додӣ, Бухоро.
Кунун ҳаргиз наояд душмани ту,
Ҷанозай душманат хондӣ, Бухоро.

* * *

Бухоро, сарватат аз ҳад зиёд аст,
Аз он қалби ҳама хурсанду шод аст.
Нагардад давлатат як заррае кам,
Шавад қалбам тиҳӣ аз ғуссаву ғам.

* * *

Бухоро, ҳавзҳо андар бари ту,
Ки обаш сарвату ҳам гавҳари ту.
Биафзояд шукӯҳу шавкататро,
Ҳавои тоза орад бар дари ту.

* * *

Ба Синои бузург овардам имон,
Ба дарди дардмандон гашт дармон.
Ҳар он кас, ки бишуд мӯҳтоҷи ёрӣ,
Ба ёрӣ мерасид бо амри виҷдон.

* * *

Чӣ зебо дилбаронат, эй Бухоро,
Чӣ ширин духтаронат, эй Бухоро!
Ба ишқи ҳар яке Маҷнун бигаштам,
Чӣ оқил модаронат, эй Бухоро!

* * *

Ҷавонӣ давраи бебозгашт аст,
Дили пурвусъаташ монанди дашт аст.
Зи сарфи умри худ парво надорӣ,
Бубин рузе, ки умри ту гузаштаст.

* * *

Ҷавонӣ мисли фасли навбаҳор аст,
Замони бекарори гиру дор аст.
Бубар бар дилбарат ту дастаи гул,
Ба роҳат рӯзу шаб ӯ интизор аст.

* * *

Ҷавонӣ қудрати давру замон аст,
Ба қадри ӯ расидан дар гумон аст.
Равад вақтат, намонад нақди умрат,
Ба пирӣ мерасӣ, фасли хазон асг.

* * *

Бигир аз дӯши ман бори замонро,
Чу дидӣ бар сарам барги хазонро.
Барои ман замин сарду зимистон,
Дигар тира бубинам ман ҷаҳонро.

* * *

Ба ҳар ҷо сар занӣ ту, дарнамонӣ,
Бикун коре, ки ту ҳоло ҷавонӣ.
Макун ҳаргиз ҳавас нони ҳавоӣ,
Расад даврони пирӣ, нотавонӣ.

* * *

Шавад рӯзе, расӣ ту бар нишоне,
Ту ҳоло мисли тире бар камонӣ.
Чӣ бадбахтӣ, агар тират хато рафт,
Намонад аз ту як ному нишоне.

* * *

Садои қалби пинҳонат шунидам,
Ҳама рафтору кирдорат бидидам.
Ба дарди бедавои ишқ гирифтор,
Каме андеша кардам, лаб газидам.

* * *

Расид фасли баҳору сайри гулҳо,
Биё, ҷонам, равем мо сӯйи саҳро.
Ба мисли умри мо кӯтаҳ баҳорон,
Ғанимат як даме сайру тамошо.

* * *

Баҳори умри ман фасли ҷавонӣ,
Ба лавҳи хотирам ҷовид монӣ.
Худат гаштӣ сароғози ҳаётам,
Биё, ҳамроҳи ман, аз ман намонӣ.

* * *

Нигоро, ман туро дар хоб дидам,
Даруни киштие дар об дидам.
Чу моҳӣ сар задам дар мавҷи дарё,
Кушода чашми худ маҳтоб дидам.

* * *

Чӣ мехоҳӣ зи ман, эй олами дард,
Суханҳоят чу яхча сахту ҳам сард.
Ту қалби софи ман олуда кардӣ,
Биё, эй боди туфонӣ, бубар гард.

* * *

Чӣ беғам одамони гӯлу нодон,
Ба мисли майсаи хушку биёбон.
Ки раҳми кас биояд бар чунин кас
Набошад фарқи онҳо, з-асли ҳайвон.

* * *

Чӣ гӯям аз ғамат, эй дилбари ҷон,
Бикуштӣ қалби ман аз дарди ҳиҷрон.
Куҷо рафтӣ, чаро рафтӣ зи чашмам,
Зи абри чашми ман дар рӯзи борон.

* * *

Сари қулла бидидам шаҳчаноре,
Набуд долу дарахт дар ҳеҷ каноре.
Ки гӯё ҳокими давру замон буд,
Тамоми ҳастияш холӣ зи боре.

* * *

Чӣ ширин кӯдаконам, кӯдаконам,
Ки ҳар як баҳри ман худ як ҷаҳонам.
Агар рӯзе якеро ман набинам,
Шавад нобуд ҳама рӯҳу равонам.

* * *

Бигардад чархи гардун бо маромаш,
Набинӣ луқмаи хоме ба комаш.
Агарчӣ сӯхтан, ҳам сохтан ҳаст,
Ба сар афтад гаҳе санге зи бомаш.

* * *

Ду шаҳболи парасту абрувонат,
Дусад шаҳди асал дорад забонат.
Агар гӯям, ки ту кони малоҳат,
Нахонӣ бандаро аз ошиқонат.

* * *

Якеро гар бубинам, хору зор аст,
Ҳама бори замон бар дӯш бор аст.
Намедонам, парастораш куҷояст?
Ба қалби ман халида захми хор аст.

* * *

Китобам, ганҷи ман, ганҷинаи ман,
Ғаму ҳам шодии деринаи ман.
Бигуфтам беибо рози дили худ,
Гулу гулдастаи сабзинаи ман.

* * *

Куҷо донам, насиби ман ту будӣ,
Куҷо донам, ҳабиби ман ту будӣ.
Агар рӯзе намоям бевафоӣ,
Куҷо донам, рақиби ман ту будӣ.

* * *

Баро бар минбари аҳли замона,
Бихон аз сидқи дил шеъру тарона.
Бидонад одамӣ қадри суханро,
Бигӯ ҳарфу ҳиҷоро дона-дона.

* * *

Агар донӣ, чаро ғамгин шудам ман,
Зи рафторат чаро хашмин шудам ман?
Ба ҷои ваъдагӣ пайдо нагаштӣ,
Ба мисли ҳайкали сангин шудам ман.

* * *

Биё, эй дилбари хонанишинам,
Рухи бепардаатро сер бинам.
Туро манзил бувад ин хонаи ман,
Бароят даста-даста гул бичинам.

* * *

Шиноснома бароям миллати ман,
Забонам, сарватам, ҳам давлати ман.
Чу ҳастам ман, ҷаҳоне мешиносад,
Манам тоҷик, ба зидди зулматам ман.

* * *

Надидам мисли ту бечора, тоҷик,
Ҳаётат сар ба сар гардида торик.
Ба ту қисмат чаро доим ситезад,
Ба ҷои таҳсину мактуби табрик?

* * *

Зарафшоно, Зарафшоно, Зарафшон,
Гурезоно, гурезоно, гурезон!
Чаро бегона гаштӣ аз Бухоро,
Гулафшоно, гулафшоно, гулафшон?

* * *

Набахшад халқи ту бар душмане ҷон,
Агар рӯдам зи шохоби Зарафшон.
Ба ёди Рӯдакӣ оям Бухоро,
Маро ҳаргиз магӯ, ки ҳастӣ меҳмон.

* * *

Ба ту дил бастаам, шаҳри Бухоро,
Набошад қалби ту ҳам санги хоро.
Ба домонат бизодам, модари ман,
Зи ҳарфи ту забонам гашта бурро.

* * *

Манам шоир, ба васфат шеър гӯям,
Фақат айби туро ҳаргиз наҷӯям.
Ту ҳастӣ ҷисми манро ҷон, Бухоро,
Гули гулзорҳоятро бибӯям.

* * *

Замоне будаӣ пойтахти Сомон,
Итоат менамуд Балху Хуросон.
Туро хону амирон пора карданд,
Миёни оташи таърих ҳайрон.

* * *

Зарафшон, шӯриши пешинаат ку
Зарафшон, шӯҳрати деринаат ку?
Зи дарё буданат ному нишон нест,
Чаро хомӯшу ором гаштаӣ ту?

* * *

Зарафшон, зодаи кӯҳу камар ту,
Барои халқи тоҷик кони зар ту.
Барои хотири даврони Сомон
Гаҳу ногаҳ зи хоки мо гузар ту.

* * *

Зарафшон, сирри ту бешубҳа донам,
Китобатро зи ҳар **мавҷат** бихонам.
Гирифта дар кафам он оби софат,
Ҳунармандам аз он зар меситонам.

* * *

Бухоро, бо ту ман дамсоз будам,
Шабу рӯз дар барат ҳамроз будам.
Миёни якдигар розе надоштем,
Ту тори ҳофизе, ман соз будам.

* * *

Замини сабзу осмонам ту ҳастӣ,
Тани фарсударо ҷонам ту ҳастӣ.
Набудӣ ту, гар аз ман ҳам нишоне
Дар ин олам саробонам ту ҳастӣ.

* * *

Бухоро, манзили ишқам ту ҳастӣ,
Ба олам рӯзию ризқам ту ҳастӣ.
Аё шаҳри азизу шеърпарвар,
Қиёми шеъри пурзавқам ту ҳастӣ.

* * *

Аё шаҳрам, харидорат чӣ бисёр,
Ба дидорат ҳама гардида хушдор.
Яқин донам, ки қадрат як ҷаҳон аст.
Барорад нархи молро вазъи бозор.

* * *

Аё шаҳрам, ба дастам хома додӣ,
Зи касбу кори ман бешубҳа шодӣ.
Нависам номае бар исми покат,
Бароям роҳи фардо баркушодӣ.

* * *

Бухоро дар ҷаҳон танҳою танҳо
Ба мисли духтарони Шарқ зебо.
Бифахрад ҳар бухорой зи шаҳраш
Ба меҳмонон бувад ҷои тамошо.

* * *

Бухоро, гаштаӣ фахри замона,
Қадам монда ба фардо рустамона.
Кунун ҳар гӯшаат худ як ҷаҳон аст,
Ҳама корат дурусту одилона.

* * *

Бухоро, таърихатро хуб донам
Зи фардоят ягон ҳарфе надонам.
Яқин донам, ки умрат бехазон аст,
Бароят садқа созам ҷисму ҷонам.

* * *

Бухоро, орзу дорам бо ту монам,
Қадам бар кишвари дигар намонам.
Ту ҳастӣ модару ман тифли навзод
Чӣ тавр аз меҳри ту дил канда тонам?4

* * *

Бухоро, ту дару дарвоза доштӣ,
Ба олам шӯҳрату овоза доштӣ.
Ба сӯят чашми олам буд кушода,
Ту ҳам шоҳу ҳаме шаҳзода доштӣ.

* * *

Бухоро, таърихат ғамгину ғамгин
Навишта Наршахӣ бо қалби хунин.
Миёни дуду оташ будаӣ ту
Ки тақдират буда вазнину сангин.

* * *

Дар ин ҷо ман ғарибу дарбадар не,
Ба мисли боди саҳро хок ба сар не.
Ту ҳастӣ зодгоҳам, эй Бухоро,
Зи ҷон дорам гузар, аз ту гузар не.

[4] Тонистан – тавонистан.

* * *

Сарат сахту танат бардам, Бухоро,
Сипосат мекунам ҳар дам, Бухоро.
Чунин бошу чунин мон то ҷаҳон ҳаст,
Ту модар, аз сарат гардам, Бухоро.

* * *

Ба обу хоки ту дил бастаам ман,
Ба боғат чун ниҳоле рустаам ман.
Ба ҷисму чони ман додӣ ғизое,
Ба ҷисму ҷони ту пайвастаам ман.

* * *

Табаррук зарраи хокат, Бухоро
Кунад сархуш май токат, Бухоро!
Ҳама дардро шифо бахшид Сино,
Ҳузури ҷон бувад обат, Бухоро.

* * *

Ба ту дардам нагӯям, бар кӣ гӯям,
Муроду мақсади худ аз кӣ ҷӯям?
Насиҳатгӯи ман танҳо ту ҳастӣ,
Ба оби кӣ дилу дида бишӯям?!

* * *

Аё, сарманзили овозадорам,
Ба мулки дигаре коре надорам.
Ту ҳастӣ дар ҷаҳон танҳою танҳо,
Ба дунё мавтани[5] дигар надорам.

* * *

Ту ҳастӣ сархати пешонаи ман,
Ту ҳастӣ манзили ҷононаи ман.
Дар оғӯшат сарам боло, Бухоро,
Ту ҳастӣ Маккаю ҳам Каъбаи ман.

---

5 Мавтан – ватан.

* * *

Бифармо, амри ту иҷро намоям,
Сари роҳат сари худро бимонам.
Нашинад бар сарат чуғзи хароба,
Ба гӯшат ман дуои нек хонам.

* * *

Ту озодӣ, ту ободӣ, Бухоро,
Ҷавоби дигарон додӣ, Бухоро.
Кунун ҳаргиз наояд душмани ту
Ҷанозай душманат хондӣ, Бухоро.

* * *

Бухоро, сарватат аз ҳад зиёд аст,
Аз он қалби ҳама хурсанду шод аст.
Нагардад давлатат як заррае кам,
Шавад қалбам тиҳӣ аз ғуссаву ғам.

* * *

Бухоро, ҳавзҳо андар бари ту,
Ки обаш сарвату ҳам гавҳари ту.
Бияфзояд шукӯҳу шавкататро,
Ҳавои тоза орад бар дари ту.

* * *

Бухоро, бахту иқболат нек ояд,
Нуфузат дар ҷаҳон чандон физояд.
Ба ту роҳи сафед, эй мулки озод,
Ба бахтат давлатат пайваста зояд.

* * *

Бухоро, дувоздаҳ дарвозае дошт,
Аз ин дарвозаҳо овозае дошт.
Ҳимоят менамуд Қалъа зи душман,
Ҳамасола муҳити тозае дошт.

* * *

Ба васфат шеърҳо иншо намудам,
Зи дарди ишқи ту бемор будам.
Гирифтам номае аз некбахтӣ,
Шифое ёфтам, васлат сурудам.

* * *

Аё шаҳрам, ба ман ҳамдам ту ҳастӣ,
Дар умри кӯтаҳам бо ҳам ту ҳастӣ.
Басо форам ҳавои гарму сардат,
Ба дарди ҷони ман марҳам ту ҳастӣ.

* * *

Аё шаҳрам, ту ҳастӣ хонаи ман,
Ту ҳастӣ ишқи ман, паймонаи ман.
Ба ҳар як тифли ман ту доя гаштӣ,
Ту ҳастӣ бебаҳо кошонаи ман.

* * *

Бухоро, синни ту гардад зиёда,
Намо сад қарни дигарро пиёда.
Чӣ мушкил меравам ман аз бари ту,
Ба ёдат нақши некамро ниҳода.

* * *

Бубахшо шоири дилдодаатро,
Бароят умри худро бохтаатро.
Бисозад номи ту машҳури олам,
Ба васфат шеъру достон бофтаатро.

* * *

Камарбанди тилой гашта Шоҳрӯд,
Барорад аз димоғат оташу дуд.
Занад обе ба қалби ташнагонаш,
Раҳаш дар кунҷи қалъа гашта мавдуд.

* * *

Аҷаб зебо Лаби ҳавзи Бухоро,
Зи санги кӯҳу мармар ёфта оро.
Набошад дар ҷаҳон тимсоли онро
Ба сайёҳон бувад ҷои тамошо.

* * *

Куҷо дидӣ ту мисли Чорминораш,
Ба зери шамси ховар нурбораш?
Аз аҷдодон ба мо монда нишона,
Шавад ҳайрон ҳама бар рангу бораш.

* * *

Дарунаш дар шино мурғони обӣ,
Дар обаш ракс дорад мурғу моҳӣ.
Ту гӯӣ як ҷаҳон бошад Лаби ҳавз.
Раву лаззат бубар ҳар гуна хоҳӣ.

* * *

Намо сайру тамошо Моҳи Хоса,
Бувад фасли тобистон ҷои хоса.
Куҷо бошад чунин як боғи обод?
Ки ҳавзи пур зи обаш чинӣ коса.

* * *

Дарунаш товусу ҳам мурғи марҷон,
Битобад дар назар чун дурри ғалтон.
Бубин ин ҳамаро дар Моҳи Хоса,
Ту гӯӣ пораи мулки Ҳиндустон.

* * *

Намозгоҳ тарҳи меҳроби бузург аст,
Ба самти қиблааш меҳроби хурд аст.
Шавад барпо намози рӯзи идҳо
Ба тақдири ҳама як ҷои бурд аст.

* * *

Куҷо дидӣ ба як ҷо Чорманора,
Ки гӯё гаштаанд бо ҳам канора.
Бухоро бошадаш онро нишона,
Ба зери осмони пурситора.

* * *

Бухоро қуввати ислому дин аст,
Дар ин ҷо маскани Баҳоваддин аст.
Ҳамин ҷо сар ниҳода зери гардун,
Чу Макка саҷдагоҳи муслимин аст.

* * *

Бухоро, кони эҷодам ту ҳастӣ,
Ягона шаҳри ободам ту ҳастӣ.
Ба васфат шоиронат шеър гӯянд,
Бубин бахтро, ки устодам ту ҳастӣ.

* * *

Надонам фоли тақдирам чӣ бошад?
Ба хоби дида тадбирам чӣ бошад?
Зи дарёи Зарафшон моҳӣ доштем,
Чунин сайди барорнокам чӣ бошад?!

* * *

Регистон як маҳалли дилнишин аст,
Дар ин ҷо Арк маҳкам ҷогузин аст.
Намуди кӯҳнаи шарқона дорад,
Ҳисораш гӯӣ ту девори Чин аст.

* * *

Ту оё дидаӣ Растаи савдо?
Чунин ҷо гаштааст хоси Бухоро.
Ки бозор мешавад аз раста оғоз,
Чизе хоҳӣ, дар ин ҷо гашта пайдо.

* * *

Китобамро “Хати пешона” номам,
Дар он гуфтам, чизе ки худ бидонам.
Гумон созам, ки он бошад хазина,
Калидашро кафи дастат бимонам.

* * *

Ту ҳастӣ ифтихорам, эй Бухоро,
Ту ҳастӣ иқтидорам, эй Бухоро.
Ягона шаҳри ишқи ман ту ҳастӣ,
Ту ҳастӣ интизорам, эй Бухоро.

* * *

Қадамгоҳи бузургон, эй Бухоро,
Ту бахту тахти Сомон, эй Бухоро.
Замоне Рӯдакӣ ҳам зиста буда,
Ту хуршеди Хуросон, эй Бухоро.

* * *

Ту таърихи ҷаҳон ҳастӣ, Бухоро,
Ту таърихи замон ҳастӣ, Бухоро.
Чу ҳар қасрат бувад як боби таърих,
Ту таърихи калон ҳастӣ, Бухоро.

* * *

Буду нобуди ман ҳастӣ, Бухоро
Набахшам ман туро бар мулки Доро.
Ту ҳастӣ гавҳари якдонаи ман
Умеди ман ту ҳастӣ, эй Бухоро.

* * *

Чӣ зебо дилбаронат, эй Бухоро,
Чӣ зебо духтаронат, эй Бухоро.
Ба ишқи ҳар яке Маҷнун бигаштам,
Чӣ оқил модаронат, эй Бухоро.

* * *

Туро ҳар зарра хокат зарри холис,
Ҳама ҷӯёи илманду мударрис.
Тамоми мардумонат босаводанд,
Ҳама безори шайтонанду иблис.

* * *

Ту шаҳри одамони сарбаландӣ,
Ту шаҳри олимони дилписандӣ.
Яке шоир, дигар доною олим,
Ба ҳар як холисона меҳр бандӣ.

* * *

Дили пурдарди манро ту маёзор
Гумон созӣ, ки ман даллоли бозор.
Даруни синаам як қалб хушдор
Барои қалби ту даркору даркор.

* * *

Бидида суратат, девона гаштам,
Ба шаҳрат омадам, бехона гаштам.
Намедонам, куҷо буд манзили ту,
Ба дарди ишқи ту ғамхона гаштам.

* * *

Аё дилбар, надонам манзили ту,
Ҳаё кардӣ, чиҳо буд дар дили ту.
Нагардид сирри ишқи мо кушода,
Ба ман дору бувад хоку гили ту.

* * *

Бидида савлатат, эй марди густох,
Лабам бурма, забонам ғурма гардид.
Надонам, ки чӣ буд ин сирру савдо,
Ғаму андӯҳ ба чашмам сурма гардид.

* * *

Ку парвозат, пару болат набошад,
Асоси давлатат, молат набошад.
Дар олам бекасу бечораӣ ту,
Ба гирдат дӯсти ҳамсолат набошад.

* * *

Ҷаҳон ҷой омаду рафте набошад,
Вагарна зиндагӣ шарте набошад.
Гузашта аз раҳи он корвонҳо,
Чӣ суд аз зиндагӣ? Нафъе набошад.

* * *

Фаромӯшам макун, эй ёри ҷонӣ,
Зи ҳар чӣ монию аз ман намонӣ.
Бароят садқа бод, ин сар, ки дорам,
Фақат қадри маро худ ту бидонӣ.

* * *

Ту ҳастӣ ҷони ман, ҷононаи ман,
Миёни гулрухон фарзонаи ман.
Набошӣ рӯзаке, қалбам кабоб аст,
Чу холи зери лаб якдонаи ман.

* * *

Гули ман, булбули ман, эй дили ман,
Чароғи маҳфили ман, манзили ман.
Ҳумои бахту толеъ бар сари ман,
Ман астам хоки роҳат, ту гули ман.

* * *

Ҷигарбандам, шунав ту панди устод,
Тамоми умр шав хушбахту дилшод.
Нарӯяд донае дар мазраи шӯр,
Бишав одам, раҳи умрат дароз бод.

* * *

Муаллим, ҷойгоҳи ту баланд аст,
Ки ному шӯҳрати ту бегазанд аст.
Ба ту омад, ба ту умри дарозе,
Ҳама кирдори ту бар мо писанд аст.

* * *

Ту ғамхорӣ ба шогирдон, муаллим,
Миёни дигарон пурдон, муаллим.
Кушоӣ ҳар гиреҳи илму ирфон,
Зи қалби ҳар яке ҳолдон, муаллим.

* * *

Ба шогирдон, ки гӯё модар астӣ,
Ба ҳар як ту ҳабибу раҳбар астӣ.
Назорат мекунӣ доим сабақро,
Ва ё дар мактабат ту сарвар астӣ.

* * *

Чаро афсона шуд, ғамҳои Фарҳод,
Зи ишқи бебарораш карда фарёд?
Шунидӣ қиссаи Ширину Фарҳод,
Ҳамон шоҳи замона дод барбод.

* * *

Ҳадиси ошиқӣ аҳду вафояст,
Агар бошад муҳаббат, босафояст.
Раву бар ҷуфти худ ту ҳам вафо кун,
Тариқи ошиқӣ дар дин равояст.

* * *

Ҷавонӣ давраи ишқу муҳаббат,
Муҳаббат дар чавонӣ зебу зиннат.
Дар ин айём, ки қалби ҳар ду пок аст,
Дар ин ҷода нишон деҳ ту матонат.

* * *

Ҷавонӣ давраи бебозгашт аст,
Дили пурвусъаташ ҳамранги дашт аст.
Зи сарфи умри худ парво надорӣ,
Бубин рӯзе, ки умрат ҳам гузаштаст.

* * *

Ҷавонӣ бар масал чун навбаҳор аст,
Замони беқарори гиру дор аст.
Бубар бар дилбарат як дастаи гул
Ба роҳат рӯзу шаб ӯ интизор аст.

* * *

Ҷавонӣ қудрати давру замон аст,
Ба қадри ӯ расидан дар гумон аст.
Равад вақтат, намонад накд дар даст,
Ба пирӣ мерасӣ, фасли хазон асг.

* * *

Ба роҳи зиндагӣ ту дер напоӣ,
Чӣ ёри бевафоӣ, эй ҷавонӣ.
Намедонам ту ҳоло дар куҷоӣ,
Ҷавонию чавонию ҷавонӣ.

* * *

Бихоҳам бо ту монам, эй ҷавонӣ,
Ту ҳастӣ бахти ман дар зиндагонӣ.
Дарахти умри ман гул мекунад, гул,
Агар ту дар вуҷуди ман бимонӣ.

* * *

Баҳори гулфишон ҳастӣ, ҷавонӣ,
Равон чун корвон ҳастӣ, ҷавонӣ.
Макону манзиле ҳаргиз надорӣ,
Ба чашмам ноаён ҳастӣ, ҷавонӣ.

* * *

Туро ман ёд кардам вақти пирӣ,
Кунун бетоқатам, рафта сабурӣ.
Зи ту фасли ҷавонӣ, дур мондам,
Ки акнун дасти ман бояд ту гирӣ.

* * *

Бигир аз дӯши ман бори замонро,
Чу дидӣ бар сарам барги хазонро.
Барои ман замин сарду зимистон,
Дигар тира бубинам ман ҷаҳонро.

* * *

Ба ҳар ҷо сар занӣ ту, дарнамонӣ,
Бикун коре, чу ҳоло, ки ҷавонӣ.
Макун ҳаргиз ҳавас нони ҳавоӣ,
Расад даврони пирӣ, нотавонӣ.

* * *

Шавад рӯзе, расӣ ту бар нишоне,
Ту ҳоло мисли тире бар камоне.
Чӣ бадбахтӣ, агар тират хато рафт,
Намонад аз ту ҳеҷ ному нишоне.

* * *

Ватан бе ту чӣ ҳол дорад, ҷавонӣ,
Ту ҷисму чони ӯро посбонӣ.
Набошӣ ту агар дар хатти сарҳад,
Ҳама саргум занад дар бемаконӣ.

* * *

Аҷаб фасли хуше даври ҷавонӣ,
Чӣ хушқадде, аҷаб сарви равоне.
Бимон дар хотири ман то қиёмат
Намонам ман беунвони ҷавонӣ.

* * *

Манам ҳамдарди ту, эй ошиқи зор,
Нагардӣ дар ҷаҳон афтодаву хор.
Ба ту омад, ба ту бахти баланде,
Ба марзи дил ту базри орзӯ кор.

* * *

Бувад чашмам ба роҳи дилбарам чор,
Надонам, ки куҷо рафта дилозор.
Биё зудтар, ту ҳусни хонадонӣ,
Надорам тобу тоқат бе ту ман, ёр.

* * *

Ба олам кӯдаке дида кушодаст,
Ва ё модар варо бо дард зодаст.
Ба ӯ модаркалон номе ниҳода,
Сари фоли накӯяшро бидидаст.

* * *

Садои қалби пинҳонат шунидам,
Ҳамон рафтору кирдори ту дидам.
Ба дарди бедавои ишқ гирифтор
Каме андеша кардам, лаб газидам.

* * *

Расид фасли баҳору сайри гулҳо,
Биё, ҷонам, равем мо сӯи саҳро.
Ба мисли умри мо кӯтаҳ баҳорон,
Ғанимат як даме сайру тамошо.

* * *

Баҳори умри ман фасли ҷавонӣ,
Ба лавҳи хотирам ҷовид монӣ.
Худат гаштӣ сароғози ҳаётам,
Биё ҳамроҳи ман, аз ман намонӣ.

* * *

Пас аз мо ҳам бимонад Моҳу Офтоб,
Нагардад мисли оҳан з-оташе об.
Набинад одамӣ умри дубора
Аз олам меравад ду дида дар хоб.

* * *

Рухат чун кулчаи ширмоли модар,
Зи нураш хира тобад шамси ховар.
Аз ишқат маст ан бебода гаштам,
Ба ту ошиқ шудам, эй ғунчаи тар.

* * *

Миёни дилбарон дидам ҷамолат,
Ҷамолат гашта шоҳид бар камолат.
Бирафтам аз раҳи дилёбии ту
Бидеҳ аҳде, набошӣ ту амонат.

* * *

Ҳаёт моро чу оташ пухта гардонд,
Ки лойи хом будем, сӯхта гардонд.
Чунин бошад тариқи зиндагонӣ,
Дили сахти маро чун пахта гардонд.

* * *

Нигоро, ман туро дар хоб дидам,
Даруни киштие дар об дидам.
Чу моҳӣ сар задам дар мавҷи дарё,
Кушода чашми худ маҳтоб дидам.

* * *

Азизонам, маро осуда монед,
Зи маъвоям маро ҳаргиз маронед.
Бухоро шаҳри ин бечора шоир,
Ба ҳар кӯю дараш номам бимонед.

* * *

Чӣ мехоҳӣ зи ман, эй олами дард,
Суханҳоят чу яхча сахту ҳам сард.
Ту қалби софи ман олуда кардӣ,
Биё, эй боди тӯфонам, бубар гард.

* * *

Чӣ беғам одамони гӯлу нодон,
Ба мисли буттаи хушки биёбон.
Ки раҳми кас биояд бар чунин кас,
Набошад фарқи онҳо з-асли ҳайвон.

* * *

Чӣ бадбахт аст афроди хабаркаш,
Забонаш офату маъвои оташ.
Куҷо афтад, бисӯзад оламеро,
Зи касбу кори ӯ чандин диле ғаш.

* * *

Агар бинам дилеро ман шикаста,
Ва ё аз кулфату ғам гашта хаста,
Шавам аз зиндагӣ садҳо пушаймон,
Чӣ сон монам ба қалбам санг баста?!

* * *

Агар як лаҳзае бекор монам,
Ба чашми аҳли олам хор монам.
Надорад сад пушаймонӣ ба ман суд,
Зи шоме то саҳар бедор монам.

* * *

Писарҷонам, шунав аз ман насиҳат,
Макаш гардан ту аз даргоҳи меҳнат.
Касе аз бори меҳнат дарнамонад,
Бишав одам, бишав ту кони ҳиммат.

* * *

Аё дилбар, дур аз расми вафоӣ,
Гаҳе бо ман, гаҳе аз ман ҷудоӣ.
Набошад ин тариқи ишқварзӣ,
Бигирам аз лабат бӯсе гадоӣ.

* * *

Равон ҳастӣ, давон ҳастӣ, ту дарё,
Ту пир астӣ, ҷавон ҳастӣ, ту дарё.
Надонам манзили ту дар куҷояст
Ҷаҳон ҳастӣ, замон ҳастӣ, ту дарё.

* * *

Чӣ гӯям аз ғамат, эй дилбари ҷон,
Бикуштӣ қалби ман аз дарди ҳиҷрон.
Куҷо рафтӣ, чаро рафтӣ зи чашмам,
Зи абри чашми ман дар рӯзи борон.

* * *

Сари қулла бидидам як чаноре,
Набуд долу дарахте дар каноре.
Ки гӯё ҳокими давру замон буд,
Тамоми ҳастияш холӣ зи боре.

* * *

Ба ту таъзим бодо, марди деҳқон,
Ту ҳастӣ қаҳрамону марди майдон.
Зи дастат пур зи нон шуд хони мардум,
Ба ту бодо ҳазорон шӯҳрату шон.

* * *

Чӣ зебо кӯдаконам, кӯдаконам
Ки ҳар як баҳри ман худ як ҷаҳонам.
Агар рӯзе якеро ман набинам,
Шавад нобуд ҳама рӯҳу равонам.

* * *

Агар инсон туӣ, аҳдат нигаҳ дор,
Зи дарди бенавоӣ худ нигаҳ дор.
Ки нахли душманӣ боре наорад,
Ту нахли бовафоиро нигаҳ дор.

* * *

Бузургони ҷаҳон ангуштшуморанд,
Ба мисли қатраи борон набоянд.
Замона пур бувад аз зоти золим,
В-агарна тухми носолим накоранд.

* * *

Зимистон баҳри кӣ фасли азоб аст,
Барои дигаре сарду хароб аст.
Ҳама тартиб диҳад як нақшаи нав,
Барои деҳқон вақти ҳисоб аст.

* * *

Даромад фасли дай бо барфу борон,
Паноҳ бурда тамоми мӯру морон.
Куҷо рафтанд мурғони фирорӣ,
Ба ёди фасли зебои баҳорон?

* * *

Чӣ сон зебо бувад фасли зимистон,
Тамоми оламе гардида яксон.
Замин пӯшидаст пероҳани нав,
Ба вақти зоданаш гардида хандон.

* * *

Замин пурбарфу ях ойинабанд аст,
Таранг асту чу тире дар каманд аст.
Ки шояд аз чизе бошад хавотир,
Ки қалбаш дар қафас пургарду занг аст.

* * *

Ба рӯйи бистаре ҷон кандани худ,
Надорам бим зи рӯзи мурдани худ.
Набошад бахри ман бегона ин хок,
Фақат тарсам зи танҳо мондани худ.

* * *

Набошад зиндагӣ як лаҳза осон,
Ҳама рӯзаш гумон созӣ, ки яксон.
Чизе бошад зи ҷузъи умри мо аст,
Ба мақсад мерасад бешубҳа инсон.

* * *

Аё, эй зодгоҳам, деҳи Шавгон,
Макони дашту боғоту гулистон.
Ту ҳастӣ боғу бӯстони ҳақиқӣ,
Ба ҷисми гарми ман ту гавҳари ҷон.

* * *

Туро ёд оварам, эй деҳаи ҷон,
Ба дидорат шавам пазмону пазмон.
Диламро мекушояд боғу роғат,
Ба дарди бедавоям ҳастӣ дармон.

* * *

Ту кони ғаллаву ҳам кони пахта,
Ҳама нахли умедат мева баста.
Чӣ пиру чӣ ҷавон, деҳқони касбӣ,
Ба касбу кори худ гардида пухта.

* * *

Ту ҳастӣ деҳаи овозадорам,
Зи ту болам, зи ту пурифтихорам.
Ту ҳастӣ ахтари бахти баландам,
Ба марзи қалби худ меҳри ту корам.

* * *

Ба олам омадӣ, чизе зиёд кун,
Зи олам рафтагон як лаҳза ёд кун.
Набошад зиндагӣ майдони бозӣ,
Бикун кору дигарҳоро ту шод кун.

* * *

Гуноҳи мо гарон асту гарон аст,
Набошад айби мо, айби замон аст.
Набошад дасту пойи мо кушода,
Ҳама побасти қонуни гарон аст.

* * *

Ба олам омадем то рӯз бинем,
Парешон ризқи худро то бичинем.
Чӣ мушкил имтиҳони зиндагонӣ,
Битарсем, ки зи он афтода монем.

* * *

Аё халқи азизам, бо ту нозам,
Насозам бо замона, бо ту созам.
Агар дурам, зи қавми Тоҷик астам,
Ба тақдири Ватан ҳаргиз набозам.

* * *

Гумон созӣ, ки мо бекора ҳастем,
Ва ё бекасбу ҳам бечора ҳастем.
Пайи мақсад шабу рӯз дар талошем,
Ба дарди дардмандон чора ҳастем.

* * *

Агарчӣ тандурустем, хаста ҳастем,
Ба касбу кори худ дилбаста ҳастем.
Намонад бори мо дар нимаи роҳ,
Зи хобу роҳати худ раста ҳастем.

* * *

Гила мо аз касе ҳаргиз надорем,
Агар дорем, ҷурми худ шуморем.
Агар сар мезанад гоҳе хатое,
Ба дил тухми адоватро накорем.

* * *

Ба олам як даме беғам набудам,
Агарчӣ аз касе ҳам кам набудам.
Ғами одам, ғами олам ба сар буд,
Зи қавмам он қадар дур ҳам набудам.

* * *

Аё дӯстам, ту ҳастӣ такягоҳам,
Ба ҷону дил камолатро бихоҳам.
Худоё, ман набинам ҳеҷ заволат,
Ту ҳастӣ шоҳиди ҳар як гуноҳам.

* * *

Насозад ҳеҷ кас аз мо шикоят,
Магӯяд аз гузашти мо ривоят.
Накардем дар ҳаёти худ хиёнат,
Маранҷондем касеро дар ниҳоят.

* * *

Ду шаҳболи парасту абрувонат,
Дусад шаҳди асал дорад забонат.
Агар гӯям, ки ту кони малоҳат,
Нахонӣ бандаро аз ошиқонат.

* * *

Куҷо гардад насиб он шаҳди комат,
Шудам бемори дил аз лафзи хомат.
Касе бинад маро, девона хонад
Масӯзад бар мани зор ҷисму ҷонат.

* * *

Гаҳе барфу гаҳе тӯфону бод аст,
Яке ғамгин, дигар бо қалби шод аст.
Зимистон кори худро мекунад боз,
Ҳама аз дасти сармо арзу дод аст.

* * *

Умеду ормонам кӯдаконам,
Шумо ҳастед чун рӯҳи равонам.
Агар як дам набошед, ман набошам,
Илоҳо, дар ҷаҳон бекас намонам.

* * *

Басо ширин бувад дидори фарзанд,
Раҳо созад гиреҳи мушкил аз банд.
Куҷо тоқат, агар рӯзе набинам,
Ки ҳар як дар назар хуршеду моҳанд.

* * *

Чӣ зебо кӯдаконам, кӯдаконам
Шумоеду гулистон ин маконам.
Вагарна лонаи чуғзро бимонад,
Намонад дар ҷаҳон ҳаргиз нишонам.

* * *

Якеро гар бубинам хору зор аст,
Ҳама бори замон бар дӯш бор аст.
Намедонам парасторaш куҷояст?
Ба қалби ман халида захми хор аст.

* * *

Ба олам одами беғам набошад,
Ва ё як дидаи бенам набошад.
Ҳама дорад ба дил як доғи пинҳон,
Агарчӣ аз касе ӯ кам набошад.

* * *

Набудем дар ҷаҳон бедарду беғам,
Бисӯхтем доимо чун равғани шамъ.
Агарчӣ солиму озода будем,
Барои дигарон ғам хӯрдаем, ғам.

* * *

Наҷоти ҳар яке дар дасти худ аст,
Агар меҳнат кунад, бешубҳа буд аст.
Надидам коргари бедавлатеро,
Куҷо даст мезанад, дон, кони суд аст.

* * *

Бубинам одами бекору бекор,
Гумон созам, ки бошад нахли бебор.
Кунад тақсим ризқи кӯдаконро
Ситода дар сукут чун санги кӯҳсор.

* * *

Зи ризқи кӯдакон парҳезу парҳез,
Зи ризқи модарон парҳезу парҳез.
Бикун коре, ки давлат ёр гардад,
Ту ҳам мисли дигарҳо ҳар саҳар хез.

* * *

Зимистон фасли хушу фасли сармо
Кунад аз фасли пирӣ ҳар кӣ огоҳ.
Ки бори вазнинаш қоматшикан аст,
Кунад огоҳ агар охир шавад роҳ.

* * *

Заминро зери барфу ях бидидан,
Навои дилхароши бод шунидан.
Ба дил ваҳме биандозад зимистон,
Ба мисли пои луч дар ях давидан.

* * *

Надорад ҳеҷ камӣ ҳусни зимистон,
Ҳама ҷо сап-сафед чун рӯйи хубон.
Расад бар мо дами сайру тамошо
Дили моро барад дашту биёбон.

* * *

Ба ишқат хобаму аз хоб хезам,
Гунаҳкорам, гуноҳамро бирезам.
Ба гардан мегирам ҳар айби худро,
Бигардад шоми умр бар сони рӯзам.

* * *

Илоҳо, ғам набинӣ, эй писарҷон,
Ба тахти бахт нишинӣ, эй писарҷон.
Падар созад дуо, воҷиб бигардад,
Ба бахтам дилнишинӣ, эй писарҷон.

* * *

Илоҳо, кам нагардад тори мӯят,
Ба лавҳи хотирам он акси рӯят.
Ки ҳоло рафтаӣ ҷое зиёрат,
Нигорон чашми ман пайваста сӯят.

* * *

Гуноҳи ту, савоби ту баробар,
Бубахшам ман гуноҳатро, бародар.
Наафтад рахнае дар арзи дӯстӣ,
Бисӯзем тухми душманро саросар.

* * *

Бимонам як замон дар қалби покат,
Замоне мешавам ман ҷузъи хокат.
Ту гардӣ сарпаноҳи охиринам,
Шавам ман марҳаме бар ҷисми чокат.

* * *

Надидам дар ҷаҳон як муттакое,
Шавад ёри ҳабибу бовафое.
Ҳама дар чашми ман душман намоянд,
Накарда ҳеҷ кас бар ман ҷафое.

* * *

Гаҳе дунё ба чашмам тангу тор аст,
Гаҳе чун осмони беканор аст.
Чунин бошад тариқи зиндагонӣ,
Дили зиндонии ман беқарор аст.

* * *

Сару савдои ман кай мекушояд,
Ба моли ман харидоре наояд.
Бихоҳам, ки фурӯшам ман китобам,
Аламхоне зи модар кай бизояд?

* * *

Ҳама рӯ тофтанд аз илму ирфон,
Ҳама дар фикри пайдо кардани нон.
Надидам, ки касе пурсад китобе,
Шавад ахлоқу одоб ҷумла вайрон.

* * *

Ба дунё қавму миллатҳои бисёр,
Яке пасту дигар гардида сардор.
Гузорад пои худро бар сари тахт,
Дигарҳо беҳуқуқ, бар ҳаққи худ зор.

* * *

Маранҷон аз худат ту як дилеро,
Макун хоку туробе манзилеро.
Бадӣ аз дасти кӯдак хам биёяд,
Макун пажмурда ту шохи гулеро.

* * *

Агар аҳде бубастӣ ту, вафо кун,
Кунад арзу шикоят, ту садо кун.
Мапеч сар аз касу окас, ки бошад,
Гар дорад дусад мушкил, раҳо кун.

* * *

Ба шаҳрат омадам, сарсон бигаштам,
Куҷо буд манзилат, пурсон бигаштам.
Надида рӯи ту, эй моҳи пурнур,
Ба ҳаҷрат сӯхтам, бирён бигаштам.

* * *

Агар раҳбар туӣ, ғамхори мо бош,
Ба ҳар коре, ки пеш ояд, фидо бош.
Миёни мардумон дурӣ маяндоз,
Ту худ аз фитнаву иғво ҷудо.

* * *

Надорам тоқати ҳаҷру ҷудоӣ,
Ба ёри худ накардам бевафоӣ.
Агар аҳде бубастам, содиқ астам,
Нагуфтам ҳеҷ ҳарферо ҳавоӣ.

* * *

Нигоҳи гарми ту сеҳр асту ҷоду,
Ба мисли чашмҳои масти оҳу.
Ба қалби мурдаам уммед бахшад,
Зи пай дорад ба дил садҳо ҳаёҳу.

* * *

Бигаштам дар бари дашту биёбон
Бимонда нақши по дар реги тафсон.
Бирафта аз сарам умри ҷавонӣ,
Шудам аз умри рафта ман пушаймон.

* * *

Расид аз роҳи дуре соли пирӣ,
Ба умри рафтаат нукта нагирӣ.
Ба мисли тири ҷаста аз камонаш
Расида бар нишон, гашта асире.

* * *

Нахушкад оби дарёи дамоне,
Наояд ҳеҷ ғам дар хонадоне.
Ҳамарӯза шавад чун иди Наврӯз,
Шавад обод, кас дорад маконе.

* * *

Баҳор омад, баро аз гӯшаи танг,
Биҷӯ ту аз гулу аз сабзаҳо ранг.
Бигардад қалби ғамнокат баҳорон
Расад бар гӯши ту пайваста оҳанг.

* * *

Парастам ман баҳоратро, диёрам,
Ту ҳастӣ кишвари доимбаҳорам.
Ба ҳуснат чашми ман гашта хуморӣ,
Ба гайр аз ту дигар ҷое надорам.

* * *

Биҷӯшад оби чашма дар баҳорон,
Бирезад қатраҳо чун ашки борон.
Шунав оҳанги калбашро ту як дам,
Ки гӯё ҷои ту дар базми ёрон.

* * *

Чу файзе оварад борон баҳорон,
Бигардад дилрабо дашту биёбон.
Замин созад қабои тоза дар бар,
Шавад олам саросар боғу бӯстон.

* * *

Биё, бар кишвари мо фасли гулҳо,
Шавад пурфайзу зебо манзили мо.
Забун гардад ғами фасли зимистон
Шавад ҷои тамошо кӯҳу саҳро.

* * *

Бидидам шоире гардида маддоҳ,
Суруда дар қасида мадҳи подшоҳ.
Намонда дар замон ҳеҷ эътибораш,
Бимурд, аммо нашуд ӯ марди огоҳ.

* * *

Гузаштам аз гуноҳат, эй гунаҳкор,
Макун дигар гуноҳи хеш такрор.
Биранҷондӣ ту қалби модари зор,
Тавонӣ гар ту қалберо ба даст ор.

* * *

Хусумат бар касе ҳаргиз надорем,
Ки тухми кинаро ҳар ҷо накорем.
Наорад бори дилхоҳ тухми кина,
Ба аҳди худ бидон, ки устуворем.

* * *

Биборем мисли борони баҳорӣ
Ба ишқи сабзаву гулҳо хуморӣ.
Бирӯяд лолаву олам гулистон
Шавад, ин дам агар тухме бикорӣ.

* * *

Дару девори ман пур аз китоб аст,
Ки ганчи бебахои ман китоб аст.
Китобхоне ба мисли ман набошад,
Китобхонӣ, ки худ кори савоб аст.

* * *

Бигуфтем ҳарчию аз худ нагуфтем,
Гаҳе бохуд, гаҳе бехуд бигуфтем.
Набошад холӣ аз панду насиҳат,
Гаҳе аз халқ, гаҳ аз худ бигуфтем.

* * *

Аё дил, беқарорӣ, беқарорӣ,
Ба ҳоли зори ман раҳме надорӣ.
Чӣ аҳволе, хабар ҳаргиз нагирӣ,
Гаҳе ҷонро зи ҷисмам мебарорӣ.

* * *

Гули зебои рӯят бехазон аст,
Намоён бар сараш рангинкамон аст.
Чӣ зебову чӣ дилкаш дилбари ман
Ба ҷисми бемадорам ҷону ҷон аст.

* * *

Биё, ки дилбарам, зору низорам,
Агарчӣ зиндаам, по дар мазорам.
Зи дастам рафта ҳар буду набудам,
Сари роҳат нишаста интизорам.

* * *

Худо гӯям, ки кас танҳо намонад,
Чӣ коре кардани худро надонад.
Шавад дасту дилаш чун пораи ях,
Агар худ бекасу танҳо бимонад.

* * *

Заифу нотавонам, эй Худованд,
Раҳо кун дасту поямро ту аз банд.
Чунин аст сарнавиштам, худ бидонӣ,
Намо қалби маро дубора хурсанд.

* * *

Чу пирӣ даррасад, ҳолат забун аст,
Дили пур аз муҳаббат пур зи хун аст.
Напурсад ҳоли ту як хешу дарвеш,
Ки чуниву туро аҳвол чун аст?!

* * *

Ба ишқи дилбаре обу адо шав,
Ба ҳар дарде, ки дорад ӯ, даво шав.
Наафтад байни ӯву ту ҷудоӣ,
Ба ҳар фармони ӯ доим ба по шав.

* * *

Ало, ёрам, куҷоӣ ту, садо кун,
Ба аҳди додаат, ҷонам, вафо кун.
Туро гум кардаму девона гаштам,
Агар маргам расад рӯзе, дуо кун.

* * *

Худоё, бандаро аз ғам раҳо кун,
Ва қалби торикамро пурсафо кун.
Накардам бар касе ҷабру ҷафое,
Ба дарди бедавоям ту даво кун.

* * *

Аё дӯстам, туро ман мепарастам,
Ба як ҷо зодаву бо ту бирастам.
Бихоҳам то абад бо ҳам бубошем,
Низоми дӯстӣ, хешӣ ба дастам.

* * *

Зи бӯйи бодае маст гаштагонем,
Дар ин олам ҳама саргаштагонем.
Нахӯрда бода аз хуми замона,
Ба оби чашмаи худ ташнагонем.

* * *

Азизонам, маро танҳо намонед,
Ғарибу бекасу беҷо намонед.
Агарчӣ аз шумо чанде, ки дурам,
Маро бемеҳру бегона мадонед.

* * *

Аё дӯстам, ба ту аз мо чӣ хидмат?
Бифармо, то намоям хайру ҳиммат.
Ҳама молу манолам аз ту бодо,
Ту бошӣ бар сарам доим саломат.

* * *

Гумон созӣ, ки мо дарде надорем,
Сару гардан дигарбора нахорем.
Даруни синаи мо кони дард аст,
Сиришки дардро аз дил бишорем.

* * *

Гаҳе шоду гаҳе мотамсароем,
Аз ин ҷода чӣ гуна мебароем?
Ки гӯё гашта мо дар банди зиндон,
Суруди маҳзуне гоҳе сароем.

* * *

Гуноҳи дигарон сарбори мо шуд,
Хунук дар чашмҳо дидори мо шуд.
Надонам, дар куҷо бошад ҳақиқат,
Ки зидди қонуне гуфтори мо шуд.

* * *

Ғами худ мехурад сардори имрӯз,
Ки гӯё марди майдон гашта пирӯз.
Чӣ донад ҳолу аҳволи дигарҳо,
Шавад бадтар замона рӯз аз рӯз.

* * *

Зи бонги душманон ҳаргиз натарсам,
Зи дӯғи нокасон ҳаргиз наларзам.
Ба назди дӯсту душман бегуноҳам,
Ба некиву навозиш дон, ки арзам.

* * *

Суханҳои қабеҳ бар ман магӯед,
Агар дорам ягон айбе, бигӯед.
Ба мисли кӯдаки беайбу ҷурмам,
Агар доғе ба дил дорам, бишӯед.

* * *

Забони тоҷикӣ ҳамто надорад,
Ба соии мусиқӣ бар гӯш форад.
Харидораш бувад бисёру бисёр,
Забони давлатӣ он ном дорад.

* * *

Зи бадхоҳон забонамро нигаҳ дор,
Зи бегона ҷаҳонамро нигаҳ дор.
Надорад ҷиматашро моли дунё,
Ту ин ному нишонамро нигаҳ дор.

* * *

Бузургони ҷаҳон ангуштшуморанд,
Ба насли одамӣ кина надоранд.
Агарчӣ дар ҳаёт мушкилкушоянд.
Ки худро шахси оддӣ мешуморанд.

* * *

Забони модарӣ форсӣ-дарӣ аст,
Пур аз меҳру вафои модарӣ аст.
Камарбанди дуяш дон, тоҷикӣ аст,
Дар он қомуси шеъру шоирӣ аст.

* * *

Макун коре, ки бар мардум нафорад,
Ки ранҷу ташвиши бисёр орад.
Ба ҳар рафтори худ андешае кун,
Ба болои сарат санге наборад.

* * *

Накардам бар касе арзу шикоят,
Бикардам аз замонам ман ҳикоят.
Чӣ хуб буду чӣ бад буд, ман надонам,
Гузашт умри азизи ман ниҳоят.

* * *

Бубин, шаҳрам, замони дигар омад,
Ва таърихи гузашта ҳам сар омад.
Ту ҳам бедор шав, андешае кун,
Ба ту бахту саодат дар бар омад.

* * *

Баромад насли покат мисли хуршед,
Бишуд соҳиб ба тахту тоҷи Ҷамшед.
Зи душман хунбаҳоят гирад акнун,
Ба ӯ халқи азизат дорад уммед.

* * *

Ту ҳастӣ гавҳари кони забонам,
Ту ҳастӣ давлати ҳар ду ҷаҳонам.
Буда "Таърихи Наршахӣ" гувоҳам,
Ту будӣ давлати Сомониёнам.

* * *

Аё шаҳрам, азизам, меҳрубонам,
Фидои ту бигардад ҷисму ҷонам.
Ба ишқат сӯзаму бо ту бинозам,
Худоё, то қиёмат бо ту монам.

* * *

Туро баҳри тамошо офариданд,
Туро баҳри таманно офариданд.
Ту бошӣ то абад хуштарҳу зебо,
Туро баҳри замонҳо офариданд.

* * *

Аё шаҳрам, набинӣ офату ғам,
Машав аз шаҳрҳои дигаре кам.
Кушо ҳусну ҷамолатро ту охир,
Ба таърихат шавад як боби нав зам.

* * *

Аё шаҳрам, ту хеле дилрабоӣ,
Ба фасли сабзаву гул дилкушоӣ.
Ба ту ҳусни ҷаҳонро тӯҳфа карданд,
Ба дарди ошиқон охир давоӣ.

* * *

Агар ҳарфат биафтад бар забонам,
Пур аз қанду асл гардад даҳонам.
Намоям васфат андар шеъру достон,
Ба бозӣ медарояд сад ҷаҳонам.

* * *

Бухоро, номи некат бар забонам,
Ту ҳастӣ дар ҷаҳон зебо маконам.
Ба сад дардам шифо обу ҳавоят,
Зи оғӯшат ҷудо ҳаргиз намонам.

* * *

Аё шаҳрам, ба оғӯшат бизодам,
Тамоми давлатамро бар ту додам.
Шавӣ ободу зебо дар нигоҳам,
Зи ҳусни безаволат гашта шодам.

* * *

Ба ту таъзим бод, эй марди деҳқон,
Ту ҳастӣ қаҳрамону марди майдон.
Зи дастат хони мардум пур зи нон аст,
Ба ту бодо ҳазорон шӯҳрату шон.

* * *

Надорам тоқати ранҷи ҷудоӣ,
Накардам бар касе ман бевафоӣ.
Агар аҳде бубастам, содиқ астам,
Нагӯям ҳарфу лафзеро ҳавоӣ.

* * *

Дарахти бесамар қадре надорад,
Зи тухмаш ҳеҷ кас ӯро накорад.
Агар одам шавад беқадру қимат,
Суханҳояш ба гӯши кас нафорад.

* * *

Агар мардӣ, навозиш кун падарро,
Ту ҷо дар тори сар кун тоҷи сарро.
Ки сарфи ту намуд ҷону ҷаҳонро
Наёбӣ инчунин ҷону ҷигарро.

* * *

Аё Модар, аё Модар, чӣ зотӣ?
Ҳуқуқи зиндагӣ бар ман ту додӣ?
Зи насли одамӣ ё худ фаришта,
Саҳар чун мисли шамсе мебароӣ.

* * *

Дили бечораам пур аз гумон аст,
Чу мурғи болканда парзанон аст.
Ки мондам бесрубон дар биёбон,
Ба кӣ созад шикоят, безабон аст.

* * *

Аё дилбар, зи ишқат сарфарозам,
Зи лутфу нози ту ҷонро гудозам.
Табиби ҷисму ҷонам гар ту бошӣ,
Ба ҳар ҷабру ҷафои ту бинозам.

* * *

Аё халқам, зи бахтат сарфарозам,
Ту ҳастӣ боиси умри дарозам.
Набинӣ дар ҷаҳон ҳаргиз заволе,
Ба гӯшат мерасад овози созам.

* * *

Зи сӯзи ҷисму ҷон ҳолам хароб аст,
Дили садпораам охир кабоб аст.
Ба кӣ гӯям ҷафои дилбарамро?
Зи ҷабраш дидаам доим пуроб аст.

* * *

Гаҳе шоду гаҳе ношод гаштам,
Наҳе бобу гаҳе нобоб гаштам.
Сабабгори ҳама вазъи замон аст,
Гаҳе вайрона, гаҳ обод гаштам.

* * *

Аё шаҳрам, ту тоҷи ин ҷаҳонӣ,
Ту фахри мардумони ин замонӣ.
Ҳама коху биноҳоят базебанд,
Ба сони бӯстони бехазонӣ.

* * *

Туро мепарварам, шаҳри Бухоро,
Ту ҳастӣ модарам, шаҳри Бухоро.
Ту ҳастӣ шӯъла аз қалби бузургон,
Ғаматро мехарам, шаҳри Бухоро.

* * *

Ту шаҳри гулрухонӣ, эй Бухоро,
Ба гулрӯён ту ҷонӣ, эй Бухоро.
Тамоми чор фаслат навбаҳор аст,
Саросар бӯстонӣ, эй Бухоро.

* * *

Ту додӣ бар ҷаҳон Синои моро,
Ту додӣ бар ҷаҳон садҳо даҳоро.
Дар оғӯшат камол ёфт Рӯдакӣ ҳам,
Бигаштӣ шаҳри ман, машҳури дунё.

* * *

Ту гаштӣ саҷдагоҳи аҳли олам,
Ту гаштӣ мӯътабар бар чашми одам.
Муқаддас шуд дару дарвозаи ту,
Ба ҳар девор ҳар хишти ту маҳкам.

* * *

Ту шаҳри фозилонӣ, эй Бухоро,
Ту шаҳри оқилонӣ, эй Бухоро!
Ту ҳастӣ маркази илму амалҳо,
Ту шаҳри комилонӣ, эй Бухоро.

* * *

Бихоҳам, бошӣ ту бедарду беғам,
Набошӣ хору зору аз касе кам.
Макун ҳаргиз ҳавас бар моли дунё,
Қаноат пеша кун вақте шавад кам.

* * *

Аё дилбар, ту ҳастӣ ғампарастам,
Ҳама нозу нузатро мепарастам.
Ту охир баҳри ман танҳою якто,
Ба ишқи поки ту ман қоил астам.

* * *

Ту ҳастӣ сарпарасти кӯдаконам,
Ту ҳастӣ шамси рахшони маконам.
Агар бе ту бимонам, бенишонам,
Ба чашмам тор гардад ду ҷаҳонам.

* * *

Аё дилбар, ту ҳастӣ тоҷи давлат,
Аё дилбар, ту ҳастӣ асли ҳиммат.
Зи ту болида гардад рӯҳу қалбам,
Ту ҳастӣ рамзи покии муҳаббат.

* * *

Масозӣ шубаҳае бар ёри зебо,
Ки нозук мешавад чун барги гулҳо.
Агарчӣ бешумор аст ошиқонаш,
Дилашро ёбу бо он кун муросо.

* * *

Шиносӣ ҷуфти худро хубу аъло,
Мақомаш дар ҳаёт гардида боло.
Агар оқил бувад ҷуфти ҳалолат,
Шавад дур аз ту ҳар дарду балоҳо.

* * *

Аё дилбар, зи ту обод ҷонам,
Зи бори дарду ғам озод ҷонам.
Ту ҳастӣ сарсутуни зиндагонӣ,
Бувад бо чеҳри шодат шод ҷонам.

* * *

Манам шайдои ишқат, ёри ҷонӣ,
Бикун коре, ҳаргиз дарнамонӣ.
Зи ишқат беқарорам, беқарорам,
Харидорат манам, бояд бидонӣ.

* * *

Аё халқам, бузургӣ, бас кабирӣ,
Ба фарзандони некат ту дабирӣ.
Ба олам чӣ қадар аллома додӣ,
Ба дӯсту душманат нукта нагирӣ.

* * *

Аё халқи далеру пуртавонам,
Ту ҳастӣ шӯҳраи давру замонам.
Ба ту тан додааст ҳатто ки душман,
Ту охир сарбаланду қаҳрамонам.

* * *

Парӣ гӯям туро, бояд наранҷӣ,
Суханҳои маро баргашта санҷӣ.
Ба ту ҳусни ҷаҳоноро Худо дод,
Ту охир насли моро кони ганҷӣ.

* * *

Ба олам парчамат ҳусни дигар дод,
Ба тоҷик гӯиё ки тоҷи сар дод.
Ҳазорон сол пас иқбол хандид,
Зи нав он давру даврони ту сар шуд.

* * *

Ту ҳастӣ пораи хоки Хуросон,
Нишона мондае аз мулки Сомон.
Худоро шукр, даврони ту омад,
Муборак бод эҳё, Тоҷикистон!

* * *

Ба тахтат ворисонат по ниҳоданд,
Ба таърихат баҳои пурра доданд.
Ту гаштӣ ифтихори миллати худ,
Ҷазои душманонатро бидоданд.

* * *

Ту мулки дилкушоӣ, Тоҷикистон,
Ту мулки дилрабоӣ, Тоҷикистон!
Ту ҳастӣ дар ҷаҳон яктову танҳо,
Ту худ оҳанрабоӣ, Тоҷикистон!

* * *

Баромад насли покат мисли хуршед,
Бишуд соҳиб ба тоҷу тахти Ҷамшед.
Зи душман хунбаҳоят гирад акнун,
Ба ту халқи азизат дорад уммед.

* * *

Ба пирӣ кас бидонад умри рафта,
Азобаш медиҳад он бахти хуфта.
Намонӣ ғарқ дар хобу хаёлот,
Бигардад ҷисму ҷонат санги суфта.

* * *

Ба охир мерасад роҳи ҳаётат,
Равад аз дасти ту нақду суботат.
Наёбӣ фурсати баҳри насиҳат,
Равӣ аз оламе баҳри хилофат.

* * *

Аё шаҳрам, ба дастам хома додӣ,
Зи касбу кори ман бешубҳа шодӣ.
Нависам номае бар номи покат,
Саодатро ба рӯйи ман кушодӣ.

* * *

Бухоро, қисмататро хуб донам,
Зи фардоят ягон ҳарфе надонам.
Ҳамин донам, ки умрат бехазон аст,
Бароят садқа созам ҷисму ҷонам.

* * *

Бухоро, орзӯям: бо ту монам,
Ба мулки ғайр ҳаргиз по намонам.
Туӣ модар, манам фарзанди дилбанд,
Чӣ тавр аз меҳри ту дил канда тонам?

* * *

Чаноронат баланду пурвиқоранд,
Ба чашми душманон чун чӯби доранд.
Барои нокасон бегона ҳастанд,
Барои дӯстон чашмони чоранд.

* * *

Тамоми хоки ту бас тор гардид,
Ҳамон ҷое, ки тири лӯла таркид.
Ба мисли қалби ман шуд лолазоре,
Чунин саҳна ҳама бо чашми сар дид.

* * *

Надорад боғи умраш бурду боре ,
Ҳаёташ фоҷиа, бас хору зоре.
Руҷӯяш мурдаву аз даст рафта,
Ки гӯё латтаву нокарда коре.

* * *

Дар олам кам набошад зор монда,
Ба айби нокасон бекор монда.
Напурсад ҳеҷ кас аҳволи ӯро,
Чу колое, ки аз бозор монда.

* * *

Набошад мисли шоир фарди ҳушёр,
Ба рӯзу шаб ҳамеша аз пайи кор.
Ғами миллат ба сар дорад, бародар,
Зи ёри беғамаш гардида безор.

* * *

Аё деҳқон, ба номат шеър гуфтам,
Равону соддаву шево бисуфтам.
Ба ту фаҳмо бувад ҳар ҳарфу савтам,
Дили поки туро зеро шунуфтам.

* * *

Заминро мисли модар мепарастӣ,
Зи гирдаш гардию ҳаргиз нарастӣ.
Дар он дидӣ умеду орзӯҳоят,
Кунун маъмуру соҳибдавлат астӣ.

* * *

Хирадмандон адолатпарвар оянд,
Зи насли одамӣ айбе начӯянд.
Агар нодон кунад саҳву хатое,
Бипӯшанд чашми худ, бар кас нагӯянд.

* * *

Зи сӯзи ишқ ҷонам дар азоб аст,
Дили садпораам гӯё кабоб аст.
Ба кӣ гӯям ҷафои дилбарамро,
Зи ҷабраш дидаам доим пуроб аст.

* * *

Аё дилбар, зи ишқат сарфарозам,
Зи лутфу нози ту ҷонро гудозам.
Табиби ҷисму ҷонам гар ту бошӣ,
Ба ҳар ҷабру ҷафои ту бинозам.

* * *

Зи дастат ман шифо ёбам, табибам,
Туӣ ғамхору дилдору ҳабибам.
Бигӯям гар ту Синои замонӣ,
Наафтад иштибоҳе дар китобам.

* * *

Чӣ гӯям аз ҷафоят, дилбари ҷон?
Бикуштӣ қалби ман аз дарди ҳиҷрон.
Куҷо рафтӣ, чаро рафтӣ зи чашмам,
Ба сони ашки талхе рӯзи борон?

* * *

Ҳаво сарду ту ҳастӣ навбаҳорам,
Гули садбарги пур аз баргу борам.
Ту ойӣ, хонаам гардад гулистон,
Ба дидори гули ту зору зорам.

* * *

Фидои ту бигардад ҷисму ҷонам,
Туро дар зиндагӣ танҳо намонам.
Ту бошӣ тоҷу тахти ин ҷаҳонам,
Ту ҳастӣ дилбари абрӯкамонам.

* * *

Ба олам омадӣ, шукри Худо кун,
Барои рафтагон арзи дуо кун.
Машав ғофил, ки рӯзи рафтанат ҳаст,
Ба ҳар кори савоб фурсат ҷудо кун.

* * *

Дилам хоҳад сари кӯҳи баландат,
Ва ё ҷойи баланди беғазандат.
Ба осонӣ насозад қулла таъзим,
Нишон деҳ хидмати белу қаландат.

* * *

Баро бар минбари аҳли замона,
Бихон аз сидқи дил шеру тарона.
Бидонад одамӣ қадри суханро,
Бигӯ ҳарфу ҳиҷоро дона-дона.

* * *

Муборак, дӯстам, парвози озод,
Муборак дар замин маъвои обод.
Нишаста бар сарат шоҳини давлат,
Чунин бошад ҳамон бахти Худодод.

* * *

Баҳор омад, баҳори ман, куҷоӣ,
Чаро бар пешвози ман наоӣ?
Баро охир ба сайри лолаву гул,
Ба чашмам солҳо шуд, камнамоӣ.

* * *

Гули садбарги зебои баҳорам,
Ба ту ман ишқи беандоза дорам.
Маранҷон ошиқи бечораатро,
Ба лутфу шафқатат уммедворам.

* * *

Зи бахтат душманон сӯзанду сӯзанд,
Ҳама чашми ҳасад сӯйи ту дӯзанд.
Варо парвози бахтат мекушад боз
Яхе ҳастанду аз тарнов резанд.

* * *

Ту дӯстат хониву душман ҳамон аст,
Ба ту ҳамхонаву зидди забон аст.
Занад дасти таҷовуз бар забонат,
Чу рӯбаҳ дум занад, бар каф камон аст.

* * *

Нагаштӣ худшиносе мисли дигар,
Мақоми давлататро гирӣ аз сар.
Ҳама кайҳо шуданд аз хоб бедор,
Ҳанӯзам хобӣ дар бистар, бародар.

* * *

Гаҳе ғамгин, гаҳе шодон шавам ман,
Гаҳе боғбон, гаҳе посбон шавам ман.
Зи касбу кори дунё рӯ натобам,
Гаҳе духтур, гаҳе муздур шавам ман.

* * *

Ғаматро ман намудам дар дилам ҷо,
Нагуфтам ҳам ба ту як ҳарфи беҷо.
Ту ҳастӣ баҳри ман як ёри ғамхор,
Фидо созам бароят ҷони худро.

* * *

Аё шаҳри азизу меҳрубонам,
Фидои ту бигардад ҷисму ҷонам.
Ба ишқат сӯзаму бо ту бинозам,
Илоҳо, то қиёмат бо ту монам.

* * *

Бифахрам, ки ҳамеша бо ту будам,
Ягон рӯзе зи ту берун набудам.
Ғаму андӯҳҳоят дар дилам буд,
Ту будӣ ҳам нузулам,[6] ҳам суъудам.[7]

* * *

Зи меҳри модарият дил накандам,
Ба рӯям то нахандӣ, ман нахандам.
Агар умре будӣ содиқ ба фарзанд,
Зи ту уммеди худ ҳаргиз накандам.

* * *

Аё шаҳрам, набинӣ офату ғам,
Машав аз шаҳри дигарҳо ту ҳам кам.
Кушо ҳусну ҷамолат то ба охир,
Ба таърихат шавад як боби нав зам.

6 Нузул – фаромадан.
7 Суъуд – баромадан, парвоз.

* * *

Аё шаҳрам, ту хело дилрабоӣ,
Ба фасли сабзаву гул дилкушоӣ.
Ба ту ҳусни ҷаҳонро тӯҳфа карданд,
Ба дарди ошиқон охир давоӣ.

* * *

Агар номи ту ояд бар забонам,
Пур аз қанду асал гардад даҳонам.
Намоям васфи ту дар шеъру дастон,
Ба бозӣ медарояд сад ҷаҳонам.

* * *

Бухоро, номи некат бар забонам,
Ту ҳастӣ дар ҷаҳон зебо маконам.
Ба сад дардам шифо обу ҳавоят,
Зи оғӯшат ҷудо ҳаргиз намонам.

* * *

Аё шаҳрам, ба оғӯшат бизодам,
Тамоми давлатамро бар ту додам.
Шавӣ ободу зебо дар нигоҳам,
Зи ҳусни беназират гашта шодам.

* * *

Туро мепарварам, шаҳри Бухоро,
Ту ҳастӣ меҳварам, шаҳри Бухоро.
Ту ҳастӣ шӯълаи қалби бузургон,
Ту ҳастӣ дилбарам, шаҳри Бухоро.

* * *

Кадамгоҳи бузургонӣ, Бухоро,
Ту бахту тахти Сомонӣ, Бухоро.
Замоне Рӯдакӣ андар барат зист,
Ту ёде аз Хуросонӣ, Бухоро!

* * *

Ту ҳастӣ ғамгусорам, эй Бухоро,
Ту ҳастӣ меҳрборам, эй Бухоро!
Ягона шаҳри ишқи ман ту ҳастӣ,
Ту ҳастӣ ҳусни ёрам, эй Бухоро!

* * *

Манам шоир, ба васфат шеър гӯям,
Вале айби туро ҳаргиз наҷӯям.
Ту ҳастӣ ҷисми манро ҷон, Бухоро,
Гули гулзори зебоят бибӯям.

* * *

Зарафшон, шӯриши пешинаат ку,
Зарафшон, ҷӯшиши деринаат ку?
Зи дарё буданат ному нишон нест,
Шару шӯри азими синаат ку?!

* * *

Зарафшон, рози ту бешубҳа донам,
Китобатро зи амвоҷат бихонам.
Ба каф бигрифтаам аз оби покат,
Ҳунармандам, аз он зар меситонам.

* * *

Зарафшон, ҳар ду як давре бишинем,
Шароби офият бо ҳам бинӯшем.
Ғами дунё ба ҳамдигар бигӯем,
Даруни хум ба мисли май биҷӯшем.

* * *

Бухоро, аз ту ман кай дил гусастам?
Ба шаҳри дигаре ман дил набастам.
Ту будӣ модару ман тифли домон,
Ту гӯё шамъу ман парвона ҳастам.

* * *

Аё шаҳрам, ба ман ҳамдам ту будӣ,
Ба наздам вақти бешу кам ту будӣ.
Чӣ форам буд ҳавои гарму сардат,
Ба дарди ҷони ман марҳам ту будӣ.

* * *

Аё шаҳрам, ту будӣ хонаи ман,
Ту будӣ ишқи ман, паймонаи ман.
Ба хар як тифли ман ту доя гаштӣ,
Ба ҷойи ҳамсару ҷононаи ман.

* * *

Бубахшо шоири дилдодаатро,
Бубахшо ошиқи дилсодаатро.
Ба дунёи адаб машҳур бинмо,
Дар оғӯшат яке озодаатро.

* * *

Агар рӯзе набинам кӯчаҳоят,
Дару дарвозаҳои бебаҳоят,
Ғарибу бекасу девона гардам,
Фидоят ман, фидоят ман, фидоят!

* * *

Ту ҳастӣ гавҳари кони забонам,
Ту ҳастӣ давлати ҳар ду ҷаҳонам.
Гувоҳӣ медиҳад “Таърихи Наршах”,
Ту будӣ давлати Сомониёнам.

* * *

Забони тобдори ман ту ҳастӣ,
Забони обдори ман ту ҳастӣ.
Намедонам ба олам ғам чӣ бошад,
Чаро ки ғамгусори ман ту ҳастӣ.

* * *

Аҷаб зебо Лаби Ҳавзи Бухоро,
Зи санги кӯҳу мармар гашта оро.
Набошад дар ҷаҳон онро шабеҳе,
Ба сайёҳон шуда ҷойи тамошо.

* * *

Бухоро, кохи эҷодам ту ҳастӣ,
Гулободу дилободам ту ҳастӣ.
Замоне Рӯдакӣ шогирд будат,
Бубин ин бахт: устодам ту ҳастӣ.

* * *

Худоё, ту забонамро нигаҳ дор,
Ту шону шӯҳраташро боз бардор.
Набошад дар ҷаҳон ин гуна лафзе,
Ба он арҷе гузор, арзанда бишмор.

* * *

Агар ғамгин шавӣ, гирам ба оғӯш,
Навозиш менамоям дар бари гӯш.
Намехоҳам шавӣ як лаҳза хомӯш,
Намесозам ғаматро ман фаромӯш.

* * *

Аё дилбар, ту ҳастӣ ғампарастам,
Ҳама нозу нузатро мепарастам.
Ту охир баҳри ман танҳову якто,
Ба ишқи поки ту ман қоил астам.

* * *

Манам шайдои ишқат, ёри ҷонӣ,
Бикун коре, ки ҳаргиз дарнамонӣ.
Зи ишқат беқарорам, беқарорӣ?
Харидорат манам, бояд бидонӣ.

* * *

Парӣ гӯям туро, бояд наранҷӣ,
Суханҳои маро баргашта санҷӣ.
Ба ту ҳусни ҷаҳонеро Худо дод,
Ту охир насли моро кони ганҷӣ.

* * *

Ду чашмонат пур аз сеҳр асту ҷоду,
Ба сони чашмҳои барқи оҳу.
Ба қалби мурдаам бахшад умеде,
Зи пай дорад ба дил садҳо ҳаёҳу.

* * *

Накардам бар касе арзу шикоят,
Бикардам аз замони худ ҳикоят.
Чӣ хуб буду чӣ бад буд, ман надонам,
Гузашт умри азизи ман ниҳоят.

* * *

Барои тозашеърам шаб нахуфтам,
Биҷустам қофия, байте бисуфтам.
Шавад шеъри равону хонданибоб,
Зи ишқи нотамомам қисса гуфтам.

* * *

Макун коре, ки бар мардум нафорад,
Ки ранҷу ташвиши бисёр орад.
Ба ҳар рафтори худ андешае кун,
Ба рӯзе бар сарат санге наборад.

* * *

Ғами он хӯр, ки ғамхори ту бошад,
Бидеҳ дил, то ки дилдори ту бошад.
На ҳар як кас ба ту арзанда бошад,
Азизу мӯътабар ёри ту бошад.

* * *

Ҳадиси ошиқӣ аҳду вафо аст,
Агар бошад муҳаббат, босафо аст.
Раву бар ҷуфти худ ту ҳам вафо кун,
Тариқи ошиқӣ дар дин раво аст.

* * *

Чӣ беғам одамони гӯлу нодон
Ба мисли сабзаи хушки биёбон.
Ки раҳми кас биояд бар чунин кас,
Набошад фарқи онҳо з-асли ҳайвон.

* * *

Аё дилбар, чаро ту бевафоӣ,
Гаҳе бо ман, гаҳе аз ман ҷудоӣ?
Набахшидан ба хилват бӯсае тар,
Набошад дар тариқи ошноӣ.

* * *

Пас аз мо ҳам бимонад Меҳру Маҳтоб,
Нагардад мисли оҳан з-оташе об.
Набинад одамӣ умри дубора,
Аз олам меравад ду дида дар хоб.

* * *

Нигоро, зулфи ту худ доми ишқ аст,
Лаби ширини ту худ коми ишқ аст.
Ман аз чашмони шаҳлои ту мастам,
Ду чашми мasти ту худ ҷоми ишқ аст.

* * *

Наям аз умри рафта ман пушаймон,
Аҷаб не, ки шавӣ бар ман ту ҳайрон.
Ба мисли оби ҷонбахши Зарафшон,
Гулистон кардаам дашту биёбон.

* * *

Зи ишқат беқарорам, кишвари ҷон,
Ба сад кӯ сар занам мисли Зарафшон.
Ба дил наздику аз ту дури дурам,
Ки роҳаш мебарад дашту биёбон.

* * *

Бидида суратат, девона гаштам,
Ба шаҳрат омадам, бехона гаштам.
Намедонам, куҷо буд манзили ту?
Ба дарди ишқи ту ғамхона гаштам.

* * *

Ҷаҳони кӯжпуш(т) бар мо ҷафо кард,
Ба душманҳои мо доим вафо кард.
Надонам айби мо охир чӣ бошад,
Ки рӯзи мо чу шаб доим сиё(ҳ) кард.

* * *

Ба кори нокасон коре надорем,
Ба ҷойи тухми гул хоре накорем.
Ба ҷои хорию андӯҳу зорӣ,
Ба сар чун “Оби раҳмат” мо биборем.

* * *

Чу Ҳотам ҳиммати шоҳона дорӣ,
Чу Рустам қуввати шерона дорӣ.
Ба дарди бенавоён ту давоӣ,
Аҷаб як хислати фарзона дорӣ.

* * *

Диламро бурдиву бечора кардӣ,
Маро дар кӯи худ овора кардӣ.
Ба сад дар сар задам, аз ту дарак нест,
Дили бечораам садпора кардӣ.

* * *

Зи дарду доғи ту ҳаргиз нанолам,
Ту ҳастӣ ёри ман, бо ин биболам.
Ту бошӣ бахту иқболи баландам,
Набошад  мисли ту дигар ба олам.

* * *

Ту бошӣ дар барам, осуда гардам,
Зи шаҳди зиндаги болида гардам.
Шавам озод аз дарди замона,
Ҷамолатро мудом гар дида гардам.

* * *

Туро як дам намесозам фаромӯш,
Ки умре будаем бо ҳам ҳамоғӯш.
Бимонад ишқи мо то, ки ҷаҳон ҳаст,
Суханҳоят нарафта аз бари гӯш.

* * *

Ту ишқи аввалу ҳам охири ман,
Ту монӣ дар ҷаҳон пас аз сари ман.
Магӯ, ки ҳеҷ намонад қиссаи ишқ,
Бимонад ишқи ту дар дафтари ман.

* * *

Бимондам сар ба болини вафоят,
Насозам дар ҳаёт ҳаргиз ҷафоят.
Вафодори ту ҳастам то ба охир,
Зи худ ҳаргиз набинам ман ҷудоят.

* * *

Ба бозӣ дасти маъшуқро нагирам,
Агар гирам, бидон, ки ман асирам.
Ба тақдири касе зомин нагардам,
Ба аҳди худ вафоро мепазирам.

* * *

Ба охир мерасад роҳи ҳаётам,
Ба дар ангушт занад арзи мамотам.
Гузашт умри азизам мисли тире,
Ба дил афтодааст кайҳост мотам.

* * *

Худо хоҳад, шавӣ пири бадавлат,
Бупарҳез аз ғуруру ҳам зи савлат.
Мақоми мӯсафедиро ба ҷо ор,
Набошӣ рӯ ба рӯ бо дарду иллат.

* * *

Агар хонӣ шабу рӯзе ту Қуръон,
Шавад бахтат ба мисли моҳи тобон.
Кунӣ аз бар тамоми сураҳоро,
Шавӣ бешубҳа пешвои мусулмон.

* * *

Парстад ҳар мусулмон дини Ислом,
Ки дорад шӯҳрату шон дини Ислом.
Набошад  дар ҷаҳон ғофил зи Қуръон,
Ҳидоятгар ба инсон дини Ислом.

* * *

Муҳаммад Мустафо пайғамбари мо,
Битобад мисли шамсе бар сари мо.
Расули Акрам аст аҳли ҷаҳонро
Ба ду дунё бувад ӯ сарвари мо.

* * *

Забонамро зи нобудӣ раҳондӣ,
Зи нав бар тахти шӯҳрат баршинондӣ.
Шинохт ислом туро, ҳам миллататро,
Ҳама шубҳа зи байни мо равондӣ.

* * *

Ту ҳастӣ раҳнамои сулҳу ваҳдат,
Ту ҳастӣ сарвари ин халқу давлат.
Ту охир беҳтарин дӯсти Худоӣ,
Ба дил мепарварӣ бахту саодат.

* * *

Амалҳоят ба нафъи дини ислом,
Сабақ омӯхт мусулмон аз ту, имом.
Ту будӣ сарвари дину шариат,
Ширин гардид зи ҳарфи ноби ту ком.

* * *

Ба номат, эй Худо, ҳар як намозам,
Фаромӯш ман туро асло насозам.
Ту худ ҳастӣ нишони ҳар ибодат,
Ту бошӣ лоиқи розу ниёзам.

* * *

Чӣ н-осуда бувад давру замонат,
Зи сабза бештар барги хазонат.
Ту овардӣ ба олам сулҳу ваҳдат,
Гузоштӣ ҷисму ҷонро ту амонат.

* * *

Ту будӣ марди доно, худшиносе,
Далеру паҳлавону беҳаросе.
Надоштӣ дар дилат кину адоват,
Ба ин буд покият равшан асосе.

* * *

Ба ту ҷонам фидо, эй ёри ҷонӣ,
Нигаҳдорат Худо, эй ёри ҷонӣ.
Ба ту бахшад Худо умри заминро,
Фақат созам дуо, эй ёри ҷонӣ.

* * *

Бишав мисли дигарҳо марди майдон,
Ба дарди бенавоён гард дармон.
Ба дунё омадӣ, кори савоб кун,
Равад номи накӯят то ба кайҳон.

* * *

Аё қалбам, гоҳе бар тан асар кун,
Ғаму дарди зиёде мухтасар кун.
Даме дар зиндаги осуда гардад,
Роҳи пешинаатро ту дигар кун.

* * *

Худат поку худат танҳо, Худоё,
Гуноҳи бандагонатро бубахшо.
Агар кардам хатое, бошам иқрор
Гуноҳи вазнине онро махоно.

* * *

Надониста кунам ман як гуноҳе,
Ва ё гардам зи саргумӣ ба роҳе,
Дар ин ҷо айби ман бошад тасодуф,
Ки худ донам, шавад ҳолам табоҳе.

* * *

Зи нурат оламе гардид рахшон,
Ба ҷунбиш омада аҳли Хуросон.
Намуданд эътиқод бар ту, Имомам,[8]
Расида дар замон даврони Сомон.

* * *

Ту будӣ раҳкушои бахти Сомон,
Ту будӣ фоли неки бахти Сомон.
Замон дар ҳукми мо гардид тамоман
Муяссар шуд ба тоҷик накди Сомон.

[8] Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит.

* * *

Биё, ҷонам, гирифтори туям ман,
Шуда пазмон ба рафтори туям ман.
Ҷудоӣ баҳри ман ҳамсанги марг аст,
Яке ташна ба гуфтори туям ман.

* * *

Ту ҳастӣ, хонадон пурфайзу обод,
Дилам за дарду ғам гардида озод,
Ки ҳастам доимо саргарми меҳнат,
Ҳамма аз бахти мо бошанд дилшод.

* * *

Худат ҳастӣ ба ман пушту паноҳе,
Ба мисли як фаришта бегуноҳӣ.
Зи ту меҳнат пазирам то қиёмат,
Назар афкан ба сӯйи ман ту гоҳе.

* * *

Дилам ҷӯшад зи ишқи зиндагонӣ,
Зи ишқи дилбари зебову ҷонӣ.
Чу шамсе доимо бо чеҳраи гарм,
Гирад пешвоз маро бо меҳрубонӣ.

* * *

Ҳама дар назди Яздон бандагонем,
Ҳама бошандагони як ҷаҳонем.
Миёни одамон фарқе набошад,
Агар фарқе бувад, бе ҳам бимонем.

* * *

Магӯ, ки умри мо охир надорад,
Агар гӯӣ, ба Яздонат нафорад.
Намонӣ дар ҷаҳон поянда ҳаргиз,
Ба сар тухми аҷал пайваста дорад.

* * *

Агар аз кори худ гардӣ пушаймон,
Макун такрор, бошад кори ҳайвон.
Чу бад кардӣ, бидон ки осӣ ҳастӣ,
Набахшанд он гунаҳро ҳеҷ осон.

* * *

Ҳар он касбе, ки дорӣ, пухта гардон,
Ки ин бошад ба инсон кори мардон.
Зи ҳар коре, ки ҳам аст, ту гузар кун,
Ту шаъни касби худ ҳаргиз магардон.

* * *

Бимонад меҳнатат дар мулки дигар,
Ҳамон ҷо мешавад обод саросар.
Биё, зудтар зи нав созӣ Ватанро,
Ки роҳи зиндагӣ гирӣ ту аз сар.

* * *

Ватан дар роҳи ту шабзиндадор аст,
Ҳама дӯсту бародар интизор аст.
Ҷаҳон бар зарраи хокаш наарзад,
Гули боғи дигар дар дида хор аст.

* * *

Куҷо бошӣ, ба ёди ин Ватан бош,
Диле дорӣ, ба ишқи ин чаман бош.
Фаромӯшаш макун ту модари худ,
Ҳамеша дар ғами кӯҳу даман бош.

* * *

Бирафтӣ аз сарам чун соя, эй ҷон,
Надонам, дар куҷое гаштӣ сарсон.
Дилам меход бубинам рӯйи зебот,
Хаёлам мешавад ҳар дам парешон.

* * *

Бишуд модар туро бисёр пазмон,
Ба ёдат доимо нолону гирён.
Биё, зудтар, ки дардаш бедаво аст,
Бигашта қалби бемораш пурармон.

* * *

Ба роҳат, эй писар, мо интизорем,
Ба дидорат ҳама муштоқу зорем.
Биё, ки дурӣ мебошад гуноҳе,
Ба роҳи гашти ту гулҳо бикорем.

* * *

Ватан, бар мову ту чашминтизор аст,
Барои мову ту бозори кор  аст.
Гумон созӣ ҳама бекор ин ҷо,
Ба дасти коргар сад ҷабҳа зор аст.

* * *

Ба мисли сабза аз хокат бирӯям,
Наҷоти зиндагиро аз ту ҷӯям.
Ту ҳастӣ токягоҳи пурумедам,
Ҳама дарди диламро бар ту гӯям.

* * *

Набошад сарвате қиммат зи обат,
Ба чашми ташнагон чун шӯъла тобад.
Набошад зиндагӣ бе неъмати об,
Ба чашмат олами хушкида тобад.

* * *

Зи бахтат дар ҳаросанд душманонат,
Гиранд аз хони ту як пора нонат.
Бисӯзанд то кунун чун ҳезуми тар,
Расонанд осебе бар ҷисму ҷонат.

* * *

Чӣ мулки хурраму доро, диёрам,
Азизу меҳрубону ғамбарорам.
Фароғатбахш чун оғӯши модар,
Зи ту болам, зи ту дар ифтихорам.

* * *

Набошад мисли ту дигар дар олам,
Ту ҳастӣ саҷдагоҳи насли одам.
Ягона дар ҷаҳон бошӣ диёрам,
Баҳои оламеро бар ту додам.

* * *

Пайи хидмат ба мулки дил шитобам,
Чу сафбозаш шабу рӯзе нахобам.
Расад нафъам ба халқи беназирам,
Раҳи беҳбудии кишвар бикобам.

* * *

Накардам хидмате бар халқу кишвар,
Ки гӯё бетараф монанди довар.
Дилам мехост кунам кори савобе,
Бимондам доимо дар вақти дигар.

* * *

Ба пирӣ кас бидонад умри рафта,
Азобаш медиҳад он бахти хуфта.
Намонад осуда хобу хаёлат,
Бигардад ҷисму ҷонат санги суфта.

* * *

Чӣ осон мерасад даврони пирӣ,
Зи умри рафтаат панде нагирӣ.
Бимонад одамӣ дар доми ғафлат,
Кашад дар доми худ дарди асирӣ.

* * *

Мақоми мо баланд асту баланд аст,
Ки ному шӯҳрати мо бегазанд  аст.
Надонад ҳар касе таърихи моро
Ба зиндони ҷамолат басту банд аст.

* * *

Наборад бар сарам санги маломат,
Ки бошад ҷисми ман соқу саломат.
Маранҷондам ягон мӯру малахро,
Надорам тарсу ларзе аз қиёмат.

* * *

Агар мардӣ, ба кас роҳатрасон бош,
Ту доим дар ғами заҳматкашон бош.
Агар шоҳӣ ва ё аҳли раъият,
Ҳамеша дар қатори мардумон бош.

* * *

Мусулмонон, маро маъзур доред,
Ба роҳам тухми тӯҳматро накоред.
Агарчанде, ки ман ринди харобам,
Ба панду ҳикмати ман гӯш доред.

* * *

Ба роҳат интизорам, ёрӣ ҷонӣ,
Зи ҳаҷрат дилфигорам, ёри ҷонӣ.
Битарсам, ки миёни раҳ намонӣ,
Ба аҳдам устуворам, ёри ҷонам.

* * *

Дар ишқи меҳнату дар ишқи ёрам,
Дар ишқи чашмаю рӯди диёрам.
Дилам хоҳад фақат фасли баҳорон,
Ҳавас бар кишвари дигар надорам.

* * *

Бигӯям, шукр, дар рӯйи заминам,
Ба аҳли хонавода бас қаринам.
Надорам тоқати дарди ҷудоӣ,
Ба ин ҳарфе, ки ман гуфтам, аминам.

* * *

Замоне дар ҷаҳон Гулзодае буд,
Гаҳу ногаҳ ба кайфи бодае буд.
Гирифта ибрате аз панди Хайём,
Ба шеър устоду фарди соддае буд.

* * *

Нaдодам умри худ беҳуда барбод,
Бикардам зиндагӣ ҳушёру озод.
Биҷустам дурӣ аз мардони беғам,
Бикардам гӯшаи мулки худ обод.

* * *

Туфу гуфтам ба ин чархи ҷафокор,
Туфу гуфтам ба ин рӯзи пурозор.
Гаҳе рӯзам сафеду гаҳ сияҳ буд,
Туфу гуфтам ба ин ҳоли гирифтор.

* * *

Гаҳе солим, гаҳе бемор будам,
Гаҳе хобу гаҳе бедор будам.
Басе дидам пуриву гоҳ хорӣ,
Ба марги ногаҳонӣ зор будам.

* * *

Ману ту дар миёни ғурбат астем,
Ба қавли душмане беҳурмат астем.
Надонем ҳолати душман чӣ бошад,
Ба назди қавми худ дар иззат астем.

* * *

Набошад мактаби ахлоқу одоб,
Набинӣ мактабе ин гуна дар хоб.
Ҳаёт бошад ба ин мактаб асосе,
Чунин ганҷ аз китоби зиндагӣ коб.

* * *

Агар хоҳӣ, ки ту бошӣ хирадманд,
Ба хониш ҳам ба дониш бош дилбанд.
Зи таҳлилу зи тақриз гашта бино,
Ба аҳли олиму фозил бипайванд.

* * *

Машав ғарра ба молу давлати худ,
Маноз аз сурату аз савлати худ.
Шавад рӯзе, зи ту ҳарду бимонад,
Бидон то зинда ҳастӣ, иззати худ.

* * *

Ҳавои тоза дорад фасли сармо,
Равонбахши тану ҷони ҳазорҳо.
Намоем сайри кӯҳу дашту саҳро,
Кунад сарбанд аз як рӯду дарё.

* * *

Ҳиҷоби сап-сафед дорад зимистон,
Чу мову ту умед дорад зимистон.
Бишинад, то бубахшад одилона,
Аз ин бахти сафед дорад зимистон.

* * *

Чӣ ҳусни дилкушо дорад зимистон,
Ба ҳар дарде даво дорад зимистон.
Агарчӣ шаб дарозу рӯз кӯтоҳ,
Ба гӯши ҷон наво дорад зимистон.

* * *

Бибораd қадбақад як барфи заррин,
Ба мисли ҷогаҳе нармасту паррин.
Барои қитъае ҷойгоҳи хоб аст,
Бубинад ҳар шабе як хоби ширин.

* * *

Магӯ ки барф сард асту ҷафокор,
Барои мову ту бошад шифокор.
Зи оби тозааш ту баҳра бардор,
Ки рӯзе мешавад бар ҳама даркор.

* * *

Макун аз фасли дай бар ман шикоят,
Кунам онро ба ҷону тан ҳимоят.
Аз он бошад фаровонӣ ба ҳосил,
Туро созам ба фасли хуш ҳидоят.

* * *

Ҳаво софу мусаффо оби дарё,
Таҷассум кардааст он ҳусни дунё.
Табиат гашта ба зебою зебо,
Барои мову ту фасли тамошо.

* * *

Бигардад чархи гардун бо маромаш,
Набинӣ луқмаи хоме ба комаш.
Агарчӣ сӯхтану ҳам сохтанаш ҳаст,
Ба сар афтад гаҳе санге зи бомаш.

* * *

Бихоҳам, ки шавӣ аз ғам ту озод,
Бинои зиндагиро созӣ обод.
Бикун коре ки он арзанда бошад,
Бизӣ охир ту ҳам чун одамизод.

* * *

Аз он ҳарфу ҳиҷоям гаштӣ ношод,
Бикун коре, набошӣ кам зи Фарҳод.
Яқин донам, ки аз карда пушаймон,
Бикун парвозҳо чун мурғи озод.

* * *

Нагирад душмане дар хонаи худ,
Накарда хидмати хирсонаи худ.
Чунин бошад дуои ҳар яки мо:
Набинад навҳаи ҷононаи худ.

* * *

Ба кӣ гӯям аламҳои диламро,
Муаммои гарони манзиламро?
Нашуд ободу зебо дар ҳаётам,
Ба ғорат бурданд обу гиламро.

* * *

Куҷо шуд шӯҳрати пешинаи ман,
Шукӯҳу шавкати деринаи ман?
Намонд дар зиндагӣ ному нишоне,
Ба ҷуз содда ғаме дар синаи ман.

* * *

Агар бекор гардӣ, хору зорӣ,
Шуда расми замона мардикорӣ.
Фурӯши меҳнатат бар мулки дигар,
Илоҷи дигаре оё надорӣ?

* * *

Масозам нокасеро ман ситойиш,
Ва ё шоҳу гадоеро навозиш.
Чу дӯсту душманамро мешиносам,
Раво бошад бо ҳар як коре санҷиш.

* * *

Ду дасту дидаам саргарми кор аст,
Сари дардолудам дар зери дор аст.
Нависам номае бар насли фардо,
Ниҳоли навбарам дар зери бор аст.

* * *

Дар ишқи ҷонгудозат ман бисӯзам,
Ба роҳи гулшанат ман дида дӯзам.
Надонам, ки куҷо рафтӣ, кай ойӣ?
Зи ҳиҷронат сияҳ гардида рӯзам.

* * *

Ба дарди бедавоям ту давоӣ,
Ба чашми нобиноам ту сафоӣ.
Набошад бе ту як дам зиндагонӣ,
Саранҷоми ҳаёти ман ҷудоӣ.

* * *

Бигаштам ноаён гирди нигорам,
Наход охир шавад фасли баҳорам?
Ҳанӯз ҳам файзи гулзорам нарафтаст,
Биё, бар роҳи ту ман интизорам.

* * *

Ба ман ҳар санги ту худ як ҷаҳон аст,
Ба мисли тахти шоҳони замон аст.
Ҳар оне ки дар он ман менишинам,
Сари пастам баланд аз осмон аст.

* * *

Бихоҳам, ки набошад кулфату ғам,
Яке аз дигаре ҳаргиз мабод кам.
Ҳама халқи ҷаҳон гардад баробар,
Ҳама дар зиндагӣ бошанд хуррам.

* * *

Битарсад одамӣ аз маргу мурда,
Ба ҷогаҳ асту хоби марг бурда.
Ки умри мову ту бошад амонат,
Машав асло зи марги худ озурда.

* * *

Ватан, ман ору номуси ту ҳастам,
Ватан, ман марди дилсӯзи ту ҳастам,
Ба ҳар хору хасат дилбастаам ман,
Қасам бар ҷон, ки сарбози ту ҳастам.

* * *

Ватан, бо номи ту панҷ вақт намозам,
Биболам бо туву бо ту бинозам.
Дуои ман барои шӯҳрати туст,
Ту бошӣ дар ҷаҳон розу ниёзам.

* * *

Биёмад барфу олам зери он монд,
Зимистон аз вурудаш номае хонд.
Ҳама хуррам зи пайғоми табиат,
Ғаму кулфат зи қалби одамон ронд.

* * *

Зи дасти нокасе то кушта гаштан
Ва ё умре зи дасташ гушна гаштан,
Насозем бо чунин тақдири носоз
Даруни баҳри бетаг ташна гаштан.

* * *

Ҳама бехуд ба гирди деги оshанд,
Барои мизи мансаб дар талошанд.
Гумон созанд, мансаб тахту бахт аст,
Ҳама бегона аз қавми кӣ бошанд?!

* * *

Мақоми ҳокимӣ бар ӯҳда дорад,
Зи чашми сарди ӯ бин, жола борад.
Ба наздаш одамӣ камтар зи мӯр аст,
Чӣ кӯдак, пиракӣ фарқе надорад.

* * *

Зи қисмат меравад ҷону ҷаҳонат
Намонад дар ҷаҳон ному нишонат.
Аз умри рафтаат андешае кун,
Бикун коре ба дил армон намонад.

* * *

Ки мурғи беҳунар ҳаргиз нахонад,
Агар хонад, чизеро ҳ надонад.
Шунав ту хониши зебои булбул,
Ба гӯшат то абад боқӣ бимонад.

* * *

Чӣ форам ин насими навбаҳорон,
Гирифта оламеро лолазорон.
Тамоми ҷону ҷонвар зинда гардад,
Шавад ҷойи тамошо боғу бӯстон.

* * *

Шавад тӯйи табиат дар баҳорон,
Шавад хуррам замин аз оби борон.
Ҷаҳон пӯшад ба тан пероҳани сабз,
Ҷило бахшад ба он хуршеди тобон.

* * *

Ту гӯӣ, оламе бозори гул шуд,
Дили бадмасти мо хуммори гул шуд.
Нишоти тоза дорад рангу бӯяш,
Пари рухсори мо хушдори гул шуд.

* * *

Ба соҳил кай бигунҷад оби дарё?
Занад худро ба сангу кӯҳу саҳро.
Зи ишқи фасли гулҳо гашта Маҷнун,
Гирифта раҳ ба сӯи мулки Лайло.

* * *

Ба шохи ҳар гуле як булбуле ҳаст,
Ба ҷисми булбуле дон, як диле ҳаст.
Дили булбул ба гул гардида шайдо,
Барои ошиқон хуш манзиле ҳаст.

* * *

Шикасти қимати гул дар баҳорон,
Ба сар гулдаста доранд он дарахтон.
Табиат рангу бӯйи тоза дорад,
Чу ҳар лаҳза биборад резаборон.

* * *

Баҳори ҷовидони ман ту ҳастӣ,
Хумори ҷовидони ман ту ҳастӣ.
Набошад бе ту як дам зиндагонӣ,
Ҳисори ҷовидони ман ту ҳастӣ.

* * *

Чӣ фасли дилкушо ҳастӣ, баҳорон,
Ба ҳар дарде даво ҳастӣ, баҳорон.
Ту фасли дилрабоӣ чун арӯсон,
Ба чашми мо зиё ҳастӣ, баҳорон.

* * *

Ба фасли қаҳратон гаштӣ музаффар,
Зи файзат оламе гардад мунаввар.
Ба ҳуснат қудсиён ошиқ шудастанд,
Гирифта бӯйи гул ҳастӣ саросар.

* * *

Равам ҷое, ки он ҷо ғам набошад,
Нишон аз оламу одам набошад.
Гулистонею як соҳибҷамоле,
Дилам аз ишқи покаш кам набошад.

* * *

Дили бемори манро марҳаме нест,
Дар ин ғамхонаам як маҳраме нест.
Намедонам, ба кӣ гӯям сирамро,
Дар ин олам маро як ҳамдаме нест.

* * *

Бало борад ба сар аз чархи гардун,
Дилу дида зи ҷабраш гашта пурхун.
Макони дарду ғам гашта тану ҷон,
Бихоҳам, ки равам аз давра берун.

* * *

Зи мо рӯ тофта айёми равшан,
Ба дида кай битобад ранги гулшан?
Ту гӯӣ, дар баҳор фасли зимистон,
Набошад гармие дар ҷисму дар тан.

* * *

Табиат мешавад ҳар лаҳза дигар,
Гоҳе барфу гоҳе борон шавад сар.
Ки ранги вазъи имрӯзи замона
Дили моро ба ваҳм орад саросар.

* * *

Кучо донам, мусулмон ё ки кофир,
Ҳама пиру ҷавон бошад мусофир.
Замин бошад макони ҳамаи мо,
Ки рӯзе меравем ба ҳукми тақдир.

* * *

Надӯзам чашми худ бар моли дунё,
Қаноатро зи давлат дида авло.
“На худ хӯрду на бар кас дод” бархе,
Бидидам ҳоли зори шахси доро.

* * *

Зи ҳадди одамӣ берун нарафтем,
Зи қалби пуралам ҳарфе нагуфтем.
Ба ризқи додааш карда қаноат,
Ба боғи зиндагӣ чун гул шукуфтем.

* * *

Агар афтам, шумо дастам бидоред,
Зи лоқайдӣ паси сарро нахоред.
Расад рӯзе, бигирам дӯстро даст,
Чунин панде ба гӯши худ бидоред.

* * *

Аё деҳқони пуркору забардаст,
Зи дастат дашт бо гулзор пайваст.
Ту ҳастӣ ҷонфидои аҳли олам,
Гулистон шуд кучо даште агар ҳаст.

* * *

Баҳор омад, замин пурлола гардид,
Найи чӯпонӣ ҳам пурнола гардид.
Бишуд иди бузурги сабзаву гул,
Дилам бар ишқи дилбар вола гардид.

* * *

Баҳор омад, ба роҳаш дида медӯз,
Ба ишқаш меҳри тобон дар табу сӯз.
Бихезад оламе аз хоби нозаш
Расонад муждае аз Иди Наврӯз.

* * *

Шавӣ халқи азизам, хонаобод,
Бигардӣ доимо аз ғусса озод.
Ба ту бахти накӯ гардад муяссар,
Сари сахти ту доим дар амон бод.

* * *

Бизӣ, эй миллати овозадорам,
Зи ту мебошаму дар ифтихорам.
Манам тоҷик, ҷигарбанди ту ҳастам,
Ба шону шӯҳратат саҳме гузорам.

* * *

Ба кӯят саҷда орам, эй диёрам,
Ба поят сар гузорам, эй диёрам.
Дар олам ту ягона сарпаноҳам,
Ту ҳастӣ ғамбарорам, эй диёрам.

* * *

Ба сад дардам шифо шуд обу хокат,
Шикаст шаҳди асал ас себу нокат.
Абири боғу роғи хушҳавоят
Бубахшад бар дилу дида назокат.

* * *

Бирақсад оби дарёи Зарафшон,
Шавад аз файзи он боғҳо гулафшон.
Расад дасташ ба домони Бухоро,
Кунад ободу зебо мулки дӯстон.

* * *

Зарафшоно,Зарафшоно, Зарафшон,
Ту мондӣ ёди нағзе аз Хуросон.
Туро ёрони мо дар ёд доранд,
Куҷо таърихи ту бо гуфтан осон?

* * *

Зи тифлӣ оби ту дармони мо буд,
Ҳаловатбахши ҷисму ҷони мо буд.
Агар обат бихушкад, сӯзат олам,
Зарафшон,  соҳилат бустони мо буд.

* * *

Зарафшон, роҳи ту дигар нагаштааст,
Зи умрат соли бисёре гузаштааст.
Ту ҳоло навҷавонию ҷавонӣ,
Сари роҳат харидорон нишастааст.

* * *

Зи обат баҳраҳо гирад Самарқанд,
Томоми боғу роғаш бо ту пайванд.
Ту ҳастӣ ҳавзаи оби равонаш,
Ки тамъи меваащ авлотар аз қанд.

* * *

Замоне мегузаштӣ аз Бухоро,
Бидода шаҳру деҳашро ту оро.
Кунун аз ту фақат ному нишонест.
Бихушкад оби ту дар коми кӯлҳо.

* * *

Ту шаҳри дилписанд астӣ, Бухоро,
Ҳамеша бегазанд астӣ, Бухоро!
Ту будӣ маркази мулки Хуросон,
Ту шаҳри Борбанд[9] астӣ, Бухоро!

* * *

Ба меҳнат умри ту гардида моил,
Зи хоки тира рӯёнӣ ту ҳосил.
Ту донӣ рози пинҳони заминро,
Ту бошӣ бо замин ҳамрозу ҳамдил.

[9] Аҳмади Борбанд – шоири охири асри XIX ва аввали асри XX.

* * *

Зи тафти қалби гармат дона рӯяд,
Зи оби сарди борон дида шӯяд.
Шавад ҳосил фаровон фасли гармо,
Гурусна аз паи ту чора гӯяд.

* * *

Аё Шаҳрӯд, камарбанди Бухоро,
Диҳӣ шаҳри куҳанро зебу оро.
Зи обат хӯрда Сомониву Сино,
Занӣ сар ҳар даме бар санги хоро.

* * *

Аё шаҳрам, ҷигарбанди ту Сино,
Ба оғӯшат кушод ӯ чашми бино.
Агарчӣ дар бари ту кам бизис ӯ,
Намуд номи туро машҳури дунё.

* * *

Аё шаҳрам, ба дидори ту зорам,
Зи ту берун равам, дон, хору зорам.
Ту ҳастӣ ҷисми манро ҷони ширин,
Ба ту охир бибахшам баргу борам.

* * *

Шавад бо дӯстӣ олам мунаввар,
Шавад бо дӯстӣ ободи кишвар.
Ба қадри ваҳдати миллӣ расем мо
Шавад бо дӯстӣ озод кишвар.

* * *

Аё шаҳрам, фазоят дилкушо аст,
Ҳама коху биноят дилрабо аст.
Ба чашмам ту ягон айбе надорӣ,
Ҳамон лафзи чу қандат бебаҳо аст.

* * *

Бухорои шарифу номдорам,
Зи ту менозаму пурифтихорам.
Зи ту бошад маро ному нишоне,
Ба ту ман меҳри беандоза дорам.

* * *

Аё шаҳрам, зи ту дурӣ наҷӯям,
Раҳи мулки дигар ҳаргиз напӯям.
Ту ҳастӣ баҳри ман танҳову танҳо,
Сири дилро ба бегона нагӯям.

* * *

Ба дардам дардмон астӣ, Бухоро,
Замин ман, осмон астӣ, Бухоро.
Мақоми ту расида то Сурайё,
Ту боғу бӯстон астӣ, Бухоро.

* * *

Агар ҳозир ба ҳарфи ман диҳӣ гӯш,
Маро ҳаргиз насозӣ ту фаромуш.
Ба васфат шеъри бисёре бигуфтам,
Биё, охир туро гирам ба оғуш.

* * *

Зи ишқи поки ту чун гул шукуфтам,
Тамоми рози худ бар ту бигуфтам.
Биё, як дам дили манро бар даст ор,
Чизи беҳударо аз ту нуҳуфтам.

* * *

Ту сӯзу сози ишқи дилбар омӯз,
Ки бошад зиндагият иди Наврӯз.
Макун коре, ки орад хору зорӣ,
Ба гирди шамъи ҳуснаш рӯзу шаб сӯз.

* * *

Биё, ки манзилам сард аст, дилбар,
Дилам ғарқобаи дард аст, дилбар.
Надорад раҳму шафқат фасли сармо,
Биё, ки ранги ман зард аст, дилбар.

* * *

Ба ҳоли ман бикун ту раҳму шафқат,
Ки кайҳо додаам аз даст тоқат.
Шудам бемору зор аз дасти ҳаҷрат,
Зи хобу хези ман бегона роҳат.

* * *

Ба ҳоли зори ман коре надорӣ,
Магар бо ман сари ёрӣ надорӣ?
Хаёли ман гаҳе гардад парешон,
Ту дил бар дигаре дорӣ, надорӣ?

* * *

Ба зери пойи ту сар мегузорам,
Дигар ёри диллороме надорам.
Дили бечораам майли ту дорад,
Ба ҳусни беқиёсат зору зорам.

* * *

Зи ту маъмуру шод аст хонадонам,
Зи ту осойиши ҳар ду ҷаҳонам.
Чӣ мешуд ҳоли ман, гар ту набошӣ?
Ту ҳастӣ, ман ғаму кулфат надорам.

* * *

Ба майдони ҷасорат гар дароӣ,
Гиреҳи зиндагиро мекушоӣ.
Агар созам ба ту ман раҳнамоӣ,
Ҷаҳонеро ба ин олам намоӣ.

* * *

Магӯ, ки меравӣ рӯзе зи олам,
Агарчи будаӣ ту нақши одам.
Машав садди раҳи дуру дарозам,
Барои кору борам фурсатам кам.

* * *

Замона нокасонро сарварӣ дод,
Басо кӯру каронро бартарӣ дод.
Ба зиндон маҳкуманд мардони оқил,
Барои ҷоҳилонаш доварӣ дод.

* * *

Чӣ нолӣ аз ҷафои чархи гардун?
Дили бечораам гардида пурхун.
Ба дарди худ чӣ гуна чора ҷуям?
Чу худ девонаам бадтар зи Маҷнун.

* * *

Ба аҳдам устуворам, дилбари ҷон,
Ба ишқат хору зорам, дилбари ҷон.
Накардам баҳри ту ман бевафоӣ,
Туро ман дӯст дорам, дилбари ҷон.

* * *

Ба ҳар ҷо мегузорам нақши худро,
Куҷо пинҳон кунам он рашки худро?
Бихонам гаштаю баргашта таърих,
Ба ёдат ҷорӣ созам ашки худро.

* * *

Аё шаҳри навину дилпазирам,
Чӣ ободу чӣ зебо, беназирам.
Ту ҳастӣ ҷои сайру ҳам тамошо,
Ба ҳусни чун арӯси ту асирам.

* * *

Гаҳе аз ту равам бар шаҳри дигар,
Шавад андӯҳу ғам шояд, ки камтар.
Кашад бар сӯи худ боз ишқи дилбар,
Ҳаёти ман шавад аз буда батар.

* * *

Надорам тоқати аз ту ҷудоӣ,
Набошад ишқи ман хому ҳавоӣ.
Бубин, ман ҳам ба мислат бандаи ишқ,
Ту кай донӣ тариқи ошноӣ?

* * *

Куҷо берун равам аз қалби покат,
Ба чашмам тӯтиё ҳар зарра хокат.
Ҳамин ҷо зодаму хокам дар ин ҷо,
Ки борҳо хушкида сабзам чу токат.

* * *

Агарчӣ ҷисми ман бошад тавоно,
Шиносад ҷомеа чун марди доно.
Ба назди дӯсту душман мисли кӯдак,
Хамӯшу нотавоне бинӣ, ҷоно.

* * *

Макун ишқи маро ту хору зоре,
Надорам бо касе ман кору боре.
Бубин, доим гирифтори ту ҳастам,
Набошам бар кафи пои ту хоре.

* * *

Надорам бар касе ҳаргиз хусумат,
Насозам бар касе беҳуда тӯҳмат.
Ҳама бошад сазовори замона,
Барои ҳар яке ҳастам ба хидмат.

* * *

Аё дӯстам, манам пазмони дидор,
Ба кору бори ҳаррӯза гирифтор.
Дилам хоҳад, ки дар назди ту бошам,
Шудам аз дурият бисёр безор.

* * *

Гаҳе аз кори олам бенизомам,
Гаҳе хушвақту шоду хушмаромам.
Ҳаёт ҳамранги дарёи хурӯшон,
Гаҳе дорад зиён, гоҳе ба комам.

* * *

Бикун бовар, зи ту ҳаргиз наранҷам,
Ту бошӣ давлату ҳам симу ганҷам.
Надорам дар ҷаҳон ман ёри дигар,
Туро ҳаргиз дигарбора насанҷам.

* * *

Худо хоҳад, шавӣ  машҳури дунё,
Ба ту бовар намоям, халқи доно.
Худоё, зиндагият бехатар бод,
Насиби ту бигардад  лафзи гӯё.

* * *

Зи ҳар фатҳат бигардад қалби ман шод,
Шавад шаҳру деҳот зебову обод.
Ба ту қойил бимонад аҳли дунё,
Ту ҳастӣ дарҳақиқат мулки озод.

* * *

Зи лутфат мешавад қалбам гулистон,
Зи ҳуснат мешавад  хона дурахшон.
Ту ҳастӣ дилбари зебову оқил,
Ту ҳастӣ неъмати мулки Зарафшон.

* * *

Аё дилбар, чаро аз ман гурезӣ,
Гаҳе дил мебарӣ, гоҳе ситезӣ.
Ба доми зулфи ту афтодаам ман,
Зи ту тарсад, ки хуни ман бирезӣ.

* * *

Чаро бераҳмӣ ту, эй дилбари ҷон,
Ба дадри ман намегардӣ ту дармон.
Надонам, дар куҷоӣ, камнамоӣ,
Биё, зудтар ба назди ёри армон.

* * *

Ба шабҳо моҳи рахшонам ту ҳастӣ,
Ба ҷисми хастаам ҷонам ту ҳастӣ.
Набошӣ ту, шавад торик дунё,
Манам рӯҳонӣ, иймонам ту ҳастӣ.

* * *

Магӯ, ки нотавону бенавоям,
Ба сад дарди замона ман давоям.
Кунам хидмат ба халқи меҳрубонам,
Ба раҳгумкардагон ман раҳнамоям.

* * *

Магӯ, ки ман ғами дунё надорам,
Магӯ, ки дидаи бино надорам.
Ба сар дорам ҳама ғамҳои инсон,
Зи ғавғои рақибон беқарорам.

* * *

Агар айбе надорӣ, аз кӣ тарсӣ?
Аз пурсишҳои пурсанда наларзӣ.
Напӯшӣ чашми офтобро ба доман,
Агар покӣ, ба сад унвон ту арзӣ.

* * *

Зи меҳнат заррае ҳам кам нагардӣ,
Сари коре гири агар гирӣ ту мардӣ.
Шавад осуда аҳли хонадонат,
Ба дасти ҳеҷ кас мӯҳтоҷ нагардӣ.

* * *

Биё, зудтар, гули садбарги боғам,
Бикобию намоӣ ту суроғам.
Ғарибу бекасу ҳам нотавонам,
Надорад шӯълае шамъу чароғам.

* * *

Ту ҳастӣ ҷаинати ман, деҳи Шавгон,
Барои ҳар яки мо модари ҷон.
Чӣ хушбахтам, дар оғӯши ту ҳастам,
Илоҳо, дар ҷаҳон ту то абад мон.

* * *

Зи номи неки ту дар ифтихорам,
Ту як дастагулӣ дар ин диёрам.
Шавӣ то ботароваттар зи пешин,
Шавам борону пайваста биборам.

* * *

Ба истиқболи рахшоне расидӣ,
Кушода чашми худ олам бидидӣ.
Кунун озодии ту бебадал бод,
Ҳама неку бади олам шунидӣ.

* * *

Бубин, инак ба ҳар як хонадон ид,
Тамоми ҷашну суратро ҷаҳон дид.
Саро мадҳи Ватанро ту баландтар,
Садоят то расад бар гӯши Хуршед.

* * *

Чу шоху бор дорад, он чанор аст,
Вагарна чӯби хушке дар канор аст.
Бигирад дарди моро ёри ҳамдил,
В-гарна зиндагӣ ҳам бебарор аст.

* * *

Сагу гурба ба ҳам ҳаргиз наояд,
Агар ояд, бидон, ҳаргиз напояд.
Яке обу дигар ҳамранги оташ,
Миёни обу оташ сулҳ н-ояд.

* * *

Барори кор хоҳам, ёри ҷонӣ,
Зи кору бори худ ҳаргиз намонӣ.
Ту ҳам дорӣ ба олам касбу коре,
Пайи мақсад ҳамеша ту равонӣ.

* * *

Ба дарди ишқ сӯзӣ, дилбарат ку?
Ба роҳаш дида дӯзӣ, раҳбарат ку?
Ману ту ҳам ба мисли ҷуфти булбул,
Пайи парвоз ҳамболу парат ку?

* * *

Ба олам буданат хуршеди бахт аст,
Зи олам рафтанат як рӯзи сахт аст.
Худо бар ту диҳад умри дарозе,
Сари ҳар санг бо ту беҳ зи тахт аст.

* * *

Куҷо донӣ, чаро ғамгин шудам ман,
Зи рафторат чаро хашмин шудам ман?
Ба ҷойи ваъдагӣ пайдо нагаштӣ,
Ба мисли ҳайкали сангин шудам ман.

* * *

Сарат дарде набинад, эй ҳабибам,
Бадиеро нахоҳам бар рақибам.
Ҳамарӯза бувад касбам дуое:
Илоҳо, доимо бошӣ қарибам.

* * *

Бухоро, дарди ту бар ман аён аст,
Ба дӯшат бори сангини замон аст.
Ба тахтат дӯсту душман буд талабгор,
Ки оҷиз ҳарфи ман аз ин баён аст.

* * *

Аҷаб дунпарварӣ, эй чархи гардун,
Ҷигарҳо аз ҷафоят гашта пурхун.
Надида илтифотат халқи мазлум
Ҳамеша аз ту бошад зору маҳзун.

* * *

Надонад ҳеҷ кас аъмоли моро,
Напурсад ҳеҷ кас аҳволи моро.
Ҳаётему азоби гӯр дидем,
Ки мехоҳанд шикастан боли моро.

* * *

Ту ҳастӣ ҷони ман, ҷононаи ман,
Миёни гулрухон фарзонаи ман.
Набошӣ рӯзаке, қалбам кабоб аст
Чу холи зери лаб, якдонаи ман.

* * *

Ку парвозат, пару болат набошад,
Асоси давлатат, молат набошад?
Дар олам бекасу бечораӣ ту,
Ба гирдат дӯсти ҳамсолат набошад.

* * *

Фаромӯшам макун, эй ёри ҷонӣ,
Зи ҳар чӣ монию аз ман намонӣ.
Бароят садқа бод, ин сар, ки дорам,
Фақат қадри маро худ ту бидонӣ.

* * *

Калиди қулфи дунё илму дониш,
Агар дастат диҳад пайваста хониш.
Расӣ бар қуллаи илми ҷаҳонӣ
Бувад кори заифон дарду нолиш.

* * *

Биё дилбар, ту рашки Моҳу Парвин,
Ба оина назар кун, суратат бин.
Миёни духтарон шоҳи париён,
Агар хоҳӣ, ба тахти ошиқон шин.

* * *

Ту ғамхорӣ ба шогирдон, муаллим,
Дабистонро шуда чун ҷон, муаллим.
Кушоӣ ҳар гиреҳи илму дониш,
Туӣ сарчашмаи ирфон, муаллим.

* * *

Магӯ, ки халқи мо нодору иочор,
Ба даври иқтисоду моли бозор.
Ҳама Ҳотам, ҳама Қоруни даврем,
Ки ҷисму ҷони мо бедарду озор.

* * *

Зи кори худ шудам акнун пушаймон,
Шикастам аҳду паймонро чаро, ҷон?
Қасам хӯрдам ба наздат, ҷону ҷонон,
Пушаймонам, пушаймонам, пушаймон!

* * *

Зимистон буд, зи дар омад баҳорам,
Чароғон гашт чашмони хуморам.
Биё, гуфтам баҳори нозанинам,
Шавад рӯшан зи нурат қалби зорам.

* * *

Шавам борон, сару рӯят бишӯям,
Дили ошуфтаатро ман биҷӯям.
Марав аз худ, зи олам меравам ман,
Ба гӯшат шеъраки ишқӣ бигӯям.

* * *

Расид аз роҳ фасли навбаҳорон,
Бубин, мужда расонад резаборон.
Насим по мезанад ба рақсу бозӣ,
Баланд гардид навои чашмасорон.

* * *

Дамад ҷон дар танам чун сабзаи тар,
Ба ҳар сӯ барфи гул борад саросар.
Баҳор омад, бикун бовар, бародар,
Бигирем зиндагии тоза аз сар.

* * *

Мапиндоред, зору нотавонам,
Чу дарёи хурӯшони дамонам.
Гаҳе аз қаъри соҳил мебароям,
Гаҳе сарпасту сусту пурфиғонам.

* * *

Худовандо, ба ҳоли мо назар кун,
Гумони бад зи қалби мо бадар кун.
Зи фармони ту мо бурун нарафтем,
Бикун раҳму қазоватро дигар кун.

* * *

Намозу ҳам ниёзатро бидонем,
Ҳама амри туро пайваста хонем.
Аз иҷрояш дигар мо сар натобем,
Зи даргоҳат қадам берун намонем.

* * *

Ба сӯят дидаи уммед бандем,
Дили саршори меҳр аз ту накандем.
Ҳама иймон  ба Ту овардаем мо,
Ба ҳоли кофирон дониста хандем.

* * *

Бидонем дӯзаху ҳам ҷаннати ту,
Умедвор қалби мо аз ҳиммати ту.
Раҳо кун мушкили мо дар қиёмат,
Насиби мо бигардад раҳмати ту.

* * *

Аҷаб бахшандаӣ, Парвардигорам,
Умеди зиндагӣ ман аз ту дорам.
Агарчӣ бегунаҳ ҳаргиз набудам,
Ба раҳму шафқатат умедворам.

* * *

Ту моҳу офтобе офаридӣ,
Ту хоку боду обе офаридӣ.
Шавад то қалби мо аз нур рӯшан,
Ба оташ Ту чӣ тобе офаридӣ.

* * *

Ту бошӣ Холиқи ҳар ҷони зинда,
Ҳама инсон ба наздат буда банда.
Ҳуқуқи зиндагӣ додӣ ба мардум,
Худат меъмору олам офаранда.

* * *

Асосӣ зиндагонӣ – дини Ислом,
Ба инсон муждагонӣ – дини Ислом.
Дилу дида зи ту гардад чароғон,
Саводи бандагонӣ, дини Ислом!

* * *

Дили бечораам дар изтироб аст,
Зи дасти ишқи нокомам кабоб аст.
Намедонам, ки ёри ман куҷо шуд?
Куҷо донад, ки ҳоли ман хароб аст.

* * *

Ғами олам тану ҷонро бисӯзад,
Нигоҳи офаташ дар дида сӯзад.
Куҷо ҷои гурез аз дасти зулмаш,
Сияҳ чун шоми торик гашта рӯзат.

* * *

Надорам шиквае аз зиндагонӣ,
Худат феълӣ бади манро бидонӣ.
Гаҳе шӯрам  гаҳе осудаҳолам,
Маранҷ аз ман ба ҷисми ман ту ҷонӣ.

* * *

Гирифтори туям, эй ёри ҷонӣ,
Пас аз ман ҳам ту бояд зинда монӣ.
Дилам хоҳад, ки ҳамроҳи ту бошам,
Ки ишқи мову ту ҳаст ҷовидонӣ.

* * *

Набинад ҳеҷ кас дарди ҷудоӣ,
Нагӯям бар касе ҳарфи ҳавоӣ.
Ҳама бошад ба ҷуфти хеш содиқ,
Шавем ҳар як ба ёри худ фидоӣ.

* * *

Машав ғарра ба молу давлати худ,
Бишав оқил, бигард аз савлати худ.
Сароб аст давлату ҳам савлати ту,
Расад рӯзе ту донӣ иллати худ.

* * *

Касу нокас набошад ёри ҷонӣ,
Дар олам бешумор аст дӯсти нонӣ.
Набошад арраву ранда баробар,
Ки бояд фарқи ҳар дуро бидонӣ.

* * *

Насозад шоире даъвои шӯҳрат,
Кунад рӯзу шабон пайваста меҳнат.
Қалам аз дасти он ҳаргиз наафтад,
Ки бошад беҳтарин сарбози миллат.

* * *

Ту донӣ дарду озори диламро,
Ту донӣ ҳам сураҳи манзиламро.
Чаро аз баҳри дилпурсӣ наоӣ?
Худат парвардаӣ хоки гиламро.

* * *

Ту ҳастӣ сарвару ҳам  сарпаноҳам,
Худат ғамхори имрӯзу пагоҳам.
Зи дасти ту бувад осоиши ман,
Биё, наздам, шунав ту дарду оҳам.

* * *

Ду-се рӯз аст, аҳволам хароб аст,
Ки чашмони хуморам пур зи об аст.
Нагаштам сер зи дидори парирӯ,
Дили бечораро ёфтан савоб аст.

* * *

Худоё, бандаат танҳо набошад,
Агар бошад, зи ин дунё набошад.
Дилам торс мекафад аз тарси ёрам,
Агар дар хона он барно набошад.

* * *

Зи дарди ишқ сӯзад ҷисму ҷонам,
Ки гӯё рафтааст ҷону ҷаҳонам.
Ба чашмам оламе гардад хароба,
Надонам, дар куҷо ман сар бимонам.

* * *

Сарам гардад ба мисли чархи гардун,
Зи базми ёру дӯстон монда берун.
Зи кирдорам биранҷид ёри ширин,
Ғами деринаам гардид афзун.

* * *

Биё, ҷонам, ки ҷоят дар дили ман,
Ба ту пешкаш макону манзили ман.
Марав аз ман, ки ҷонам мебарояд,
Агар хорам, ту шав доим гули ман.

* * *

Шикоят кай барам аз ту, парирӯ,
Ту ҳастӣ дилбари зебову хушрӯ.
Ба гирдат чарх занад сад ошиқи зор,
Худам гардам ба ту дилдору дилҷӯ.

* * *

Гузашт аз сар баҳори навҷавонӣ,
Куҷо рафту чӣ шуд бар ӯ, надонӣ.
Фақат донам баҳори гулфишон буд,
Ҷавонию ҷавонию ҷавонӣ.

* * *

Бубин, умри азизи ман адо шуд,
Надонам, ки пас аз онҳо чиҳо шуд.
Чу роҳам мебарад бар мулки нестӣ,
Ҳама буду набуди ман куҷо шуд?

* * *

Биё, ҷоно, каме бо ҳам бубошем,
Дар ин олам каме беғам бубошем.
Мисоли шамъ умри мо шавад кам,
Биё, ки доимо ҳамдам бубошем.

* * *

Надорам тоқати дурӣ, паризод,
Насиби ту бувад бахти худодод.
Биё, як дам лаби дарё нишинем,
Ману ту аз дигар модар намезод.

* * *

Ту ҳастӣ ҷони ман, ҷононаи ман,
Миёни дилбарон фарзонаи ман.
Зи ту шодам дар ин базми шабона,
Ту ҳастӣ шаҳсутуни хонаи ман.

* * *

Ҷаҳон рӯзе зи мову ту бимонад,
Касе моро дигар бора нахонад.
Агар номи накӯ аз худ бимонем,
Ҳамон вақт қадри моро пас бидонад.

* * *

Нагаштӣ олиме, ту одаме шав,
Ба ёрон ҷонфидову ҳамдаме шав.
Маҷӯ аз дигарон як дам ҷудоӣ,
Барои ёри худ ту марҳаме шав.

* * *

Ба инсон давраи пирӣ ғамангез,
Ба рӯзи неку бад гардӣ ту парҳез.
Ба чашмат бад намояд дӯсту душман,
Ба дарди бедаво гардӣ саҳархез.

* * *

Нагардад чашми ту аз зиндагӣ сер,
Агарчӣ мерасад дар синни шамшер.
Барои зинда мондан дар талошӣ,
Бимондӣ бар ҷаҳон беҳуда ту меҳр.

* * *

Пару болам ту ҳастӣ, дилбари ҷон,
Сари фолам ту ҳастӣ, дилбари ҷон.
Туро дар умри худ танҳо намонам,
Сари солам ту ҳастӣ, дилбари ҷон.

* * *

Надорам шиквае аз ёри ҷонӣ,
Зи мардони барӯманди ҷаҳонӣ.
Ҳама бори замон бар дӯши онҳост,
Бикӯш аз чашми онҳо дур намонӣ.

* * *

Набошад ёри ман ранҷидахотир,
Ва ё дар ғайби ман гардад хавотир.
Ба фармони дилаш омода ҳастам,
Насозам мо гуноҳ аз хеш содир.

* * *

Напояд моли дунё, эй бародар,
Равад рӯзе зи дастат он саросар.
Шавӣ бечораву бе тангаи зар,
Бимонӣ дар Ватан ҳам дар паси дар.

* * *

Набинад ҳеҷ касе умри дубора,
Нагардад кӯдаке дар гоҳвора.
Бикун коре, нагардӣ то пушаймон,
Ба маргу мурда ёбӣ кай ту чора?

* * *

Ғаму андӯҳи дунё бори сар шуд,
Тани ранҷури манро дарди сар шуд.
Набошад ҳеҷ халосӣ аз чунин бор,
Ки ин рӯзаш аз он рӯзаш батар шуд.

* * *

Шаби ҳиҷрон даруни оташам ман,
Азоби ду ҷаҳонро мекашам ман.
Зи ҳолам бехабар он ёри бемеҳр,
Ки баҳраш рӯзу шаб заҳмат кашам ман.

* * *

Ба қадри зиндагӣ бояд расидан,
Заволи умри худро то ба дидан.
Барои мову ту ҳар дам ғанимат,
Савоб аст аз мане панде шунидан.

* * *

Маро бар доми зулфат банда кардӣ,
Ба ишқи поки худ оганда кардӣ.
Кунун аз ту надорам ман ҷудоӣ,
Миёни ошиқон шарманда кардӣ.

* * *

Аё дилбар, маро девона кардӣ,
Диламро бурдию бегона кардӣ.
Фитода байни мову дил ҷудоӣ,
Намедонам, ки кай ҷонона, гардӣ?

* * *

Чаро ҳаргиз надорӣ сабру тоқат,
Надорӣ бар касе меҳру садоқат?
Нагардӣ бар касе дӯсту бародар,
Ба дил мепарварӣ ҷаҳлу адоват?

* * *

Ба ту ҷангу ҷадал гардида одат,
Ба сар рӯзе биборад санги офат.
Бипарто одати деринаатро,
Шавӣ рӯзе ту ҳам побасти кулфат.

* * *

Намонад  дар ҷаҳон як одами зор,
Зи дасти одаму олам шуда хор.
Ҳама бар ӯ шавем ғамхору мушфиқ,
Набинад аз хасе ӯ дарду озор.

* * *

Агар мардӣ, зи некӣ даст мабардор,
Зи ҳоли мардумон бошӣ хабардор.
Зи худбину зи худхӯр дур мегард,
Набошад то касе дар зиндагӣ хор.

* * *

Фурӯ мондем зи бори зиндагонӣ,
Бикун шукре, ки дар раҳ ту намонӣ.
Аз ин роҳе, ки пур аз печу тоб аст,
Ба осонӣ гузаштан кай тавонӣ?

* * *

Худо гӯ, ки зи по ҳаргиз намонӣ,
Ғарибу бенаво худро намонӣ.
Зи сахтиҳои роҳат бохабар бош,
Гумон созӣ, ки худ баҳри дамонӣ.

* * *

Зи бозиҳои қисмат бохабар бош,
Ба базми ошиқон огаҳназар бош.
Набошад ҷоми май олудаи заҳр,
Зи ёру душмани худ пухтатар бош.

* * *

Ба ту роҳи сафед, эй нури дида,
Нидои қалби моро ҳам шунида.
Бирав дар хидмати Модар Ватан ту,
Ба қадри хоки он умре расида.

* * *

Гузашт давру ба дасти ман асо дод,
Барои аз ҷаҳон рафтан дуо дод.
Вале дил мисли сабза пурумед аст,
Барои зистанам фурсат Худо дод.

* * *

Надорам ман умед аз умри монда,
Ки ҷисму ҷони манро дард ронда.
Гумон созам, ки ризқам канда гардад,
Барои зистанам вақте намонда.

* * *

Гузашт умру зи қисмат ман нанолам,
Худоро шукр, бо ризқи ҳалолам.
Каму камбудиеро ман надидам,
Ҳама доштанд хабар аз ҳолу молам.

* * *

Ҳаёт пайваста мегардад фаровон,
Шуда кишвар саросар боғу бӯстон.
Ҳама саргарми кору меҳнат астанд,
Бидида чашми мо гардад дурахшон.

* * *

Кай аз карда шавӣ охир пушаймон?
Шикастӣ сад ҳазорон аҳду паймон.
Зи кайфи бода мегардӣ чу Маҷнун,
Шуда Лайлои ту ҳайрону гирён.

* * *

Қаду қомат ба мисли кӯҳи Помир,
Ки ахлоқат ба мову дигарон сир.
На коҳиву на донӣ, гандумӣ ту,
Ба суди одамӣ кай ҷӯӣ тадбир?

* * *

Дилам шайдои шеъри тозаву тар,
Кунам иншо ба мадҳи ишқи дилбар.
Шавад шевотарин шеъре ба дунё
Шукуфат қалби ӯ чун лола аз сар.

* * *

Аё ҷонам, яке зебопарастам,
Бирафтӣ як замон аз чанги шастам.
Диламро бурдию аз ман гурезӣ,
Зи кайфи ишқи ту ҳаррӯза мастам.

* * *

Маро бебода карда ишқи покат,
Фаровард аз само бар рӯи хокат.
Шудам ошиқ, маро маъзур дорӣ,
Бад-он рухсораи ҳамранги нокат.

* * *

Ба роҳат рӯзу шаб ман интизорам,
Биё, зудтар ба наздам, гулбаҳорам.
Гули парвардаам ту ҳастию ту,
Шавам борони раҳмат, бар ту борам.

* * *

Зи ҳар кӣ монаму аз ту намонам,
Ғарибу бекасу ҳам нотавонам.
Дигар ёри қарине ман надорам,
Ту ҳастӣ сарпарасти ҷисму ҷонам.

* * *

Гули рӯят бувад ҳусни баҳорон,
Бибахшат рангу бӯяш резаборон.
Шудам шайдо ба ҳусни дилрабоят,
Зи ишқи ҷонгудозат дил хурӯшон.

* * *

Азоби ман зи ишқи бебарорам,
Зи сӯзи қалби худ дуде барорам.
Шудам пазмони чашмони хумораш,
Равад аз умри ман фасли баҳорам.

* * *

Куҷо рафтӣ, куҷо рафтӣ, нигорам,
Зи ҳаҷрат нотавону дилфигорам.
Дилам меход ба назди ман ту бошӣ,
Туро аз ҷони худ боло гузорам.

* * *

Ба ишқат ҷону тан сад раҳ фидо бод,
Ба дарди бедавои ман даво бод.
Набошад зиндагӣ бе ишқи покат,
Ки ёри мо ба ду дунё Худо бод.

* * *

Муҳаббат худ давои дарди мо бод,
Ба ин ранҷи накӯ ҷонҳо фидо бод.
Ба ишқи ёри худ ман зинда ҳастам,
Ба ҳаққи дилбарам садҳо дуо бод.

* * *

Аё Модар, ба ман ҷон офаридӣ,
Ки худ ранҷу азоб арзон харидӣ.
Ҳама қарздор ба назди модари ҷон,
Зи умрат пораеро ту буридӣ.

* * *

Адо созӣ ту фармони Худоро,
Бидодӣ дар ҷаҳон садҳо даҳоро.
Ту охир насли одам офаридӣ,
Ба ҳар ҳар як медиҳӣ асли баҳоро.

* * *

Маранҷон модари чун мушти парро ,
Макун дар зери по он тоҷи сарро.
Бароят ҷони худро ӯ фидо кард
Куҷо дидӣ чунин меҳри падарро?

* * *

Бигир ҷоно, дуои модари худ,
Бирас доим ба қадри ҳамсари худ.
Ки ҳар ду баҳри ту мушкилкушоянд,
Бубардор гар тавонӣ бар сари худ.

* * *

Ҳаёти мо ба дӯши модарон аст
Ки барои зиндагӣ беҳад гарон аст.
Ҳама буди набуди рӯзи сахте,
Чу меросӣ ба дӯши модарон аст.

* * *

Насиҳатҳои модарро ба дил дор
Зи ҳарфе, ки бигӯяд, бахра бардор.
Магӯ, ки ҳарзаҳои беҳуда он
Ки рӯзе мешавад бисёр даркор.

* * *

Бикӯш, модар зи ту ҳаргиз наранҷад,
Туро борҳо зи тахти дил бисанҷад.
Агар аз ту бимонад қалби модар,
Дигар дар оламат ҳаргиз нагунҷад.

* * *

Барои модарат ҷонро фидо кун,
Дили озурдаи ӯро даво кун.
Нагардад сер зи дунёи ситамгар,
Зи доми ғам варо зудтар раҳо кун.

* * *

Набинам ман туро олудаи ғам,
Зи аҳли ин ҷамоа заррае кам.
Ту ҳастӣ модаре, фарзандӣ инсон,
Биист бар аҳди худ содиқ ва маҳкам.

* * *

Надорам тоқати дурӣ, ҷудоӣ,
Надонам, ки ту ин дам дар куҷоӣ?
Надорад манзилат роҳи даромад,
Набошад бар ту ҳам роҳи раҳоӣ.

* * *

Аё Модар, ту кони меҳру шафқат,
Ту дорӣ байни мардум шону шӯҳрат.
Ҳама туро кунад ҳурмат чу модар,
Ба кирдоӣ ҳама созӣ ту диққат.

* * *

Ғами олам, ғами одам насибат,
Ҳама хешу ҳама дарвеш ҳабибат.
Бани одам ба як чашм бинӣ, модар,
Зи шармаш мешавад дӯст он рақибат.

* * *

Дуоят баҳри мо пушту паноҳ аст,
Ба сони тӯшае бар марди роҳ аст.
Кушояд сад гиреҳи зиндагонӣ,
Вагарна ҳоли мо доим табоҳ аст.

* * *

Набошӣ ту даме, олам хароб аст,
Дили пурғам ба ёди ту кабоб аст.
Марав модар зи манзил ҷои дигар,
Ду чашми равшанам чоҳи пуроб аст.

* * *

Зи олам монаму аз ту намонам,
Зи ту беҳтар касеро ман нахонам.
Ту ҳастӣ ҷисми манро ҷони ширин,
Аё Модар, зи ту ҳаргиз намонам.

* * *

Сағирию кабирӣ, Модари ҷон,
Кабирию асирӣ, Модари ҷон.
Агарчӣ ҳукми ту бар мо раво аст,
Ба неку бад асирӣ, Модари ҷон.

* * *

Аё Модар ба ту пирӣ асар кард,
Ғами фарзанд туро ҳам дарди сар кард.
Зи умри рафтаат парво надорӣ,
Ғами олам куҷо аз сар бадар кард.

* * *

Мани пиронасарро мепарастӣ,
Зи меҳри кӯдакиям ту нарастӣ.
Ба наздат ман ҳанӯзам нотавоне,
Агар пирӣ, ту ғамхори ман астӣ.

* * *

Намонӣ дар ҷаҳон ту ҷовидона,
Ба мисли раҳгузар меҳмони хона.
Зи манзил меравӣ рӯзе, чӣ чора,
Наёбӣ баҳри мондан як баҳона.

* * *

Бидеҳ тавфиқ бар душман, Худоё,
Кунад раҳме ба ҳоли халқи дунё.
Бирезад равғанаш бар оташи ҷанг,
Хароб созад ҷаҳон бо заҳри кимё.

* * *

Забони тоҷикӣ баҳри дамон аст,
Ҳама ҳарфу ҳиҷояш бас гарон аст.
Забони миллату ҳам давлати ман,
Чунин гавҳар дигар ёфтан гумон аст.

* * *

Тасанноҳо ба ту, халқи муаззам,
Ба олам то нагардӣ аз яке кам.
Бароят ҷоннисориҳо намоем,
Бубанд банди камарро боз маҳкам.

* * *

Аҷаб халқи тавоно халқи тоҷик,
Ки дорад чашми бино халқи тоҷик.
Дилаш пурҷӯшу чун дарё хурӯшон,
Чӣ гӯям, фахри дунё халқи тоҷик.

* * *

Ба ту дил бастаам, халқи азизам,
Барои хидматат ҳамчун канизам.
Ба фармонат тану ҷонам фидо бод,
Бифахрам бо ту халқи ботамизам.

* * *

Зи бахти рӯшанат олам мунаввар,
Ту кардӣ кишварат обод саросар.
Ҳама кӯҳу биёбон шуд гулистон,
Бишуд тарзи ҳаётат хубу дигар.

* * *

Шинохт олам туро, эй миллати ман,
Ягона дар ҷаҳон, эй давлати ман.
Шудӣ машҳури олам, Тоҷикистон,
Бишуд лаъли Бадахшон сарвати ман.

* * *

Забони нобли тоҷикӣ хуш ояд,
Тамоми мушкилотам мекушояд.
Зи оҳангаш дилам чун гул шукуфад,
Тамоми узви ман дар рақс ояд.

* * *

Гуноҳи мо гарон асту гарон аст,
Набошад айби мо, айби замон аст.
Набошад дасту пои мо кушода,
Ҳама побасти қонуни гарон аст.

* * *

Куҷо гардад насиб он шаҳди комат,
Ки бемор гаштаам аз лафзи хомат.
Касс бинад маро девона хонад
Масӯзад бар мани зор ҷисму ҷонат.

* * *

Гаҳе барфу гаҳе тӯфону бод аст,
Яке ғамгин, дигар бо қалби шод аст.
Зимистон кори худро мекунад боз,
Ҳама аз дасти сармо арзу дод аст.

* * *

Якеро гар бубинам, хору зор аст
Ҳама бори замон бар дӯш бор аст,
Намедонам, парасторaш куҷояст?
Ба қалби ман халида захми хор аст.

* * *

Набудем дар ҷаҳон бедарду беғам,
Бисӯхтем доимо чун равғани шамъ.
Агар чӣ солиму озода будем,
Барои дигарон ғам хӯрдаем, ғам.

* * *

Надорад костӣ ҳусни зимистон,
Ҳама ҷо сап-сафед чун рӯйи хубон.
Расад бар мо дами сайру тамошо,
Дили моро барад дашту биёбон.

* * *

Ба ишқат хобаму аз хоб хезам,
Гунаҳкорам, гунаҳамро бирезам.
Ба гардан мегирам ҳар айби худро
Бигардад шоми умрам ҳамчу рӯзам.

* * *

Гаҳе дунё ба чашмам тангу тор аст,
Гаҳе чун осмони беканор аст.
Чунин бошад тариқи зиндагонӣ,
Дили зиндонии ман беқарор аст.

* * *

Илоҳо, ғам набинӣ, эй писарҷон,
Ба тахти бахт нишинӣ, эй писарҷон!
Падар гӯяд дуо, воҷиб бигардад,
Ба бахтам дилнишинӣ, эй писарҷон!

* * *

Илоҳо, кам нагардад тори мӯят,
Ба лавҳи хотирам он акси рӯят.
Ки ҳоло рафтаам ҷое зиёрат,
Нигорон чашми ман пайваста сӯят.

* * *

Гуноҳи ту, савоби ту баробар,
Бубахшам ман гуноҳатро, бародар.
Наафтад рахнае дар арзи дӯстӣ,
Бисӯзем тухми душманро саросар.

* * *

Сару савдои ман кай мекушояд,
Ба моли ман харидоре наояд.
Бихоҳам, ки фурӯшам ман китобам,
Савдохоне зи модар кай бизояд?

* * *

Бимонам як замон дар қалби покат,
Замоне мешавам ман ҷузъи хокат.
Ту гардӣ сарпаноҳи охиринам,
Шавам ман марҳаме бар ҷисми чокат.

* * *

Надоранд созгорӣ гурбаю муш,
Наояд феъли якдигар ба ҳам хуш.
Мудом дар ҳолати ҷанганду ҷанҷол,
Ба мисли Саддаму ҳам лашкари Буш.

* * *

Баҳор омад, баро аз гӯшаи танг,
Биҷӯ ту аз гулу аз сабзаҳо ранг.
Бигардад қалби ғамнокат баҳорон,
Расад бар гӯши ту пайваста оҳанг.

* * *

Парастам ман баҳоратро, диёрам,
Ту ҳастӣ кишвари доимбаҳорам.
Ба ҳуснат чашми ман гашта хуморӣ,
Ба гайр аз ту дигар ҷое надорам.

* * *

Биҷӯшад оби чашма дар баҳорон,
Бипаррад қатраҳо чун мисли борон.
Шунав оҳанги қалбашро ту як дам,
Ки гӯё ҷои ту дар базми ёрон.

* * *

Чу файзе оварад борон баҳорон,
Бигардад дилрабо дашту биёбон.
Замин созад қабои тоза дар бар,
Шавад олам саросар боғу бӯстон.

* * *

Расид аз роҳи дуре соли пирӣ,
Ба умри рафтаат нукта нагирӣ.
Ба мисли тири ҷаста аз камонаш
Расида бар нишон, гашта асире.

* * *

Бигиряд абри осмон дар баҳорон,
Бимонад дашту саҳро зери борон.
Зи шодӣ ғунчаҳо хандон бигарданд,
Бирақсад оби ҷӯю ҷӯйборон.

* * *

Биё, эй ҷони ширин, бевафоӣ,
Ба мисли дарди сахти бедавоӣ.
Шавад рӯзе, маро танҳо бимонӣ,
Равӣ ҷое дигар, ту барнаоӣ.

* * *

Ду-се рӯзе, ки беҳад беқарорам,
Сари мизе нишинам, бебарорам.
Хаёлам ҳам ба мисли дуд мағшуш,
Фақат мебозаму бурде надорам.

* * *

Саҳар хезам, намоям варзиши тан,
Ба кори худ диҳам фикрам тамоман.
Биёяд то ҳамон илҳоми саркаш,
Нависам шеъраке аз баҳри хондан.

* * *

Нагардад ташвиши ҳаррӯза охир,
Набошад гуфтаам бар дигарон сир.
Ки бори зиндагӣ вазнину вазнин,
Ба даври мо чунин гардида тақдир.

* * *

Ба мисли шамъ сӯзад ҷисму ҷонам,
Яқин донам, ки то фардо намонам.
Ҳамон достони умрам нотамом аст,
Бидеҳ фурсат, ки бар он нуқта монам.

* * *

Хаёлам мебарад то Каҳкашонҳо,
Чӣ бошад дар замину осмонҳо?
Надорад ин савол ҳаргиз ҷавобе
Вале бошад ба мо садҳо гумонҳо.

* * *

Набошам бехабар аз дину мазҳаб,
Набуда дарси дин дар ҳеҷ мактаб.
Ҳама донад китоби Қуръон аз ёд,
Итоат бар Худо гардида матлаб.

* * *

Зи дарди ишқи ту шабҳо нахобам,
Нишони манзилат пайваста кобам.
Дилам хоҳони дидори накӯят,
Бифармо, то дилатро ман биёбам.

* * *

Шунидам нолаи булбул зи гулзор
Зи захми хори гул гардида безор.
Шикоят менамуд аз ёру ағёр,
Набошад дил ба мисли моли бозор.

* * *

Зи тақдирам нанолам дар замона,
Агар нолам, бидон, ки ӯ баҳона.
Худоро шукр, соҳибкасбам, эй дӯст,
Гумон созам, ки дар олам ягона.

* * *

Китобам, ганҷи ман, ганҷинаи ман,
Ғаму ҳам шодии деринаи ман.
Бигуфтам беибо сирри дили худ
Гулу гулдастаи сабзинаи ман.

* * *

Навиштам аз бароят шеъру достон
Ки таъбат гул кунад, гардад гулистон.
Равад, ки қалби сангат нарм гардад,
Бигардад қалби ман ҳам боғу бустон.

* * *

Ба васфат чанд шеър иншо намудам,
Зи дарди ишқи ту бемор будам.
Гирифтам номае аз некномӣ,
Сиҳат гаштам, сурудатро сурудам.

* * *

Бубин, гулдастаи шеърам баромад,
Ки мурғи бахти ман бар дона омад.
Ҳамин гулдастаам аз баҳри ту буд,
Шунав, ёрам, ба наздам хона омад.

* * *

Магӯ, ки шоирон афсона хонанд,
Бигӯянд он чизе, ки худ бидонад.
Набошад илму дониш худ кифоя
Ки бояд тарзи зистро хуб донанд.

* * *

Ба сар борад агар борони тӯҳмат,
Суханҳои кабеҳу пурнадомат.
Нагардад қадри зар кам, шукр гӯям,
Фақат бошад чунин ашхос саломат.

* * *

Биё, дилбар, ки омад Ҷашни Наврӯз,
Ба базми мо ғарибон шӯъла афрӯз.
Шукуфад ғунчаи дил мисли гулҳо,
Нишинем мо сари роҳат шабу рӯз.

* * *

Биё, ҷонам, равем бар сӯйи саҳро,
Дар он ҷо тоб хӯрад маҷрои дарё.
Бубин чӣ шуру савдо бар сари он
Ба мисли шӯри он авзои дунё.

* * *

Миёни ахтарон маҳтобам астӣ,
Миёни гулрухон офтобам астӣ.
Дилу дида зи ҳуснат гашта равшан,
Ту шамъи равшани пуртобам астӣ.

* * *

Надидам одами бeғам ба дунё,
Ба ғам жӯлидаанд зода ҳамоно.
Ғами рӯзи накӯро ҳам бихӯранд,
Куҷо дидӣ даме, ки бeғам онҳо?

* * *

Аҷаб фасли дилоройӣ, баҳорон,
Гаҳе боду гаҳе борида борон.
Табиат тозаву озода гардад,
Замин гардад саросар боғу бӯстон.

* * *

Наҷот деҳ оламеро аз ҳалокат,
Наборад бар сари инсон фалокат.
Ҳама аз ҷанги ядройӣ хавотир,
Насозад одамӣ бар ҷанг тоқат.

* * *

Парирӯё, маро девона кардӣ,
Зи хешу ақрабо бегона кардӣ.
Диламро бурдию ромам нагаштӣ,
Надонам бо кӣ ту паймона кардӣ?

* * *

Шавам гоҳе зи карда ман пушаймон,
Чаро иҷро накардам аҳду паймон?
Ки пеши кори ман зуд баста гардид,
Бароям нопадид гашт роҳи майдон.

* * *

Накардам бар касе арзу шикоят,
Зи ишқи бебарори худ ҳикоят.
Фақат додам зи дасти дилбарам буд
Аз ӯ бар ман бимонд танҳо ривоят.

* * *

Мадеҳ ҳаргиз баҳо бар шеъри шоир,
Ки шеъри ӯ набошад бар касе сир.
Дилаш ғарқоби хун аз баҳри эҷод
Агар мардӣ, варо ҳар лаҳза даст гир.

* * *

Забонам – посбоне бар сари ман,
Чу шамшери ҳамоил дар бари ман.
Битарсам, ки агар аз ту бимонам,
Чӣ савдое биафтад бар сари ман.

* * *

Худоё, ту забонамро нигаҳ дор,
Кафи пуршафқатат аз сар мабардор.
Хабар дорӣ зи фитнаҳои душман
Худат донӣ, худат ҳастӣ хабардор.

* * *

Ба шаҳрат омадам, сарсон бигаштам
Куҷо буд манзилат, пурсон бигаштам.
Надида рӯйи ту, эй моҳи пурнур,
Ба ҳаҷрат сӯхтам, бирён бигаштам.

* * *

Худо, ёру мададгорам ту ҳастӣ,
Дари коре ба рӯйи ман набастӣ.
Чу мурғе мезанам пар дар сари шох,
Худат бар ҳоли ман шоҳид шудастӣ.

* * *

Дили бечораам дар дасти ӯ буд,
Дили садпораам дар дасти ӯ буд.
Намедонам, чӣ кард ӯ бо дили ман?
Дили овораам дар дасти ӯ буд.

* * *

Агар раҳбар туӣ, роҳам нишон деҳ,
Кунам кори накӯ, роҳи равон деҳ.
Надорӣ гар ҳунар, ҷо-ҷойи ту нест,
Лиҷоми сарварӣ бар дигарон деҳ.

* * *

Агар мешуд ба олам мактаби ишқ,
Аҷаб не, ки набудӣ мансаби ишқ.
Намондӣ дар ҷаҳон як ишқи поке,
Бисӯхтӣ дар самоҳо кавкаби ишқ.

* * *

Инону ихтиёрамро рабудӣ,
Зи ҷону дил қарорамро рабудӣ.
Зимистон аст акнун навбаҳорон,
Аз он ҷо ки баҳорамро рабудӣ.

* * *

Аё дил, беқарорӣ, беқарорӣ,
Ба ҳоли зори ман раҳме надорӣ.
Зи аҳволам хабар ҳаргиз нагирӣ,
Гаҳе ҷонро зи ҷисмам мебарорӣ.

* * *

Накардам мактабамро ман фаромӯш,
Замоне будаам бо ӯ ҳамоғӯш.
Дар он ҷо рафт даври навҷавонӣ,
Шуда панди муаллим ҳалқа бар гӯш.

* * *

Нахушкад оби дарёи дамоне,
Наояд дарду ғам бар хонадоне.
Ҳамарӯза шавад чун иди Наврӯз,
Шавад обод, касе дорад макone.

* * *

Бигаштам дар бари дашту биёбон,
Бимонда нақши по дар реги тафсон.
Бирафта аз сарам умри ҷавонӣ,
Шудам аз умри рафта ман пушаймон.



## ЧАҲОРПОРАҲО

Худшиносӣ ифтихори миллат аст,
Худшиносӣ иқтидори миллат аст.
То ки бошем соҳиби мулку Ватан,
Худшиносӣ гиру дору миллат аст.

* * *

Аз ҷаҳони бевафо ҷустем вафо,
Дарди мо вазнин бигашту бедаво.
Ку, давои дарди мо бахшад Худо,
Зиндагӣ шуд арсаи ҷабру ҷафо.

* * *

Эй Худо, раҳме намо бар ҳоли мо,
Худ бидонӣ кори мо, аҳволи мо.
Аз чӣ коранд тухми кина душманон,
Халқи моро дар паноҳат ҷо намо.

* * *

Душманат дар роҳу раста ҷон диҳад,
Хуни ноҳақ рехт, ӯ товон диҳад.
Оламеро баҳри ӯ созем танг,
Ҷони худ бар Ҷабраил осон диҳад.

* * *

Ҳусни ҳар як касбу коре гаштааст,
Нахли умраш пур зи боре гаштааст.
Ҳар куҷое шохи хушке дидаам,
Дидаро он захми хоре гаштааст.

* * *

Ашки пурхунам гаҳе тӯфон кунад,
Нақшаҳои зиндагӣ вайрон кунад.
Дасту поям дасту пойи мурдааст
Ақлу ҳушамро барад, ҳайрон кунад.

* * *

Мезанад тири ҷафо гоҳе ба сар,
Мешавам аз дарди он хуни ҷигар.
Зиндагӣ пур аз нишоту дарду ғам,
Ғам набошад, оламе гардад дигар.

* * *

Мисли барфе сап-сафед бод роҳи ту
Доимо бахти сафед хамроҳи ту.
Ҳар куҷое меравӣ, ту зинда бош!
Гирдгирди оламе шаҳроҳи ту.

* * *

Меҳри гармат ҷисму ҷонам офарид,
Дар ҷаҳоне як ҷаҳонам офарид.
Эй падар, бе ту набудам ин замон,
Сарбаланду шодмонам офарид.

* * *

Эй падар, ман бо ту дорам ифтихор,
Мисли шере пурдилу пуриқтидор.
Ҳеҷ надорам тарсе ман аз марги худ,
Пас наоям аз касе дар вақти кор.

* * *

Ғам заволи умри ширин гаштааст,
Ғам заволи умри рангин гаштааст.
То тавонӣ, дурӣ ҷӯй аз ҳар ғаме
Бин, ту бар сар бори сангин гаштааст.

* * *

Ҳар куҷое по ниҳӣ, андеша кун,
Одаму одамгариро пеша кун.
То набошад пеши роҳат банду баст,
Мисли нахле дар заминаш реша кун.

* * *

Ай халқи кабири пора-пора,
Дар рӯйи ҷаҳон шуда авора.
Бар ҳаққу ҳуқуқи ту чиҳо шуд,
Кай бар ғами хеш ёбӣ чора?!

* * *

Дар байни ёру дӯстон
Ҳаётат пурдавом аст.
Миёи бегонагон
Хавфу хатар мудом аст.

* * *

Дӯстиро пеша кардан
Пешаи оқилон аст.
Андеша аз душманон
Аслияти мардон аст.

* * *

Набинӣ рӯзи равшан,
Тираву тор ҷаҳон аст.
Дидаи худро кушо,
Зиндагӣ дар гумон аст.

* * *

Аз меҳри гарми дӯстон
Ғунчаи дил шукуфон.
Рӯзе агар дурам ман,
Ранги рӯям заъфарон.

* * *

Бе ёру дӯсти ҷонӣ
Зиндагӣ бемаром аст.
Нону намак ба комам
Заҳреву ҳам ҳаром аст.

* * *

Одамӣ гардад агар бемори хоб,
Мекашад аз ранҷи он беҳад азоб.
Дарди ӯ гар содда асту ноаён,
Оқибат аҳволи он гардад хароб.

* * *

Хоби бисёр бори ҷисм аст бегумон,
Заҳри мору офати ҷон аст мудом.
Нисфи умрат сарфи хобе мешавад.
Дер напояд ҷисму ҷони ту давом.

* * *

Одамӣ якрӯзаву дурӯза нест,
Дар бари боғе, ки дорӣ, хӯса нест.
Қадри он аз симу зар болотар аст,
Қимати он дар канору бӯса нест.

* * *

Дар назар ӯ нақши одам менамуд,
Ҷисму ҷонаш, қалби ӯ аз санг буд.
Дон, ки фарқи мову вай дар "буда" буд,
Ҳусни оламгири ӯ дил мерабуд.

* * *

Мардумӣ бо ишқи кишвар зиндааст,
Одамӣ бо ишқи дилбар зиндааст.
Гар набошад оташи ишқ дар дилаш,
Дар ҳисори душманонаш бандааст..

* * *

Эй азизам, шеъри содда гӯямат,
Дар дили пазмони ту раҳ ҷӯямат.
То бидонӣ мақсади эҷоди ман,
Дар нигоҳат мисли лола рӯямат.

* * *

Тоҷу тахти давлатат поянда бод,
Обу хоки давлатат зоянда бод.
Дар ҷаҳон ҳаргиз наёбӣ ту завол,
Бахти рахшони ту дар оянда бод.

* * *

Баҳри мо якто бувад зебо Ватан,
Баҳри мо танҳо бувад барно бувад.
Хидматашро аз дилу ҷон мекунам,
То шавад ҳар гӯшааш боғу чаман.

* * *

Баҳри халқат меҳнати шоиста кун,
Кору борат дидаву дониста кун.
Миллатат аз заҳматат гардад ризо
Хидматашро гаштаву баргашта кун.

* * *

Хоки покат сурмаи чашмони ман,
Мисли модар доимо пазмони ман.
Бе ту ман ҳаргиз набошам сарбаланд
Ҳам ғарибу ҳам гадою беватан.

* * *

Файзи олам ҳосили деҳқон бувад,
Зери пояш садҳазорон кон бувад.
Ризқу рӯзи маҳсули дастони ӯ,
Ҷисми хору зори моро ҷон бувад.

* * *

Касбу корат мӯътабар аст, мӯътабар,
Вай туро мерос монда аз падар.
Э писар, бар қадри он бояд расид,
Кун ту коре, то нагардӣ дарбадар.

* * *

Ҳурмати пиру ҷавон шуд давлатам,
Ифтихори ёру дӯст шуд хидматам.
Ман натофтам рӯ зи фармони Ватан,
То ки бошад розӣ аз ман миллатам.

* * *

Сарваре дар касби худ олим бувад,
З-он ки ақли ӯ пуру солим бувад.
Мушкилоте гар бувад, осон кунад,
Кори ӯ дар баҳру бар маълум бувад.

* * *

Эй нигори маҳлиқоям, дар куҷоӣ, дар куҷо?
Эй нигори хушлиқоям, камнамоӣ, камнамо.
Ташнаи дидор гаштам бебақову беқарор,
Эй нигори дилрабоям, ман ҷудову ту ҷудо.

* * *

Сар бимонам пеши поят, дилбарам,
Дар даруни сина ҷоят, дилбарам.
Ман бидонам аз азал қадри туро,
Ёдам ояд ваъдаҳоят, дилбарам.

* * *

Ҷон фидои ёри ҷонӣ мекунам,
То тавонам, меҳрубонӣ мекунам.
Хидмати ман то шавад мақбулатон,
То ба охир ҷонфишонӣ мекунам.

* * *

Умри одам он қадар тӯлонӣ нест,
Фурсати бекорию нодонӣ нест.
Гарчӣ бошад моҳу солаш бешумор,
Кӯтаҳ асту боиси шодмонӣ нест.

* * *

То шавам дору-давоят, дилбарам,
То шавам обу адоят, дилбарам.
Обрӯю иззатат аз каф мадеҳ,
То намоям ман вафоят, дилбарам.

* * *

Бишнавӣ гар шеъри озоди маро,
Шеъраки озоду ободи маро,
Омада меҳмон шудаст илҳоми ман
Бинӣ ту фарзанди навзоди маро.

* * *

Шеър гуфтам аз бароят, дилбарам
Рӯзу шаб савдои ишқат бар сарам.
Ту худат шоҳид ба илҳоми манӣ,
Исми ту то бар Сураё мебарам.

* * *

Назди рӯят моҳи чордаҳ хира аст,
Чун шабони фасли дай бас тира аст.
Акси рӯят оламе равшан кунад,
Ҳар нигоҳи гарми ту хотира аст.

* * *

Модарат доғат набинад, бокира,
Суратат дар чашми ман шуд хотира.
Аз куҷо ёбам суроғат, эй парӣ,
Гуфта будӣ: номи некам Шоира.

* * *

Ман надидам қалби шоде дар ҷаҳон
Аз ғаму шодӣ бигардад тоза, он
Гарчи дорад давлату ҳам шавкате
Одами беғам набошад бегумон.

* * *

Давлати Қорун кунад бар ту насиб,
Ҳеҷ набвад дар ҷаҳон бар ту рақиб.
Доимо худро шиносу гум макун
Бар ману бар дигарон гардӣ ҳабиб.

* * *

Ҳар кӣ ёбад назди ёрон эътибор,
Хам нагардад қоматаш аз кору бор.
Номи некаш лоиқи достон шавад,
Ёру дӯстон менамоянд ифтихор.

* * *

Рози дилро бар кӣ гӯям, дилбарам,
Коми дилро аз кӣ ҷӯям, дилбарам?
Дар миёни мардуми бегонаам,
Бе ту набвад обрӯям, дилбарам.

* * *

Дил бихоҳад васфи ту созам баён,
Шӯҳрату шаъни туро созам аён.
Оҳ, тарсам, ки қалам з-ин оҷиз аст,
Дар забонам ҳарфҳо ҳам норавон...

* * *

Дар миёни гулрухон ҳастӣ парӣ,
Аз ману аз дигарон дил мебарӣ.
Ҳар ки дид он чеҳраи хандони ту
Кай гузашт он аз бари ту сар-сарӣ?

# ГУЛШАНИ ГУЛГУН



## МУАРРИФИИ КИТОБ ВА ҲАСБИ ҲОЛИ ШОИР АСАД ГУЛЗОДА АЗ НАЗАРИ АҲЛИ ИЛМУ АДАБ

*АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРӢ*

## ОШИ БАҲОР АСТ СУМАНАК

(Аз китоби “Фariштагони порсигӯ” (гузинаи шеъри кӯдакон ва навхавон).–Тошканд, “VEKTOR-PRESS”, саҳ.129).

## ОШИ БАҲОР

(Аз китоби “Фариштагони порсигӯ” (гузинаи шеъри кӯдакон ва навхавон).–Тошканд, “VEKTOR-PRESS”, саҳ.131).

## АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРӢ

(Донишномаи забон ва адабиёти форсӣ дар Ӯзбекистон (қарни бистум то кунун) тарҷумаҳо ба забони форсӣ. Ҳаммуалифон: доктор Аббосалии Вафоӣ, доктор Ҷаъфари Муҳаммад. Бо сарпарастии доктор Аббосалии Вафоӣ. –Теҳрон, 2005, саҳ.32-33).

## ШЕЪРҲОИ БА ЗАБОН ӮЗБЕКӢ ТАРҶУМАШУДАИ ШОИР

Шоири тоҷиктабори ӯзбек, мутарҷими осори намояндагони адабиёти тоҷик, фарзанди Бухорои Шариф Самандар Воҳидов зиёда аз 50 номгӯи шеърҳои Асад Гулзодаи Бухороиро ба забони ӯзбекӣ тарҷума намудааст. Ӯ шеърҳои тарҷумавиро бо унвони “Ой юзида нега доғ?” дар шакли китоб ба чоп тайёр кардааст.

## ОЙ ЮЗИДА НЕГА ДОҒ?

(Аз рӯзномаи “Бухоронома”, №63 6 августи соли 2014)

Кеч уйғониб Шарафмоҳ
Сўради ойисидан:
– Қайдан қўниб қолди доғ,
Ойижон, ой юзида?

– Кўрдингми, сендек у ҳам
Уйқудан қопти бугун
Қўл-бетини ювишга
Етмабди сув ва совун.

## НОН

(Аз рӯзномаи “Бухоронома”, №63 6 августи соли 2014)

Деҳқон қӯлим маҳсули,
Дастурхонимиз гули.

Бахтимизнинг тимсоли,
Бахтимизнинг оппоқ нони.

У бор – дунё нурафшон,
Ризқ-рӯзимиз фаровон.

Лаззат, таъми бир жаҳон,
Буғдойнинг оппоқ нони.

У билан ҳаёт лазиз,
Ушоғи жондек азиз.

Тинчилик, омонлик рамзи –
Буғдойнинг оппоқ нон

# БУХОРО

(Аз маҷаллаи “Бухоро мавжлари” № 3 2014, саҳ.31)

Қадиму навқирондирсан, Бухоро,
Менга тенгсиз жаҳондирсан, Бухоро.

Шаҳарсан қисса-ю афсонага кон,
Бори оламга достондирсан, Бухоро.

Тошингда ҳар нақш тарихга шоҳид,
Юки – ҳикмат карвондирсан, Бухоро.

Сино-ю Бухорий, Дониш Айнийдек –
Буюкларга макондирсан, Бухоро.

Минору Арку тоқларни яратган –
Ҳунар аҳлига ошёндирсан, Бухоро.

Азалдан то абад илму маърифат –
Қуёшга осмондирсан, Бухоро.

Шу боис сӯнмагай шаъну шукуҳинг,
Баҳори бехазондирсан, Бухоро.

## ВАТАН ИШҚИ

*(Аз маҷаллаи “Бухоро мавжлари” № 3 2014, саҳ.31.*

Навбаҳорга қасида
Айтиб қушлар қайтишар.
Ҳижронга видо айтиб,
Ватан васлига шошар.

Қушларнинг соғинчида
Ватан ишқи урар мавж.
Парвозлари шукуҳли,
Қӯшиқлари ҳам баравж.

Қушлар ӯз қӯшиғида
Юртга меҳр этар изҳор.
Қучоқ очиб уларга
Пешвоз чиқар гул диёр

## АСАД ГУЛЗОДА,

*Тожикистон Ёзувчилар уюшмаси аъзоси*

Фарзанду набиралар, дӯсту шогирдлар даврасида улуғ ёшларга муяссарлик, донишмандлик фаслининг тотли меваларидан баҳрамандлик – ижодкорга насиб этадиган олий саодат! Бухоролик таниқли тожикзабон шоир ва журналист Асад Гулзодага бугун ана шундай бахт – муборак саксон ёшини қизғин ижод қўйнида, ранг-баранг шеъру достонлар, салмоқли китоблар завқидан баҳрамандлик оғушида қарши олиш толеи насиб этаётир.

Фурсатдан фойдаланиб, кекса ижодкорни ушбу сана билан муборакбод этар эканмиз, унга сиҳат-саломатлик, узоқ умр ва безавол ижодий илҳом ҳамроҳ бўлишини тилаб қоламиз!

Қаламкашнинг туркум шеърлари таниқли шоир Самандар Воҳидов таржимасида эътиборингизга ҳавола этилмоқда.

## ФАХРИЯ

Иқболингдан дилим шод, Ўбекистон,
Ҳуру озоду обод, Ўзбекистон.
Истиқлол бошингга ҳумо қўндирди,
Ҳаётинг тоза бунёд, Ўзбекистон.
Не бахтки, шу диёр фарзандидирман,
Унинг жонсўзу дилсўз дилбандидирман.
Қасамки, шаънин асрай деб шу юртнинг,
Зарур бўлса, жон фидо этадирман.
Ватан, сенсан ҳаётда бошпаноҳим,
Сиғингайман сенга, эй саждагоҳим.
Онамдек бир умр ғамхўрим ўзинг,
Шу боис сен эрурсан қиблагоҳим.
Кимеки, безавол иқбол истар,
Шу юртга боқий Истиқлол истар.
Курашгай шу Ватан эртасини деб,
Унга ҳар ишида нек аъмол истар.
Ватаним, жисмимга дармони жон бӯл,
Қуёшдай порла, машҳури жаҳон бӯл.
Тупроғинг кўзимга тўтиё айлай,
То абад гулла, боғи бехазон бӯл!

## ШУКРОНА

Неъмат тўла дастурхон,
Ундаги беминнат нон,

Шукрини айтиб ҳар он,
Ором топар тану жон.

Шукр – об-ҳавосига,
Қуёшин зиёсига,

Юртимиз – мисли жаннат,
Яшар бахтиёр миллат.

Бунда меҳнат роҳатдир,
Ҳурлик – бахт-саодатдир.

Булбулдай тилимиз бор,
Бунёдкор элимиз бор.

Эзгулик йўлдошимиз,
Йўлбошчи – Юртбошимиз.

Тилимизда шукрона,
Бор бўлсин тинч замона.

.

## ДИЁР ҲУСНИ

Сабзадан гилам тўқийди баҳор.
Гулдор гиламдан таралгай ифор.

Дашту саҳрога тўшаб гиламни,
Ҳуснига мафтун қилар оламни.

Жамолин очар тоғу қир-адир,
Гул хандасидан кўзга инар нур.

Кўнгиллар яйрар муаттар ҳиддан,
Ҳузурбахш ҳидда – ҳидинг бор, Ватан!

# ИНЪИКОСИ ШЕЪРҲОИ ШОИР ДАР САҲИФАҲОИ РӮЗНОМАВУ МАҶАЛЛАҲО

## БӮЙИ ВАТАН

*(Аз рӯзномаи "Анбоз" №11 (5205) 29 октябри соли 2004).*

Аз накҳати гул
Кӯҳу даман пур.
Аз хандаи гул,
Дида гирад нур.

Бӯйи хуши гул,
Қуввати тан аст.
Ин бӯйи ҷонбахш
Бӯйи Ватан аст.

## ИШҚИ ВАТАН

*(Аз рӯзномаи “Анбоз” №11 (5205) 29 октябри соли 2004).*

Мурғакони фирорӣ,
Қосидони баҳоранд.
Чанде муҳоҷир буданд,
Сӯйи Ватан меоянд.
Ишқи Ватан дар дилу

Шоду хуррам меоянд.
Бо пару болҳои худ,
Файзи баҳор меоранд.
Азоби роҳи дурро
Ҳоло ба хотир доранд.

## ТИФЛИ ГИРЁНАМ ҲАНӮЗ

*(Ба модарам Сарвара. Аз рӯзномаи “Бофандаи Бухоро” №4 (564) 15 феврали соли 1995).*

Модарам, кайҳо бирафтӣ аз дарам
Чун сабо бошад парешон хотирам.

Ҷисми ту гарди хавотир гаштааст
Номи некат, то қиёмат мебарам.

Ҳар куҷо бинам агар ман модаре
Баҳри таъзим хам кунам тори сарам.

Гар бубинам модареро хору зор
Қалби худро аз ғазаб ду медарам.

Ман ки ҳастам заррае аз қалби ту
Тухми нахлат ҳар куҷое мехарам.

То ки бошӣ ҳар замон дар ёди ман
Нақши номат дар ниқоби дафтарам.

Эй, Асад ту тифли гирёнӣ ҳанӯз
Хун бигирям то ҳанӯз, эй Модарам.

## МЕҲРИ ПАДАР

*(Ба Гулмуҳаммад Нурзода. Аз рӯзномаи “Бофандаи Бухоро” №4 (564) 15 феврали соли 1995).*

Эй падар, аз кӯдакӣ дар мактабат ман хондаам
Аз насиҳатҳои ту корвони ганҷ ман бурдаам
Дар танӯри ҳастиат чун нони гарм ман пухтаам
Аз намакдонат намак бар ҷойи қанд ман хӯрдаам.
Ман туро пазмон шудам, рафтӣ ту аз ин ҷаҳон.
Монда дар мулки назар, ту турбати бе ҷисму ҷон,
Коми ман аз марги ту чун заҳри море гаштааст.
Ин замон бар гарданам чун банди доре гаштааст
Ман надонам ки роҳи умр моро куҷое мебарад
Мурғи дил меҳмони дом хунин шикоре гаштааст.
Ман туро пазмон шудам, рафтӣ ту аз ин ҷаҳон,
Монда дар мулки назар, ту турбати беҷисму ҷон.
Ман надонам кай шавад ободу зебо манзилам
Ваҳми марги ногаҳон торе кашида бар дилам
Кори ман охир надорад дар ҷаҳони бевафо
Кай пазад дар оташи сӯзони ишқ обу гилам
Ман туро пазмон шудам, рафтӣ ту аз ин ҷаҳон
Монда дар мулки назар, ту турбати беҷисму ҷон
Чун кунам ки номи ту зиннати достон шавад
Ҳайкалат аз санги хоро дар бари бӯстон шавад
Ман равам баҳри зиёрат назди ту сар хам кунам
Тахтасанги зери поят қиблаи имон шавад.
Ман туро пазмон шудам, рафтӣ ту аз ин ҷаҳон,
Монда дар мулки назар, ту турбати беҷисму ҷон.

## ДАСТОВЕЗИ ШОИР

*(Аз рӯзномаи “Субҳи Гулобод” № 4 (8434) 30 январи соли 2009).*

Ба қарибӣ шоир Асад Гулзодаи Бухороӣ ба саёҳати шаҳри Самарқанд омада буд. Вай фарзанди деҳаи Шавгони ноҳияи Пешкӯи вилояти Бухоро аст.

Пас аз хатми мактаби олӣ солҳои зиёде омӯгорӣ кардааст. Аз давраи ҷавонӣ ба шеъргӯӣ машғул аст. Чандин маҷмӯаи шеърҳояш ба дасти хонандагон расидаанд.

Асад Гузодаи Бухороӣ, ки ҳамчун шоири бачаҳо шинохта шудааст, ҳамчун дастовез чанд шеъри тозаашро ба рӯзномаи мо дод, ки пешкаши хонандагон гардонем.

## БОБОИ ДЕҲҚОН

Бобоям ифтихорам,
Бобои тадбиркорам.

Ӯ деҳқони номдор аст,
Аз паи кишту кор аст.

Умрест, ки ғаллакор аст,
Ба дигарон сардор аст.

Маҳсули дастони он,
Файзи ҳар як дастархон.

Меваҳои ширинаш,
Қанду асал баринаш.

Ба дарди мо дармон аст,
Ҳузури ҷисму ҷон аст.

Кору кирдораш панд аст,
Шӯҳрати ӯ баланд аст.

Илми табиат донад,
Ҳеч гоҳе дар намонад.

## ШОДИИ МОДАР

Ҳар бор зи мактаб оям,
Бишӯям дасту поям.

Бихӯрда нону чоям,
Модарамро мепоям.

Гирифта ҷорӯб ба даст,
Ҳавлиро рӯбам ба шаст.

Бо сатили гулдорам,
Рафта об мебиёрам.

Гулзорро об мезанам,
Обаки боб мезанам.

Ҳавлӣ то хушрӯй шавад,
Саҳни он хушбӯй шавад.

Хонадон ободшавад,
Модари ман шод шавад.

## ГУЛИ БАРФӢ

(Аз рӯзномаи “Овози Самарқанд”
№ 31 (2383) 31 июли соли 2014).

Пардаи шаб медарид,
Хоб зи чашмам парид.

Барф бориду барф борид,
Замин гардид нопадид.

Чун гули шафтолу буд,
Чун гули зардолу буд.

Гӯё фасли хазонрез,
Шохаҳо гашта гулрез.

Ҳама ҷо сап-сафед шуд,
Қалби мо пурумед шуд.

Замин ба мо моил шуд,
Заминаи ҳосил шуд.

Ҳама ҷо яхбандӣ шуд,
Боиси хурсандӣ шуд.

## МУШАК

Эй мушаки вайронкор,
Ҳама чиз бар ту даркор.

Ҷойи ту кунҷи анбор,
Ҳаргиз нагардӣ ту хор.

Ҷаву гандум хӯрокат,
Ин қадар ту бетоқат.

Даруни сандуқи нон,
Ризқу рӯзи фаровон.

Тақар-туқур мекунӣ,
Меъдаро пур мекунӣ.

Пишакро ҳушёр кунӣ,
Пишакро безор кунӣ.

Рафтори ту нафорад,
Кирдори ту нафорад.

Туро агар бидорад,
Ҷанозаат бихонад.

## МОЯИ ИФТИХОРИ ГУЛЗОДА

(Аз рӯзномаи “Овози тоҷик” №50 (13088) 25 июни соли 2005).

Асад Гулзодаи Бухороиро ҳаводорони назми форсӣ дар Ӯзбекистону Тоҷикистон ҳамчун шоири бачагон хуб мешиносанд. Хабару мақола, шеърҳои бисёри вай дар рӯзномаҳои “Пионери Тоҷикистон”, “Комсомоли Тоҷикистон”, “Ҳақиқати Ӯзбекистон” маҷаллаҳои “Машъал”-у “Хорпуштак” интишор ёфтаанд. Хусусан солҳои шастум-ҳафтодум Асадҷон яке аз мухбирони фаъоли ҷамоатии рӯзномаи “Ҳақиқати Ӯзбекистон” (“Овози тоҷик”) ба шумор мерафт.

Чакидаҳои эҷодиаш бо комёбиҳояш “Насими Бухоро” (нашриёти “Бухоро”, соли 1991), “Хати пешона” (“Мaориф”, 2003), “Шукуфаҳои Бухоро” (“Фарҳанг”, 2004) дастраси мухлисони шеър гардид.

Синни мубораки Асад Гулзода имрӯз ба ҳафтод расида, он сарфи некию накӯкорӣ шудааст.

Вай дар соли 1935 дар деҳаи Шавгони ноҳияи Пешкӯ дар оилаи деҳқон таваллуд ёфта, падараш Гулмуҳаммад Нуров раиси хоҷагии “Ёш куч” буд.

Асади наврас соли 1954 мактаби миёнаро хатм намуда, худи ҳамон сол ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Институти педагогии Душанбе дохил шуд. Аз Носирҷон Маъсумӣ, Холиқ Мирзозода барин олимони забардаст илм омӯхт. Дар ҷараёни таҳсил аз фарҳанги беш аз ҳазорсолаи ғановатманди халқамон огоҳ гардида, дар уқёнуси илму адаби беҳамтои вай ғаввосӣ намуд. Хешро, оламу одамро шинохт. Пас аз хатми таҳсил ба зодгоҳаш баргашт. Дар мактаби миёнаи рақами 9-деҳаи ҳамсоя фаъолияти омӯзгориашро оғоз кард. Баъди чор сол директори мактаби миёнаи №8 деҳаащ интихоб намуданд. Асад Гулзода бо баробари роҳбарӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дарс медод. Ҳамин

тавр, чор-панҷ сол гузашт.

Дар яке аз рӯзҳои зимистони соли 1967 ба мактаб раиси хоҷагии ҳамонвақтинаи ба номи Алишер Навоӣ, марди фозил, адиб, шодравон Мирфайз Қазоқов бо як нафар меҳмони шаҳрӣ омад. Вай мухбири "Ҳақиқати Ӯзбекистон" дар вилояти Бухоро Маҳмудҷон Қосимов будааст.

Азбаски дар радиои вилоятӣ шӯъбаи тоҷикӣ таъсис ёфта буд, барои тайёр намудани барномаҳои он кадр намерасид. Барои Маҳмудҷон Қосимов, ки кори радиоро низ муваққатан мебурд, дар ду ҷо фаъолият нишон додан осон набуд. Аз ин рӯ вай Асад Гуловро, ки ба воситаи хабарҳояш дар "Ҳақиқати ӯзбекистон" ғоибона мешинохт, барои ба кори радиои тоҷик ҷалб намудани ин ҷо омада буд.

Марди худогоҳ Асад Гулов, ки на фақат қадри забони модарӣ медонист, балки онро мояи ифтихори ҳастии худ меҳисобид, таклифи Маҳмудҷон Қосимовро хушнудона қабул кард. Вале хоҳиши аҳли ҷамоа ӯро як лаҳза ба андеша водор сохт.

Омӯзгорони мактаб аз роҳбари худ, ки кӯдаквор дили софу беғубор дорад, ҷудо шудан намехостанд. Онҳо ӯро даъват намуданд, ақалан то охири соли хониш кор кунад. Эҳсос намуд, ки заҳматҳои кашидааш беҳуда нарафтаанд: ҷамоа ӯро дӯст медорад. Асад Гулов омӯзгоронро ноумед накард, таклифи онҳоро қабул намуд.

Вай чун муҳаррири калони шӯъбаи тоҷикии комитети радиошунавоии вилоят ба кор шурӯъ намуд. Зимистони соли 1968 сахт омад. Ӯ маҷбур шуд, ки оилаашро ба шаҳр барад. Аввал онҳо иҷора нишастанд, сонитар, соҳиби хона гардиданд ...

Дар радиои вилоятӣ гуфторҳо ба чор забон: ӯзбекӣ, русӣ, тоҷикӣ, қазоқӣ ба амал меомад. Гулов барои пурмазмуну шавқовар гардидани маводи тоҷикии радио пайваста ҷустуҷӯ мекард. Ӯ дар шӯъбаи тоҷикӣ бо номи "Насриддин дар Бухоро" ба радиожурнали ҳаҷвӣ асос гузошт. Баҳри рангину ҷозибанокии он артистони

машҳури вилоят Раҳимхон Шукуров, Асли Қодиров, кормандони радио Лола Бафоева, Лутфулло Турсунов, Муҳибхон Шукуров, Олия Остонова саҳм гузоштанд. Дар муддати кӯтоҳ ин радиожурнал дар саросари вилоят мухлисони зиёд пайдо намуда, аз онҳо қариб ҳар рӯз даҳҳо мактубҳо меомад. Ҳар як танқид беҷавоб намемонд. Қонуншиканҳо ҷазои муносиб мегирифтанд.

Пӯшида нест, ки аксарияти мардуми вилоятамонро тоҷикон ва тоҷикзабонон, ташкил мекунанд. Аз ин рӯ бахши ҳар як барномаи тоҷикии радиои вилоятиро одамон бесаброна интизор мешуданд.

Бо тақозои давру замон алоқаҳоямон бо мамлакатҳои ҳамсоя, аз ҷумла бо Тоҷикистон хуб буд. Адибону санъаткорони номӣ аз қабили Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Камол Насрулло, Ӯрин Кӯҳзод, Ҷӯрабек Муродов ва ғайра борҳо ба вилояти Бухоро ташриф оварда тавассути радиои вилоятӣ баромадҳо кардаанд ...

Асад Гулзода соли 1995 ба нафақа баромада бошад ҳам, ӯ бо эҷод банд буд. Алҳол болои китоби чоруми шеърҳояш “Мужда аз Бухоро” кор мекунад. Ният дорад, ки онро ба воситаи нашриёти “Адиб”-и Тоҷикистон чоп кунад.

* * *

Ба қарибӣ бо нияти дидани дидори муаллим Гулзода сӯйи ҳавлии ӯ раҳсипор гардидам. Он дар ҷойи хушманзараи шаҳри Бухоро воқеъ аст. Боғи Сомониён, бозори калони шаҳрро давр зада, ба кӯчаи ҳавзи бодом гузаштам. Ҳаво беҳад гарм буд. Рӯз гашт карда бошад ҳам, мардум давр ҷойҳои салқин, дар ҳавлиҳои торикгардонидашуда истироҳат мекарданд. Ниҳоят дар назди дарвоза нуқтаи занги электирикиро зер намудам. Муаллим бо либоси хонагӣ маро, чун одат, гарм пешвоз гирифт.

Рӯйи суфаи дарвозахона кӯрпачаҳо густурда шуд, шумораи нави “Овози тоҷик” ва чойнику пиёла, шири-

нию меваҳо он ҷо меистод, Баъди ҳолпурсӣ сӯҳбати мо аз ҳар хусус қӯр баст.

Маълум шуд, ки як гурӯҳ кормандони масъули ҳокимият барои санҷиши аризаи ҳаммаҳаллагон оиди тозагии экологӣ омада рафтаанд.

– Мақолаатон оиди мактабҳои ноҳияи Пешкӯ ба ман маъқул шуд. Агар медонистам, ҳамроҳатон мерафтам. Афсӯс ки носозгориҳои замон ба зодгоҳи мо низ асар мекунад ... – муаллим як лаҳза хомӯш монд.

– Имрӯз махлутии забони ҳамшаҳриён, ҳамсоягон, ҳатто набераҳои худамро дида, дилам месӯзад. Ягон давру замон воситаҳои ахбори оммавӣ чун имрӯз таъсир надошт. Барнома бо забони модарии мо ночиз аст. Чунин муҳит ҷавононро аз забону аз аслу насабашон бегона месозад. Бояд мо аз анъанаҳои хуби аждодон ибрат гирем. Охир замоне аз Навоӣ то Ҳамза аксарият адибони ӯзбек зуллисонайн буданд.

Шукри беҳад, ки сарвари давлатамон марди оқил, фозил ва дурандеш аст. Ӯ чун падар ҳамаи халқҳои ватанамонро бо як чашм мебинад. Адлпешагиро бинед, ки вай ҳақиқати таърихиро эътироф намуда ӯзбекон, тоҷикон, қазоқон, қирғизон ва туркманонро мардумони таҳҷоӣ мешуморад. Яъне мо дар маъвои худ, аниқтараш, дар сарзамини худамон умр ба сар мебарем. Забони форсии тоҷикӣ неъмати бебаҳои қадимист. Вай бемуболиға калиди илми ниёгон, таърих, худогоҳию маънавияти беш аз ҳазорсолаи на фақат тоҷикон, балки тамоми Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

*Амрулло Авезов, хабарнигори*
*“Овози тоҷик” дар вилояти Бухоро.*

## “НАГАРДАД МЕҲРИ МАН ЯК ЗАРРАЕ КАМ”

(Нигоҳе ба ду китоби нави Асад Гулзодаи Бухорӣ. Аз рӯзномаи “Овози тоҷик” №104 (13350) 26 декабри соли 2007).

Номи Асад Гулзода (Асадҷон Гулов) кайҳост, ки барои мухлисони шеъри тоҷикӣ, хусусан кӯдакон, маълум аст. Вай соли 1935 дар деҳаи Шавгони ноҳияи Пешкӯи вилояти Бухоро ба дунё омада соли 1958 факултаи забон ва адабиёти Донишгоҳи омӯзгории Душанберо хатм кардааст.

Баъди омӯзгорӣ дар зодгоҳаш солҳои тӯлонӣ дар кумитаи телевизион ва радиошунавонии вилояти Бухоро ба ҳайси муҳаррири калони шӯъбаи тоҷики фаъолият нишон дода ба нафақа баромадааст. Вай бештарини шеърҳояшро барои бачагон гуфтааст.

Маҷмӯи шеърҳояш зери унвонҳои “Насими Бухоро”, (соли 2000) ва “Хати пешона” (2003) аз чоп баромадааст. Моҳи сентябри соли равон ду китоби ӯ - “Нафаси баҳор” (барои кӯдакон ва наврасон) ва “Намози рӯи барг”-ро нашриёти “Маориф ва фарҳанг” (ҳар кадоме панҷсад нусхагӣ) дар як вақт аз чоп баровард.

Маҷмӯаи “Нафаси баҳор” аз 127 шеър ва ривояти “Қиссаи гург ва рӯбоҳ” иборат буда, он бо шеъри “Шинохта моро ҷаҳон” оғоз меёбад.

Шаҳру деҳи дилрабо
Майдонҳои дилкушо
Иншоотҳои барқӣ
Корномаҳои халқӣ.

Навбаҳори истиқбол
Дода ба мо пару бол
Иқтидори халқамон
Ифтихори халқамон.

Дар ин ҷо ва “Тоҷикистон”, “Шайдои Ватан”, “Шиноснома” барин шеърҳо ҳусни дилфиребй Тоҷикистони озод, сохтмону тараққиёти он бо меҳр тасвир ёфта, дар шеъри “Насли ориён” бошад, ҳамдилию ҳаммаслакии ҳамзабонҳо таъкид ёфтааст.

Тоҷику эронием,
Ҳиндиву афғонием,
Хешони беш дорем,
Бегона кай шуморем.
Мо асли ориёнем,
Мо насли ориёнем.

Тараннуми Ватан ва садоқат ба он тавсифи фасли баҳор, табиати зебо, соли нав, гул, офтоб, модар, устод-муаллим, фарзанд забони модарӣ, аҷдоди шӯҳратёр, мактаб, ситоиши олами беолоиши кӯдак, нон, дӯстию рафоқат, накӯкорӣ, зодгоҳ, сарзаниши танбалӣ, одатҳои бад ва ғайра мазмуни асосии чакидаҳои қалами шоирро ташкил мекунад.

Бар Ватан хизмат кардан,
Нишони мардонагӣ.
Илми ҳарбӣ омӯхтан,
Хислати фарзонагӣ...
Аком кулоҳи худро
Бар сари ман бипӯшонд.
“Сарбози тайёр!” гуфта,
Қалби маро хурӯшонд.

Маҷмӯаи “Намози рӯи барг” асосан аз шеърҳои озод иборат буда, дар онҳо эҳсосоти дили шоир оиди оламу одам ва масъалаҳои гуногуни зиндагӣ барҷаста ифода ёфтааст. Ин китоб ҳафтод шеъру ғазалро дар бар мегирад, ки солҳои гуногун эҷод шудаанд.

Аввалин шеъри маҷмӯа “Тахти ман” ном дошта, он ба зодгоҳи “қиммат зи ҷон”-и шоир – Бухоро бахшида

шудааст.

Эй Бухоро!
Фохира зебомакон,
Хонамози бибию бобои ман,
Қиблаи додои ман.
Маъбади Зардушти ман,
Сад ҳазорон хадди ман аз пушти ман.
Рӯйи хокат нақши Искандар бимонд,
Насли покат лашкари аъроб ронд,
Лолагун шуд хоки ту,
Ҳар дару утоқи ту…
Чингизе бо чашми тангаш бар
сарат шамшер ронд...

Қаҳрамони шеър на фақат ватанашро дӯст медорад, балки "ҳар зарра хок"-и меҳанаш барои ӯ азиз буда, ба ояндаи боз ҳам дурахшонтари он бовар мекунад:

Зи истиқболи кишвар хотирам ҷамъ,
Нагардад меҳри ман як заррае кам.
Пазирад миҳанамро халқи дунё,
Нигаҳ дорад худо аз чашми бадҳо.

Адиби худогоҳ ҳамчун шаҳрванди диёри озод дар айни замон бо аслу насаби худ фахр месозад:

Кӣ медонад, ки сад пуштам Бухорист,
Хуни тоҷик дар рагҳом ҷорист...
Дар ин ҷо дастҷамъу ҳамзабонем,
Ба шаҳроҳи замон мо ҳам равонем.
(Аз шеър "Ба хотири миллат")

Шеъри "Санги сина" гӯё нақши ҷароҳати дили шоир аз воқеаҳои нохуши "ҷанги бародаркуш"-и солҳои навадуми Тоҷикистон аст.

Маро дарду ғами миллат адо кард.

Ҳама бадбахтии олам раво кард.

Ниҳоят болодастии ақлу заковат боиси муросои миллӣ гардид ва чун борони ҳаётбахш занги дилро шуст:

Бирехт аз чашми гардун ашки шодӣ.
Бишуд ранги гулистон дашту водӣ.
Чӣ даврони хуше шуд,
Чӣ даврони хуше шуд.

Шоир дар як қатор шеърҳояш табиати фаслҳои солро бо услуби ба худ хос тасвир намудааст.

Бин, биборад паға-паға барфи нав,
Ҳар гулаш як ҳарфи нав.
Менависад шеъри нав
Аз барои соли нав
Кош бидиҳад дасти як тасвири нав...

Силсилаи шеърҳои “Аз дафтари Афғонистон” ба ҳаёти ҳамзабонони кишвари ҳамсоя бахшидашуда манзумаҳои “Толибон”, “Диёри чангзада”, “Рустаме аз Панчшер”, “Шаҳри пурсукунат”-ро дар бар мегирад.

Баромад аз бари чангал яке шер,
Ба рағми душманон гардида шамшер.
Сари сабзи адуро пора мекард,
Ба вазъи кишвараш наззора мекард.

Агар дар ин чо (“Рустаме аз Панчшер”) тавсифи Қаҳрамони Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд оварда шуда бошад, дар шеъри шаҳри пурсукунат оворагардию аз чабри ачнабиён аз ватани худ фирор кардани мардуми чабрдидаи афғон акси бадеӣ ёфтааст.

Ку шаҳриёну шаҳриёри дерина,
Кӯчаҳо чу дарёи хушкида.

Соҳилҳо чу лабҳо парсинбаста,
Мардум гурусна ба кулчаи ширмолӣ
Моҳ дилбаста, хело хаста.

*Амрулло Авезов, хабарнигори*
*“Овози тоҷик”. Вилояти Бухоро.*

# "АРЗИ СИПОСИ"-И ШОИР

*(Аз рӯзномаи "Овози тоҷик" № 5 (13874)
16 январи соли 2013)*

Соли гузашта нашриёти "Бухоро" гузидаи шеърҳои кӯдаконаи Асад Гулзодаи Бухороиро таҳти унвони "Арзи сипос" аз чоп баровард. Китоби номбурда бо пешгуфтори муҳаррири масъули китоб, профессори Донишгоҳи давлатии Бухоро Таваккал Чориев оғоз меёбад.

Аввалин шеъре, ки ҳамноми китоб аст, чунин оғоз меёбад:

Шукри хони пурнеъмат,
Шукри нони бееминнат.
Ризқи мо пуру паймон
Ҳузур кунад тану ҷон ...

Шеъри навбатӣ "Куҳан Бухоро" ном дошта, шоир арзи дил, муҳаббати бепоёни худро нисбати диёри азизаш ин тавр баён кардааст:

Ҳар зарра хокат
Зар асту зевар,
Санги бунёдат
Қимат зи гавҳар.
Шаҳри дилрабо,
Куҳан Бухоро ...
Макони ирфон,
Диёри дониш.
Ҳар сатри Айнӣ
Китоби хониш
Шаҳри дилрабо,
Куҳан Бухоро ...

Қулфи дари ту
Доимо боз аст,
Мардуми некат
Меҳмоннавоз аст.
Шаҳри дилрабо,
Куҳан Бухоро ...

Деҳаи оддии назарногири Соктаре бо шарофати Айнии бузург шӯҳратёр гардид. Асад Гулзода дар шеъри “Соктаре” нисбат ба вай чунин муроҷиат намудааст:

Эй деҳаи дур,
Сарчашмаи нур ...

Дар китоби “Арзи сипос” садҳо шеъри наву куҳан (як қисм гулчин аз маҷмӯаи “Насими Бухоро”)-и шоир оварда шудааст, ки дар он ҳаёти беғубори кӯдакӣ, эҳсосоти ширини оғӯши оила, меҳри модар, ҳурмати падар, омӯзгор, эҳтироми калонсолон, лаҳзаҳои нотакрори даврони бачагию мактабхонӣ, манзараҳои дилфиребн табиат, ҳусни нотакрори фаслҳои сол, васфи ёру диёр ва ғайра акси худро ёфтаанд.

Қиссаву ривоятҳои “Роҳи умр”, “Бабр дар қафас” маъноҳои рамзӣ дошта инсонро ба бурдборию ботамкинӣ, озодидӯстӣ даъват менамояд. Хусусан, манзумаи “Айби маро маҷӯед”-и Асад Гулзодаи Бухорӣ, ки ба пайравии “Баҳориёт”-и Сайидои Насафӣ эҷод шудааст, диққатҷалбкунанда мебошад. Он аз дебочаю хотима иборат буда, саволу ҷавобҳои Зоғи ало, Булбул, Муш, Гурба, Саг, Гӯсфанд, Гов, Мӯрча, Шер, Шағол, Гург, Хар, Асп, Фил, Харгӯш, Буз, Шутурро дар бар гирифтааст.

Ривоятҳои “Каҳкашон”, “Занбӯри сурх ва Занбӯри асал”, “Маҷлиси хоса”, “Пири хоркаш” аҳамияти тарбиявӣ-иҷтимоӣ доранд. Шеъри “Ба ёди устод” ба муносибати 100-солагии шоири форсигӯи Бухоро Иброҳим

Қосимӣ иншо шудааст. “Арзи сипос” бо байту чистонҳо поён меёбад:

Даруни кӯчаи сарбаста зистем,
Надонистем, ки мо кистему чистем?

Ранги замин чӣ бошад?
Хуни беранг чӣ бошад?

Китоб барои ҳамдиёрону ҳамзабонон армуғони хубест.

*Амрулло Авезов, хабарнигори*
*“Овози тоҷик”. Вилояти Бухоро.*

## САФАРИ ХОТИРМОН

(Аз рӯзномаи “Овози тоҷик” № 92 (13962)
16 ноябри соли 2013)

Номи паёмнигор ва шоир Асад Гулзодаи Бухороӣ (Асад Гулов) кайҳост, ки барои мухлисони назми тоҷикӣ шинос аст. Агар аввалин шеърҳои ӯ дар махмӯаҳои дастҷамъи “Мурғобӣ чӣ мекобӣ?”, “Лабзи ширин”, “Каҳкашони орзу” ва “Гули мурод”, сонитар дар “Фариштагони форсигӯ” дохил гардида бошанд, минбаъд маҷмӯаи шеърҳояш таҳти унвонҳои “Насими Бухоро”, “Хати пешона”, “Шукуфаҳои Бухоро”, “Намози рӯи барг”, “Арзи сипос” пасу пеш дар нашриётҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон чоп шудаанд.

Бино ба гуфти шоир ба ҷилди аввали “Тазкираи адабиёти кӯдакон ва наврасон”, ки чанде қабл дар Душанбе рӯйи чопро дида буд, намунаҳо аз эҷодиёти Асад Гулзодаи Бухороӣ низ дохил гардидаанд. Шоир чанд муддат дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико буд ва чанде пеш ба Ватан баргашт.

Ба қарибӣ аз таассуроти эшон аз ин сафараш пурсон шудам.

– Вақтҳои охир банда аз маризии диққинафас азият мекашам. Табибон бо мақсади иваз намудани обу ҳаво ба мамлакатҳои дурдасттарин сафар карданамро маслиҳат медоданд. Инак, имконият даст доду ба он амал кардам, – сӯҳбатро оғоз кард шоир.

– Аз сафар чӣ чизҳо бароятон хотирмон буд?

– Аввало шукри истиқлолияти Ватан, ки ба мани мӯйсафед имконияти сафари он сӯйи уқёнусро бо ҳамроҳии ҳамсарам фароҳам овард.

Албатта, тамошои мамлакати бузурги дунё, биноҳои осмонбӯсу зебои шаҳрҳо, мулоқот бо мардуми гуногунқавм бароям хотирмон буд. Бо вуҷуди ин, дар ҷараёни сафар ду воқеа рух дод, ки фаромӯшнопазиранд.

Якум, вохӯрӣ бо яҳудиёни Бухорои шаҳри Ню-Йорк дар маркази Конгресси ҷамъияти яҳудиёни Бухоро. Дар толор адибон, намояндагони илму фарҳанг, дӯстдорони назм гирд омада буданд. Чорабиниро раиси Иттиҳоди нависандагон, шоирон ва паёмнигорони яҳудиёни Бухоро, сармуҳаррири ҳафтаномаи "Бухоро таймс" Рафаэл Некталов ифтитоҳ намуд.

Вақте банда ба сухан баромада, дар бораи комёбиҳои беназири мардуми Ӯзбекистон тӯли солҳои истиқлолият, рӯйи об баромадани орзую умедҳои халқамон дар ин солҳо, ободию тараққиёти шаҳру деҳотамон, аз ҷумла дилкашу зебо гардидани Бухорои Шариф ҳарф мезадам, дар чашмони мизбонон ашк ҳалқа мезад. Эҳсоси дурӣ аз Ватан ва пазмониро пинҳон намекарданд.

Суханони шоирон Исохор Гавриэлов, Алберт Ёқубов, нависанда ва рӯзноманигор Малкиэл Дониэл, доктори илм ва рӯзноманигор Рена Елизарова дилрешкунанда буданд. Шоира Зоя Ёқубова, коргардонони театр М.Мошеев, Б.Каттаев низ арзи дил карданд.

Аз ҷумла, коргардони театри яҳудиёни Бухорои Ню-Йорк Мирхай Мошеев дар бораи забони модариамон чунин гуфт: "Забони форсӣ забони бисёр халқҳост. Аз ҷумла, вай дар давоми ду ҳазор сол забони модарии мо низ гардид ... Намоишномаҳои театри мо фақат ба ҳамин забон сурат мегирад".

Дар театри Квинси Ню-Йорк ба муносибати 140-солагии зодрӯзи шашмақомхони машҳур Левича Бобохонов (1873-1926) ҷашнвораи дуюми байналхалқии шашмақомхонҳо баргузор гардид, ки дар он иштирок кардам.

Дар он мақомхонҳои машҳури Исроил, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва ИМА: Абрам Толмасов, Ҳасан Раҷабӣ, Шумиэл Толмасов, Изро Малаков, Рошел Рубинов, Роман Толмасов, Илюша Ҳавасов, Рошел Аминов, Рафаэл Бадалбоев, Сардор Солиев, Ошер Бараев, Абохай Аминов, Содирхон Убайдуллоев иштирок карданд. Ба мақомхони Ӯзбекистонӣ Ҳасан Раҷабӣ писараш Азиз ҳамроҳӣ дошт.

Бояд таъкид намуд, ки дар ин чорабинӣ саҳми консулхонаи генералии Ӯзбекистон дар Ню-Йорк низ муносиб буд.

Қадри Ватан, азизию мӯътабарии онро инсон бештар дар мусофирӣ ҳис мекунад.

Гуфтаҳои шоири машҳури тоҷик Мирзо Турсунзода ҳангоми сафар гӯё эҳсоси дили моро ифода мекард:

Ватан, дар ҳар куҷо омад бар сар форам ҳавои ту,
Ман аз он сӯйи уқёнус бишнидам садои ту.

– Устод, аён аст, ки ҳамоно пурсамар эҷод мекунед, мундариҷаи асосии шеърҳои имрӯзаатон аз чӣ иборат аст?

– Васфи Ватан, зодгоҳ – Бухоро.

*Амрулло Авезов, хабарнигори*
*“Овози тоҷик”. Вилояти Бухоро.*

## ФАРЗАНДИ БУХОРОИ ҚАДИМУ НАВҶАВОН

(Аз рӯзномаи “Овози тоҷик” № 104 (13588)
30 декабри соли 2009)

Ин ном барои ман хеле азиз аст. Банда аз овони бачагӣ бо ин ном ошно ҳастам. Ёд дорам, рӯзе муаллимаи синфи ибтидоиям Нория Назарова ба мо шеъри “Қолинбоф”-ро дар дарси хониш хонда доданд. Дар поёни шеъри мазкур “Асад Гулов” навиштагӣ буд ва муаллимаамон гуфтанд, ки Асад Гулов “Бухорой” мебошанд. Аз ҳамон рӯз инҷониб ман ошиқи шеъри Асад Гулзода шудам. Ва дар орзуи дидори муборакн ин марди мардон будам. Ин орзуи ман вақте ки дар курси якуми гурӯҳи тоҷикии шӯъбаи методикаи таълими ибтидоӣ ва корҳои тарбиявии факултети Педагогика ва маданияти ҷисмонии Донишгоҳи давлатии Бухоро мехондам, дар кафедраи забон амалӣ гашт. Маро мудири кафедра, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Юнус Азимов (эшон ҳоло муовини декани факултети Педагогика ва маданияти ҷисмонӣ мебошанд) шиносонда буданд.

Хонаи устод Гулзода ҷойи хеле мӯътабар аст. Зеро ба ин хонадон Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар, Камол Насрулло, Ӯрун Кӯҳзод, Шавкат Шукуров, Ҳаёт Неъмат, Намоз Ҳотамов, Аслиддин Қамарзода барин инсонҳо ташриф овардаанд. Хонаи устод барои ман макони илҳомбахш ва пажӯҳишгоҳ аст. Солҳои донишҷӯиям ҳафтае як, баъзан ду бор меҳмони Асадҷон Гулзода шуда аз сӯҳбат ва дуои ин марди шариф баҳраманд мешудам. То хатм намудани донишгоҳ ба камина ҳам ёрии маънавӣ, ҳам ёрии моддиро дареғ намедоштанд. Имрӯзҳо ман ва аҳли оилаамон бо аҳли хонадони устод Асадҷон Гулзода чун хешу табори наздик рафтуо дорем...

Асад Гулзодаи Бухорой 5 январи соли 1935 дар деҳаи Шавгони ноҳияи Пешкӯи вилояти Бухоро таваллуд ёфтааст. Маълумоти ибтидоӣ ва миёнаро дар ҳамон ҷо ги-

рифтааст. Соли 1954-ум ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко дохил гардида, соли 1958-ум онро хатм менамояд. Аз соли 1958 то соли 1968 дар мактабҳои ноҳияи Пешке ва ноҳияи Бухорои вилояти Бухоро омезгор буд. Аз соли 1968 то ба нафақа баромадан (соли 1995) дар шӯъбаи тоҷикии радиёи вилояти Бухоро кор кард. А.Гулзода бо таълифи як силсила шеърҳояш ҳамчун шоири бомаҳорату сермаҳсул ва ҷӯянда шинохта шудааст. Панҷ маҷмӯаи шеъриаш: "Насими Бухоро" (соли 2001 дар нашриёти "Бухоро"-и шаҳри Бухоро) "Хати пешона" (соли 2003 дар нашриёти "Сурушон"-и Душанбе), "Шукуфаҳои Бухоро" (соли 2004), "Намози рӯи барг" (соли 2007), "Нафаси баҳор" (соли 2007) дар нашриёти "Маориф ва фарҳанг", Душанбе) рӯи чопро дидаанд. Инчунин шеърҳояш дар маҷмӯаҳои дастҷамъии "Мурғобӣ чӣ мекобӣ", "Лабзи ширин", "Хорпуштак" (Душанбе), "Каҳкашони орзу", "Фариштагони порсигӯ", "Гулистони адаб" (Тошканд) ва "Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон (Теҳрон) интишор ёфтаанд. Ӯ аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

Асад Гулзода адибест борикбин ва руҳшинос. Тавассути офаридаҳои хеш ба инсони замини мо дарси одамият мегӯяд ва ҳамчун шоири даври худ дар тарбияти маънавии миллати хеш хизмати пурарзиш мекунад. Дар навиштаҳои ӯ воситаҳои дилнишини тасвирӣ, ифодаҳои пуробурангу образнок ва истеъмоли воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо фаровонанд.

Оре, шоири дарёдилу меҳрубон Асад Гулзодаи Бухорӣ аз шоирони шинохтаи навҷӯю навёб аст. Забон ва тарзи баёни ӯ оддӣ, равон, зебо ва ширину ширадор мебошад. Барои асоснок кардани ин фикрамон ду шеърро иқтибос меорем:

Қадиму навҷавон астӣ, Бухоро,
Бароям як ҷаҳон астӣ, Бухоро.

Ту шаҳри қиссаву афсонаҳоӣ,
Ба дунё достон астӣ, Бухоро.
Гувоҳи таърихат ҳар пора нақш аст,
Ту таърихи аён астӣ, Бухоро.
Чу Дониш, Ал Бухороӣ, Ибни Сино.
Бузургонро макон астӣ, Бухоро.
Маноръу гумбазу Арки ту бемисл,
Ҳунарро ошён астӣ, Бухоро.
Чу маҳди илму ирфон, дину фарҳанг
Ба дунё ҷовидон астӣ, Бухоро.

Чанор: – Чанор, эй чанор,
Солакат ҳазор,
Аз чӣ ту ҳастӣ ҳамон устувор?
– Соябон манам бар сари мардум,
Вагарна кайҳо мешудам ҳезум...

Ӯ аз ганҷинаи бои эҷодиёти даҳонакии халқ дар мавридаш ва эҷодкорона истифода мебарад. Чунончи ба ин шеъри "Оши баҳор" мисол шуда метавонад:

Оши баҳор аст, Суманак,
Оши наҳор аст, Суманак.
Сархати "ҳафтсин" Суманак,
Баҳори пешин Суманак...

Ҳаҷв низ дар эҷодиёти А.Гулзода мақоми хос дорад. Дар ин гуна шеърҳо хислату кирдори ношоистаи одамони калонсол ва хурдсолон бо мутоиба ҳаҷв карда шудааст:

Каллаи Усмон каду
Баҳои ҳаррӯза "ду".
Вазифаҳо нотайёр
Надонад ду карра ду.
Мешинад конфет хӯрда,

Дам ба дам хобаш бурда.
Муаллим чизе пурсад,
Забони ӯ нимғурма,
Ҷӯраҳо дар азобанд,
Иллаташро мекобад.
Магар ин хел танпарвар,
Мешавад ватанпарвар?!

Шеърҳои ба Бухоро бахшидаи шоир хеле дилнишин ва хотирмонанд:

Дар кафи дашту паҳно,
Шаҳри қадим Бухоро.
Нақшу дару devoраш,
Зебо асту дилрабо.
Манораи Калонаш,
Зи абри гардун боло.
Таърихи хоса дорад,
Ширбадану Дилкушо.
Ситора Мохи Хоса,
Рӯйи хокаш пурҷило...

Ё ин ки:
Бухоро, умри ту бодо зиёда
Намо сад қарни дигарро пиёда.
Биёям аз сафар, ай модари ҷон,
Ба рӯям доимо руҳат кушода.

Бале, Асад Гулзодаи Бухороӣ дар таърихи адабиёти бачагонаи тоҷик мавқеи пурифтихоре дорад. Дар фуроварди сухан Асад Гулзодаро бо синни муборакӣ 75 солагиашон табрик мегӯем. Ба соҳибҷашн, бо ибораи ҳазрати Лоиқ Шералӣ гӯем, “умри китоб”, “умри китобҳои бузург”-ро таманно дорем.

*Умуров Ғанӣ, омӯзгор. Вилояти Бухоро.*

## ПОЭТ АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРОИ В КВИНСЕ

ГОСТ THE BUKHARIAN TIMES

(Аз рӯзномаи “The Bukharian Times” № 597
19-25 июли соли 2013)

Асад Гулзода родился в 1935 году в селе Шавгон Пешкинского района Бухарской области, Узбекистан. Среднее образование он получил в том же месте. В 1958 году он окончил факультет таджикского языка и литературы в Университете города Душанбе. Последующая его деятельность связана с преподаванием и журналистикой в Телерадиокомпании Бухараской области.

Асад Гулзода с младших лет решил заниматься поэзией. Его стихотворения издавались в газетах Узбекистана и Таджикистана.

Стихотворения Асада Гулзоды были изданы в коллекционных книгах “ Мургоби чи мекобат?”, “Лабзи Ширин” в издательстве “Маориф” Душанбе. А также его стихотворения нашли своё место в сборниках “Кахкашони орзу” (Ташкент) и “Гули Мурод” (Душанбе).

В книгах “Насими Бухоро” (Бухара, 2001), “Хати пешона” (Душанбе, “Сурушан”, 2003) собраны лучшие стихотворения поэта, написанные в яркие периоды его жизни.

В 2004 году в издательстве “Маориф ва фарханг”, в Душанбе выходит в свет сборник стихотворений поэта под названием “Шукуфахои Бухоро”, а в том же издательстве в 2007 году – книги “Намози руи барг”, “Нафаси бахор”.

В стихах Асада Гулзоды в свойственном ему поэтическом языке описываются Бухара и ее неповторимые пейзажи, жизнь и труд населения этого древнего города. Большинство своих стихотворений поэт посвятил детям.

Асад Гулзода является членом Союза писателей Таджикистана с 2003 года.

В начале июля Асад Гулзодаи Бухоро встретился в Центре бухарский евреев с председателем Союза бухарского-еврейских писателей, поэтов и журналистов, главным редактором газеты “The Bukharian Times” Рафаэлем Некталовым.

Мне было интересно ознакомиться с американской газетой, имя которой связано с самым дорогим для меня городом - Бухарой, - сказал автору этих строк поэт Асад Гулзодаи Бухоро. - А с главным редактором Рафаэлем Некталовым я познакомился заочно: он давал интервью журналисту Первого канала Таджикского телевидения, и я поразился тому, какой интересной жизнью живет обшина бухарский евреев Нью-Йорка. Особенно поразил меня тот факт, что в Америке проводится фестиваль “Шашмаком навсегда!”, который посвящен творчеству великого певца Бухары Устоза Леви Бобоханова, которого в народе называет любя: Левича.

Чем вам запомнилась эта встреча с Рафаэлем Некталовым?

Я мечтаю встреться с членами Союза бухарского – еврейских писателей, поэтов и журналистов. Хочу прочитать им свои стихи на родном для нас всех языке. Буду рад встрече со своими земляками - бухарцами.

*Ашер Токов, ответственный секретарь союза писателей, журналистов.*

## ҒОЛИБИ АНДАР НАБАРДИ ЗИНДАГӢ

*Эҳдо ба охирин шоири форсигӯи Бухорои Шариф Мавлоно Асад Гулзодаи Бухорӣ. 12 феврали соли 2019 пас аз бозгашти сафари Бухоро.*

Чун табиби кулли дарди зиндагӣ,
Ғолибӣ андар набарди зиндагӣ,
Рӯдакӣ буд, ар сухангӯи нахуст,
Ҳамчу ӯ ҳастӣ ту марди зиндагӣ.

Бар дилат иршод аз шеъри дарист,
Синаи ту шод аз шеъри дарист.
Чун мадорисҳои зебои Бухоро,
Хонаат обод аз шеъри дарист.

Шоири боҳиммати фарзонаӣ,
Қаҳрамони миллатӣ, якдонаӣ.
Дар Бухорои Шарифи номвар,
Ту анису мӯниси ҳар хонаӣ.

Бо садои дилкаши марғуладор,
Оварӣ бар ҳар диле фасли баҳор.
Ҳастӣ дар ҷуғрофиёи тоҷикон,
Дар миёни аҳли дил боэътибор.

Бо "Намози рӯи барг"*-и хештан,
Синаҳоро кардӣ чун боғу чаман.
Рафтӣ сӯи дӯст бо "Арзи сипос"*
Гармӣ афзудӣ ту бар ҳаранҷуман.

Баҳри мо овардӣ "Анфоси баҳор",*
Бо "Шукуфа..."*, бо "Насиме аз Бухор".*
Сабт кардӣ шеъри ноби хештан,
Дар "Хати пешонӣ"* бо сабки ҳазор.

Се китоби “Куллиёт”*-ат дилкашаст,
Посдори лафзин оби беғашаст.
Чун “Авасто”** дорӣ умри бардавом,
Синаи гарми ту пур аз оташаст.

Кӯдакон бо шеъри ту гарданд калон,
Хонад ашъори туро пиру ҷавон.
Дар қатори номи Айнии бузург,
Номи ту монад ба гетӣ ҷовидон.

*Исмоил Зарифӣ*

---

*Номи китобҳои шоир
** Китоби муқаддаси зардуштиён

## БУХОРО

*(Се мухаммас бар ғазалҳои Асад Гулзодаи Бухороӣ.*
*12 феврали соли 2019 пас аз бозгашти сафари Бухоро.)*

Чу дарёи равон астӣ, Бухоро,
Чун наҷми осмон астӣ, Бухоро,
Насими Мӯлиён астӣ, Бухоро,
"Қадиму навҷавон астӣ, Бухоро,
Бароям як ҷаҳон астӣ, Бухоро".

Ту гармии ҳама кошонаҳоӣ,
Ту маъвои басе ҷононаҳоӣ,
Ту сархайли ҳама дурдонаҳоӣ,
"Ту шаҳри қиссаву афсонаҳоӣ,
Ба дунё достон астӣ, Бухоро".

Наарзад дар баҳоят сад навоҳӣ,
Миёни шаҳрҳо, танҳо ту шоҳӣ,
Набинӣ ҳеҷ гаҳ ҳаргиз табоҳӣ,
"Диҳад таърих аз шаънат гувоҳӣ,
Ту таърихи аён астӣ, Бухоро".

Нагардад сер аз ту чашми бино,
Ту ҳастӣ ҳамчу Исмоил тавоно,
Ҳамафарзанди ту хубасту доно,
"Чу Дониш, Ал-Бухорӣ, ИбниСино,
Бузургонро макон астӣ, Бухоро".

Ситора Моҳи Хоса бас дилорост,
Лаби Ҳавзи ту асбоби тамошост,
Ба Регистони ту дилзору шайдост,
"Манору гумбазу арки ту зебост,
Ҳунарро ошён астӣ, Бухоро".

Нагардад кас ба оғӯши ту дилтанг,
Чу ҳусни ту дилоро нест “Аржанг”,
Ту шеъри дилкашӣ, ту зеби оҳанг,
“Чу маҳди илму ирфон, дину фарҳанг,
Ба дунё ҷовидон астӣ, Бухоро”.

*Исмоил Зарифӣ*

## ОШИҚИ ШАЙДО ШУДАМ

Сӯи мулки ишқ раҳпаймо шудам,
Лутфу эҳсони туро ҷӯё шудам,
Ҳеҷ будам, аз ту сарболо шудам,
“Эй парӣ, ман ошиқи шайдо шудам,
Лол будам, булбули гӯё шудам”.

Дидаам сад бор тамкини туро,
Сулҳ овардам ҳамакини туро,
Бас забонам гуфт таҳсини туро,
“Чун шунидам лафзи ширини туро,
Аз ҳама ширинӣ бепарво шудам”.

Қиссаҳои боб гуфтӣ, ҷонакам,
Дар шаби маҳтоб гуфтӣ, ҷонакам,
Пештар аз хоб гуфтӣ, ҷонакам,
“Хоби худ бар об гуфтӣ, ҷонакам,
Таъбираш ҷӯё таҳи дарё шудам”.

Ҳастӣ ҳамро ҳам ҳамашому сабо,
Кӯҳу пушта ҳаст бо ту дилрабо,
Ту макун дигар ба манн ҷавру ҷафо,
“Гуфта будӣ: Сӯйи ман фардо, биё,
Гӯиё сар то қадам фардо шудам”.

Рози худ аз ту намедорам ниҳон,
Месупорам пеши рӯят имтиҳон,
Аз ту мемонам дар ин олам ҷавон,
“Бо умеди васли ту, моҳи ҷаҳон,
Гирди дунё гаштаму дунё шудам”.

Аз гулистон бӯйи некӯ мерасад,
Аз дили ҳар санги раҳ гул медамад,
Бар саломат нахли дилҷӯ мехамад,
“Бахти некӯ бар ту хандид, эй Асад,
Дар ҷаҳони ошиқӣ бино шудам”.

*Исмоил Зарифӣ*

## ДАР ҶАВОНӢ МЕШАВАД

Қуввату ақлу заковат дар ҷавонӣ мешавад,
Бахшишу меҳру мурувват дар ҷавонӣ мешавад,
Саъйи дар су саъйи тоат дар ҷавонӣ мешавад,
"Ғайрату маҳсули меҳнат дар ҷавонӣ мешавад,
Мояи ишқу муҳаббат дар ҷавонӣ мешавад".

То шавад обод аз дасти ту боғи рӯзгор,
То намояд гул зидастат хори батни кӯҳсор,
Зиндагӣ гардад барои халқи олам хушгувор,
"То шавад нахли умедат сарбаланду мевадор,
Кун ту коре, фатҳу нусрат дар ҷавонӣ мешавад".

Одамонро бар мақоми одамӣ иршод кун,
Назми оламро ба оҳанги тараб эҷод кун,
Хотири халқи ҷаҳонро бо муҳаббат шод кун,
"То тавонӣ, гӯшаи мулки диле обод кун,
Ҳар чи буд аз лутфу ҳиммат, дар ҷавонӣ мешавад".

Дар замини зиндагонӣ тухми кину ғаммакор,
Халқи оламро макун бо чашми кин беэътибор,
То тавонӣ ҳеҷ гаҳ аз худ макун азми фирор,
"Дасти худ аз кору бори зиндагӣ ҳаргиз мадор,
Ҳарчӣ буд аз ганҷу сарват, дар ҷавонӣ мешавад".

Умри худро сарф кун, эй дӯст, дар роҳи савоб,
То расӣ бар манзили дил, рӯ магардон аз китоб,
Гардӣ ту бар мақсади худ дар замона комёб,
"Рав, дили маҳбубаи беҳтар зи ҷони худ биёб,
Чунки ҳар бахту саодат дар ҷавонӣ мешавад".

Дар дили андеша ҷо шав ҳамчу байти хуби фард,
Якдилу якрӯй бошу бош ту аз аҳли дард,
Ҳеҷ гаҳ н-ояд бурун аз синаи ту оҳи сард,
"Дар муҳаббат тоза будан мисли гавҳар кори мард,
Мард будан дар муҳаббат дар ҷавонӣ мешавад".

*Исмоил Зарифӣ*

## ҚАЙДИ МАЪЛУМОТ ВА ИНТИХОБИ ШЕЪРҲОИ ШОИР ДАР ТАЗКИРАВУ КИТОБҲО

## ДАР "ТАЗКИРАИ АДАБИЁТИ БАЧАҲО"

Асад Гулзодаи Бухорӣ дар деҳаи Шавгони ноҳияи Пешкӯи вилояти Бухоро дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Маълумоти миёнаро дар зодгоҳаш ва маълумоти олиро дар Бахши суханшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе соҳиб шудааст. То соли 1968 муаллими мактабҳои тоҷикии вилояти Бухоро ва то соли 1995 дар Бахши тоҷикии Ширкати телевизиону радиошунавонии вилояти Бухоро фаъолият доштааст. Имрӯз машғули кори эҷодист. Асосан барои кӯдакону наврасон менависад.

Бисёр китобҳои шеъраш дар Душанбе, Бухоро, Тошканд ва Теҳрон ба чоп расидаанд. "Насими Бухоро" (2001), "Хати пешонӣ" (2003), "Бухоро" (2004) ва монанди инҳо аз ҳамин қабил маҷмуаҳои ашъори Асад Гулзодаи Бухорӣ мебошанд.

Аз соли 2003 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.

## БУХОРО

Куҳаншаҳри ҷавонӣ, эй Бухоро!
Ту зеби ин ҷаҳонӣ, эй Бухоро!

Ту шеъру қиссаву афсонаҳоӣ,
Ба некӣ достонӣ, эй Бухоро!

Чӣ ҷаззобанд ҳар нақшу нигорат,
Ту таърихи аёнӣ, эй Бухоро!

Чу Дониш, Ал-Бухорӣ, Ибни Сино
Бузургонро макони, эй Бухоро!

Манору гунбаду Арки ту нодир,
Ту марзи бостонӣ, эй Бухоро!

Чу маҳди донишу фарҳанги Машриқ
Ба дунё ҷовидонӣ, эй Бухоро!

Ба ҳар фарзанди тоҷики баномус
Ту ҳамчун қибла монӣ, эй Бухоро!

## ДОДАРАКАМ

Додари нозанинам,
Ба чашму дил қаринам,

Дарди туро набинам,
Бардам калон шавӣ ту!

Зеби замон шавӣ ту!
Дилбастаи китобӣ,

Аз кор рӯ натобӣ,
Дурри мурод ёбӣ.

Бардам калон шавӣ ту!
Зеби замон шавӣ ту!

Ҳастӣ ҳалиму хушгап,
"Лаббай" ҳамеша дар лаб,

Хоҳам, расӣ ба матлаб,
Бардам калон шавӣ ту!

Зеби замон шавӣ ту!
Эй ганҷи бебаҳоям,

Ҷону дилӣ бароям,
Пайваста дар дуоям:

Бардам калон шавӣ ту!
Зеби замон шавӣ ту!

## ГУЛХОНА

Мо аз зимистон
Парво надорем,

Дар боғи мактаб
Гулхона дорем.

Бо ҳам ба сад ранг
Гул рӯяд ин ҷо,

Бо рангу бӯяш
Дил ҷӯяд ин ҷо.

Гулхонаи мо
Як ҷойи зебост,

Дар чор мавсим
Ҷойи тамошост.

.

## ЗАРРИНА

Заррина духтари кист?
Заррина гавҳари кист?

Турфа баодоб ӯст!
Гавҳари ноёб ӯст!

Балки чу як дастёр
Ҳаёт фақат банди кор.

Хонад агар, зеҳн мон:
Хонданаш - оби равон!

Тоза бипӯшад либос,
Тоза фишонад палос.

Хуб ҳама кори ӯст,
Хуш ҳама рафтори ӯст.

Заррина хоҳари мост,
Гули боғи  Бухорост.

.

## ТӮЙИ ЗАМИН

Фасли дай аз мо равад,
Сардии сармо равад.

Даври баҳорон расад,
Турна қаторон расад.

Сабза дамад сар ба сар,
Гул шукуфад бар ба бар.

Бодаки форам вазад,
Мавсими борон расад.

Рӯйи замин тар шавад,
Тӯйи замин сар шавад!

## ЧАНОРИ САБЗ

– Эй чанори пир,
Эй чанори сабз,
Чун расидаӣ
То ҳазори сабз?
– Баҳри одамон
Соябон манам,
3-ин сабаб мудом
Сабзхон манам!

## МУРҒОБӢ

– Эй мурғи нағзи обӣ
Дар обҳо чӣ кобӣ?

–Ман мурғи обӣ ҳастам,
Ман обро парастам.

Об аст бистари гарм,
Об аст болини нарм.

Ҳам обро бикобам,
То ризқи худ биёбам.

Обам, ки ёри ҷонист,
Бунёди зиндагонист.

## СОЛИ НАВ

Духтарчаву писарча,
Давре ба даври арча,

Хурсанду шод будем,
Мо хушмурод будем.

Бобои барфин омад,
Дар китф хӯрҷин омад.

Як олам савғо овард,
Аз барои мо овард.

Ҷашне фараҳфизо шуд,
Олам ба коми мо шуд.

Соли нават муборак!
Рӯзи хушат қаторак!

## ДАР КИТОБИ “ЧАМАНИ МЕҲР”-И АКБАР ПИРӮЗӢ

## ДИЛДОДАИ ШЕЪРУ ГУЛ

(Ба муносибати 80-солагии рӯзи таваллуди
Асад Гулзодаи Бухороӣ)

Зи гаҳвора туи дилдодаи гул,
Табассум дар лабат аз бодаи гул.
Ту ҳастӣ боғбони гулшани меҳр,
Сафоят аз рухи озодаи гул.
Мунаввар кардаи дилҳои моро,
Ба нури шеъри худ дар ҷодаи гул.

Туро имрӯз таҳсин карду табрик,
Ҳазорон ғунчаи бикшодаи гул.
Дарои дар ҳазору зинда бошӣ,
Аё Шери садоқат, зодаи гул!

## ДАР “КИТОБИ ХОНИШ”-И СИНФИ 1




Дар “Китоби хониш” синфи 1 (Муаллиф: Зебунисои Тоҳириён, Ғафурҷон Маҳмудов, Равшан Мӯъминов. – Тошканд: “Ӯзбекистон”, 2013, саҳ.86, 90) “Ворис”, “Дуои хайр” ном шеърҳои шоир ҳамчун мавзӯъҳои боби “Насиҳати халқ – калиди бахт” бо савол ва супоришоти зерин дохил гардидааст.

### ВОРИС

Фарзанди хушманди ман
Ҷону ҷигарбанди ман.
Номат бувад Ҷаҳонгир,
Замину осмонро гир.
На бо камону шамшер,
Бо панду ҳикмату шеър.
Дидаи биноӣ ту,
Ворисиi Синоӣ ту.
Ҳарфи диламро шунав.
Алломаи замон шав.
Пайванди ду ҷаҳонам,
Бо ту ман зинда монам.

! Шеърро аз ёд кунед. Насиҳатҳои шоирро номбар кунед.

## ДУОИ ХАЙР

Бобоҷони ман – офтоб,
Момоҷони ман – моҳтоб.

Ҳар ду нури ҳаётанд,
Аз зиндагӣ нишотанд.

Хазинаи панд ҳастанд,
Бо мову ту дил бастанд.

Роҳи мо равшан кунанд,
Марзи дил гулшан кунанд.

Амрашон иҷро кунем,
Хизмати онҳо кунем,

То кунанд моро дуо
Ҳамин аст мақсади мо.

? Оё Шумо низ барои гирифтани дуои момо ва бобо-ятон кӯшиш мекунед?

! Шеърро аз ёд кунед.

Дар китоби дарсии мазкур (саҳ.121) "Деҳқон" ном шеъри шоир ҳамчун яке аз мавзӯъҳои боби "Меҳнат шараф аст" интихоб гардидааст.

## ДЕҲҚОН

Деҳқонӣ ҳам касбу кор,
Ба аҳди худ вафодор.
Вазъӣ замин медонад,
Илми замин мехонад.
Машғули кишту кор аст,
Ҳосили ӯ пурбор аст.
Ризқ ато мекунад,
Нақша ба ҷо мекунад,
Дар меҳнат монанди шер,
Чашми замон аз ӯ сер

## ДАР “КИТОБИ ХОНИШ”-И СИНФИ 2




Дар “Китоби хониш” синфи 2 (Муаллиф: Ҳазрат Сабоҳӣ, Облоқул Бозорзода.–Тошканд: “Ӯзбекистон”, 2001, саҳ.17) “Бухоро” ном шеъри шоир ҳамчун дарси алоҳида бо савол ва супоришот, шарҳи луғатҳо дарҷ гардидааст.

### БУХОРО

Қадиму навҷавон астӣ, Бухоро,
Бароям як ҷаҳон астӣ, Бухоро.
Ту шаҳри қиссаву афсонаҳоӣ
Ба дунё достон астӣ, Бухоро.
Гувоҳи таърихат ҳар пора нақш аст,
Ту таърихи аён астӣ, Бухоро
Чу Дониш, Ал-Бухорӣ, Ибни Сино
Бузургонро макон астӣ, Бухоро.
Манору гунбазу Арки ту бемисл,
Ҳунарро ошён астӣ, Бухоро.
Чу мадҳи илму ирфон, дину фарҳанг
Ба дунё ҷовидон астӣ, Бухоро.

Савол ва супоришҳо

1. Шеърро аз ёд кунед.
2. Боз кадом шаҳрҳои қадимии кишварамонро медонед?

ЛУҒАТ

Бемисл – бемонанд, нотакрор
Ошён – хона, манзил, макон
Маҳд – гаҳвора
Фарҳанг – маданият

## ДАР “КИТОБИ ХОНИШ”-И СИНФИ 3




Дар “Китоби хониш” синфи 3 (Муаллиф: Юнус Азимов.–Тошканд: “Ӯзбекистон”, 2008, саҳ. 71) “Бухоро” ном шеъри шоир ҳамчун дарси 35-ум бо савол ва супоришот интихоб гардидааст.

### БУХОРО

Дар кафи дашту саҳро,
Шаҳри қадим Бухоро.

Қасрҳои пуршукӯҳ,
Аз ганҷи санги хоро.

Нақши дару деворат,
Зебо асту дилрабо.

Шаҳруди пури обат,
Гӯё кони қаҳрабо.

Манораи Калонат,
Зи абри гардун боло.

Таърихи хоса дорад,
Ширбадану Дилкушо,

Ситораи Мохоса
Гашта Ҷаҳоноро.

Лаби ҳавзи нотакрор
Фақат хоси Бухоро.

Ҳар гӯшаи ҳисорат
Зебо зи мулки Доро.

Гарчи синнат норавшан
Зистӣ ҳазорсолаҳо,

Барои қавми тоҷик
Ватан ҳастӣ Бухоро.

Савол ва супоришҳо

1. Шеърро бо истҳо риоя намуда, ифоданок хонед.
2. Дар шеър кадом сифатҳои ба худ хоси Бухорои бостонӣ ба қалам гирифта шудааст?
3. Дар бораи шаҳри бостонии Бухоро чиҳоро медонед?
4. Дар Бухоро чӣ гуна ёдгориҳои таърихӣ мавҷуданд? Дар ин бора нақл кунед.

Дар саҳифаи дигари ҳамин китоби дарсӣ (саҳ.94) “Хуш омадӣ, соли нав” ном шеъри шоир ҳамчун дарси 49-ум бо савол ва супориш дарҷ гардидааст.

## ХУШ ОМАДӢ, СОЛИ НАВ

Биё, биё соли нав,
Табрики моро шунав.

Мо аз ту розӣ ҳастем,
Саргарми бозӣ ҳастем.

Чу ҳалқа саф бастаем,
Арчаро оростаем.

Бобои барфин омад.
Ба китфаш хӯрҷин омад.

Савғои бисёр овард,
Чормағзу анор овард.

Ба ҳама озодӣ шуд,
Ҷаҳон пур аз шодӣ шуд.

Муборак соли нав, –гуфт,
Бахту иқболи нав, – гуфт,

Иди калон ба по шуд,
Соли кӯҳан адо шуд.

Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.

## ДАР КИТОБИ "АДАБИЁТ"-И СИНФИ 11

Дар китоби "Адабиёт" синфи 11 (Муаллиф: Аслиддин Қамарзода, Ҳасан Қудратуллоев, Умеда Қамарова. – Тошканд: "Ӯзбекистон", 2005, саҳ.310-311) дар таркиби боби "Истиқлоли Ӯзбекистон ва адабиёти бадеӣ" мавзӯъҳои "Асад Гулзода", "Дар ситоиши модар" ҳамчун дарсҳои алоҳида ба саволу супоришот қайд гардидааст.

## АСАД ГУЛЗОДА

Асад Гулзода соли 1935 дар деҳаи Шавгони ноҳияи Пешкӯи вилояти Бухоро таваллуд ёфтааст. Маълумоти миёнаро дар ҳамон ҷо гирифта, сонӣ дар факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории Душанбе таҳсил гирифтааст. Минбаъд фаъолияти ӯ бо омӯзгорӣ ва рӯзноманигорӣ дар Ширкати симо ва садои вилояти Бухоро пайвастааст.

Асад Гулзода аз овони ҷавонӣ ба машқи шеър камар баста, ашъораш дар рӯзномаҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Шеърҳои Асад Гулзода дар китобҳои дастҷамъии "Мурғобӣ чӣ мекобад", "Лабзи ширин" дар нашриёти "Маориф"-и Душанбе нашр гардидаанд. Инчунин шеърҳои ӯ дар маҷмӯаҳои "Каҳкашони орзу" (Тошканд) "Гули мурод" (Маскав) ҷой дода шудаанд.

Дар китобҳои "Насими Бухоро" (Бухоро, 2001), "Хати пешона" (Душанбе, "Сурушан", 2003) беҳтарин шеърҳои дар давраҳои гуногуни ҳаёташ офаридаи шоир гирд шудаанд.

Дар шеърҳои Асад Гулзода Бухоро ва манзараҳои нотакрори он, ҳаёту меҳнати мардуми ин шаҳри куҳан бо забони хоси шоирона ба тасвир гирифта шудааст.

Асад Гулзода барои бачаҳо шеърҳои зиёде навиштааст, ки дар онҳо хислатҳои ба худ хоси кӯдакон бо забони шево иншо гардидаанд.

Асад Гулзода аз соли 2003 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

## ДАР СИТОИШИ МОДАР

Зан!
Духтар асту хоҳар аст, Модар аст,
Дилкаш асту дилбар асту Сарвар аст.
Ифтихори одамӣ Зан будааст,
Ибтидои одамӣ Зан будааст.
Шоҳу гадо назди ӯ
Тифли нодон будааст,
Ё ба мисли гарди домон будааст.
Шӯху хандон будааст,
Тифли нодон будааст.
Ишқи онро мисли ҷон парвардаем,
Номаш бар забон бурдаем,
Чеҳраашро мисли офтоб дидаем,
Офтобу Маҳтоб дидаем,
Бешубҳа шаб хоб дидаем,
Худо обу олам офарид,
Зан – насли одам офарид.
Ошиқ асту ишқи моро сарпараст,
Ӯ будаасту ҳар яки мо бутпараст,
Саҷда созем назди Бут,
Ишқи мо овоза шуд!
Тоза шуд,
Овоза шуд!
Лафзи ӯ ширин зи ҷон,
Қисмати ҳар хонадон
Мо ҳаловат аз забонаш бурдаем,
Ҳарфи ӯро ҳалқа бар гӯш кардаем,
Ишқи ӯро мо ба ҷон парвардаем,

Гоҳе ноком гашта мо ғам хӯрдаем,

Мурдаи садсоларо
Пайгири маъшуқа кард,
Дар ишқи худ банда кард,
Бо муҳаббат зинда кард.
Оғӯшаш равзаҳои ҷаннат аст,
Ҷисму ҷонро роҳат аст.
Духтарасту модар аст.
Модар асту хоҳар аст.
Ҷони моро ҷавҳар аст,
Кони моро гавҳар аст.

Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи зиндагиномаи Асад Гулзода чӣ медонед?
2. Кадом китобҳои шоирро медонед?
3. Асад Гулзода бештар дар кадом жанрҳои шеърӣ эҷод мекунад?

## ДАР КИТОБИ “ЗАБОНИ МОДАРӢ”-И СИНФИ 2




Дар китоби “Забони модарӣ” синфи 2 (Муаллиф: Таваккал Чориев .–Тошканд: “Ӯзбекистон”, 2008, саҳ.48) “Хуш омадӣ, соли нав” ном шеъри шоир ҳамчун яке аз машқҳои мавзӯи “Калимаҳои якҳиҷоӣ” (дарси 54) қайд гардидааст.

Машқи 119. Шеърро бо овозбарорӣ якҷоя хонед. Калимаҳои якҳиҷоиро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

### ХУШ ОМАДӢ, СОЛИ НАВ

Биё, биё соли нав,
Табрики моро шунав.
Мо аз ту розӣ ҳастем,
Саргарми бозӣ ҳастем.
Чу ҳалқа саф бастаем,
Арчаро оростаем.
Бобои барфин омад.
Савғои бисёр овард,
Чормағзу анор овард.
Ба ҳама озодӣ шуд,

Ҷаҳон пур аз шодӣ шуд.
Муборак соли нав, – гуфт,
Бахту иқболи нав, – гуфт,
Иди калон ба по шуд,
Соли кӯҳан адо шуд.

Дар саҳифаи дигари китоби дарсии мазкур (саҳ.59) як байт ҳамчун яке аз машқҳои мавзӯи “Номи одамон” (дарси 62) интихоб гардидааст.

Машқи 138. Порчаҳои шеъриро хонед, калимаҳои ифодакунандаи номи одамонро муайян карда, ба дафтар нависед.

*Гулнозаю Дилноза,*
*Қолиберо андоза.*

*Асад Гулзода*

Боз дар саҳифаи дигари китоби дарсии мазкур (саҳ.120) шеъри “Одоби меҳмондорӣ” ҳамчун супориши дуюми мавзӯи “Одоби сухан ва гуфтугӯ” интихоб гардидааст.

Супориши 2. Шеърро бо овозбарорӣ хонед ва мазмунашро фаҳмонед.

## ОДОБИ МЕҲМОНДОРӢ

Гар хона меҳмон ояд
Пишакатро пишт магӯ,
Чаро омадӣ гӯён
Қалби покашро машӯ.

Пиракӣ ҳаст ё ҷавон
Чеҳраи худро кушо,
Берун зи манзили худ
Баро, истиқбол намо...

## ДАР КИТОБИ “ЗАБОНИ МОДАРӢ”-И СИНФИ 3




Дар китоби “Забони модарӣ” синфи 3 (Муаллиф: Таваккал Чориев. –Тошканд: “Ӯзбекистон”, 2012, саҳ.3) “Салом, мактаб” ном шеъри шоир ҳамчун яке аз машқҳои дарси 1-уми мавзӯи “Ӯзбекистон – сарзамини пурсаховат” қайд гардидааст.

Машқи 1. Шеърро овоз бароварда якҷоя хонед. Бигӯед, ки сухан дар бораи чӣ меравад?

### САЛОМ, МАКТАБ!

Оғӯши гарми мактаб
Дар ҷисми мо тобу таб.
Гарчӣ будем дар таътил
Аз ту ҷудоӣ мушкил.
Дар хобу хез ёди ту
Мерсад “фарёд”-и ту.
Хушо, ки Соли хониш
Ҳам рӯзи “Илму дониш”
Ҳоло фаро расидаст
Чунин идро кӣ дидаст?!
Дарҳои мактаб кушод
Қалби ҳама гашта шод.
Дил мебарад ранги он
Ба гӯш расад занги он.
Чӣ форам обу ҳаво,

Созу суруд дар наво.
Рӯзи саид муборак,
Бар шумо ид муборак!

## ДАР "МАҶМӮАИ ДИКТАНТҲО"




Дар "Мамӯаи диктантҳо" (Юнус Азимов. Маҷмӯаи диктантҳо. (Дастуруламал барои муаллимони синфи якум). – Бухоро: "Донишгоҳи давлатии Бухоро", 2006, саҳ. 39) ҳамчун матни диктанти санхишӣ.

## ФАЙЗИ БАҲОР

Трактори дадоям
Вар-вари вар мекунад,
Заминро ронда-ронда
Ҳалвои тар мекунад.
Деҳқони толеъбаланд
Ба кишта сар мекунад,
Заминро кофта-пухта
Чу кони зар мекунад.

## ДАР “МАҶМӮАИ ДИКТАНТҲО”




Дар “Маҷмӯаи диктантҳо” (Юнус Азимов, Таваккал Чориев, Ҷумъаназар Эшонқулов, Зариф Умуров. Маҷмӯаи диктантҳо. (Барои синфҳои ибтидоӣ). – Тошканд: “Муҳаррир”, 2014, саҳ. 106) ҳамчун матни диктанти таъкидӣ.

## ИСМҲОИ ХОС

| | |
|---|---|
| Анори Ғурбун аст он,<br>Безахму бутун аст он. | Номат бувад Ҷаҳонгир,<br>Замину осмонро гир. |

Дар “Маҷмӯаи диктантҳо”-и мазкур (саҳ.109-110) шеъри “Шогирди рассом” ҳамчун матни диктанти худамро месанҷам.

## ШОГИРДИ РАССОМ

Шино кунад дар само
Парча – парча абрҳо

Нигоҳи офтоб пурноз
Мурғобиҳо дар парвоз

Дар дашту кӯҳу саҳро
Бузу гӯсфанд дар чаро

Дарахтон гул кардаанд
Хазандаву чарранда

Ҳайвонҳои дарранда
Гӯё гулдӯзӣ буданд

Аз паи рӯзӣ буданд,
Ҳамаи ин сурат буд.

Дар дафтари Суннат буд.
Қалби моро бурдаанд

## ШОДБОШИВУ ТАБРИКОТ

Аз Худо дорем умеди ҷуфти пурбори Шумо,
Омаду бахти накӯ андар ҳама кори Шумо.

## ТАБРИКОТИ КОРМАНДОНИ КОМИТЕТИ ТЕЛЕВИЗИОНВАРАДИОШУНАВОИИВИЛОЯТ

Муборак бод баҳори шастуми умр,
Ҳама шодӣ, ҳама бешу ками умр.
Бихоҳем боз бубинед сад баҳораш
Набинед ҳеч гоҳе ҳеч ғами умр.

## БАРОДАРИ АЗИЗ, АСАДҶОН ГУЛЗОДА!

Лутф фармоед, Шуморо ба муносибати хашни 60-солагиатон табрику муборакбод намуда, ба Шумо пеш аз ҳама саломатӣ, умри дароз ва ба эҷодиёдатон комёбиҳо орзу намоем.

Хизматҳои Шумо дар инкишофи маънавияти мардуми Бухорои шариф шоёни таҳсин аст. Солҳои дароз аст, ки суханони Шумо меҳмони ҳар хонадон буда, шеърҳои Шумо вирди забони хурду калон мебошад.

Бигзор дар оғӯши фарзандон ва наберагон даврони пирии Шумо хуш гузарад ва боғзору умратон меваҳои пурсамар диҳад.

*Бо арзи эҳтиром кормандони комитети*
*телевизион ва радиошунавоии вилоят*

## ГУЛ АСАД УСТОДИ МАН

Синнатон имрӯз бар шаст мерасад, устоди ман,
Нақдатон имрӯз бар даст мерасад, устоди ман.

Гирдатон пур аз набера, келину домод, писар,
Дӯстон мамнуну душман дар ҳасад, устоди ман.

Солҳо заҳмат кашидед, то забони тоҷикӣ,
Боз ҳам гардад баланду хуб пазад, устоди ман.

Номатонро дар Бухоро ҳар кӣ медонад зи ёд,
Шеъратонро гар хаҳон хонад сазад, устоди ман.

Шастатон ҳафтод шавад, ҳафтодатон ҳаштоду боз,
Аз навад бигзашта оед то сад, устоди ман.

Гар маро пурсанд мардум, чун ҳунар омӯхтӣ,
Нормурод гӯяд бо фахр, Гул Асад устоди ман!

*Нормурод Ҳидоятов*

## ТАБРИКОТИ РАЁСАТИ ИТТИФОҚИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН

*МӮҲТАРАМ АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРӢ!*

Шуморо бо 70-солагии умри муборакатон табрик мекунем.

Шумо фаъолияти меҳнатии худро бо касби пуршарафи омӯзгорӣ шурӯъ карда, забон ва адабиёти тоҷикро дар мактабҳои Бухорои шариф таълим дода, дар дили насли наврас нисбат ба фарҳангу тамаддуни ниёгон меҳру муҳаббат парваридаед. Таъсири ин амали худро бо эҳоди шеърҳо барои бачаҳо амиқтару мустаҳкамтар гардонидаед. Ашъори Шумо, ки ба хонандагон дар китобҳои “Мурғобӣ чӣ мекобад” (Душанбе, 1982), “Лабзи ширин” (Душанбе, 1985), “Гули мурод” (Душанбе, 1997), “Каҳкашони орзу” (Тошканд, 2000) ва “Насими Бухоро” (Бухоро, 2001) пешниҳод шудаанд, саршори меҳру муҳаббат ба бачаҳо буда, аз мушоҳидакорӣ ва маҳорати хуби нигорандагиатон шоҳиданд. Ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қабул шудани Шумо низ барои ҳамин хидматҳост.

Шумо солҳои зиёде (аз соли 1986 то соли 1995) ба сифати муҳаррири калони Кумитаи радио ва телевизиони вилояти Бухоро кор карда, дар бобати мустаҳкам намудани робитаҳои адабии ду халқи бародар – тоҷикону ӯзбекон, низ хизмати шоиста кардаед.

Ба Шумо тани сиҳату хотири ҷамъ, табъи саршору хушиҳои рӯзгор ва комёбиҳои эҷодӣ орзу менамоем.

*(“Адабиёт ва санъат” №4 (1247)*
*27 январи соли 2005).*

## АСАД ГУЛЗОДА ДОРЕМ

Имрӯз барои табрик ба даст гулшода дорем,
Аз нури офтоби дил бунёд нуршода дорем.
Ба бахшидани лаззат шеъру шароб ҳамранг аст,
Ба як даст шеър, ба як даст хоми пурбода дорем.
Чи толеъ, ки Бухоро бӯстони шоирон аст,
Бешумор шоирони ба халқ дилдода дорем.
Тӯйи шоир тӯйи халқ, завқи халқ завқи шоир,
Шукри худо бигӯем халқи озода дорем.
Меҳмононро марҳабо гӯем ба тӯйи шоир,
Чун шеъри ӯ ба ҳар кас дили кушода дорем.
Ки он шоир магӯед, бояд ӯро шиносед,
Як шоири забардаст, соҳибирода дорем.
Азбаски бо шеъри дилҷӯ кӯдаконро парастад,
Ба сурат пир, ба сират чун кӯдак содда дорем.
Давраи мо натафсад бе сӯҳбати хуши ӯ,
Бо ин тавр дӯсти содиқ фахри зиёда дорем.
Ватан – модар хони ӯ, халқ аст шарф-шони ӯ,
Шоири ба хизмати халқ як умр омода дорем.
Ӯ бо ишқ зинда аст, ба синни ҳаштодиаш,
Бо хисму хон ба доми ишқ афтода дорем.
“Чист он?” магӯ Самандар, “кист он?” магӯ
Самандар,
Мо шоири беҳамто Асад Гулзода дорем.

*Самандар Воҳидов*
*(2.08.2014, Бухоро).*

## БА АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРӢ

Асад – он ахтари дар осмони назм тобанда,
Ба саъю кӯшишаш даҳҳо китоби шеър поянда,
Ба ҳар хурду калон ашъори ӯ гардида зебанда,
Барои кӯдакон ашъору чистонҳош ёбанда,
Ҳамесозад дили ҳар бандаро бо лутфи худ банда.

Замоне маркази илму адаб шаҳри Бухоро буд,
Ба Синояш тамоми рози ҳастӣ ошкоро буд,
Чу Дониш, Айниву Садри Зиёяш маҳфилоро буд,
Асад омад зи Шавгонаш, ки рустое дилоро буд,
Дар ин ҷо илму фан омӯхту худ гашт ёбанда.

*Аслиддин Қамарзода*

## ГУЛЗОДА

Ин қасидаи мувашшаҳ 30 январи соли 2015 иншо гардида, рӯзи 7 феврали соли 2015 дар ҷашни 80-солагии шоир Асад Гулзода дар тарабхонаи “Шабнам”-и Бухоро аз ҷониби муаллиф қироъат ва ба соҳибҷашн тақдим карда шуд.

Бухоро тӯй дорад – зодрӯзи шоири даврони мо,
Аз Самарқанд омадем бар ҷашни дӯсти дерин мо.
Ахтаре дар осмони назм тобанда Гулзода Асад,
Саъю кӯшиши ӯ баҳри эҷоду адаб поянда бодо.
Асрҳо буд маркази илму адаб шаҳри Бухоро,
Донишу Айнӣ, Мунзиму Икромӣ, Садри Зиё.
Гиромӣ доштанд назми Рӯдакию дониши Сино,
Урфу одат, расму ойин, мавригию шашмақомхонҳо.
Лафзи ширин, дӯстиро пос доранд мардум ин ҷо,
Зодаи деҳи Шавгони Бухоро, ташнаи илму зиё.
Омӯхту гирифт дарси таълим бо баҳои хубу аъло,
Дод қавл шуда шоир, шеър гӯяд баҳри баччаҳо.
Азму идрокаш расонид ӯро ба мақсудаш ба ҷо,
Инсони комил ӯ, рафтораш ҳаст айни муддаъо.
Бухороро дӯст дорад аз тамоми шаҳрҳои дунё,
Умри тӯлонӣ бинад, дер бошад дар байни мо.
Хайрхоҳ асту хайрандеш, ширин гуфтор дорад,
Офарин баҳри кирдораш мегӯянд ҳама ёру ошно.
Рӯзу шаб ором нест, менамояд эҷод шеърҳо,
Оллоҳ умр диҳад, ӯ бошад сад соли дигар бо мо.
Ин мувашшаҳро Асилзоди Самарқанд кард иншо,
Аз барои дӯсти дерину бародар бо меҳру вафо!

*Аслиддин Қамарзода*

## БАРОДАРИ МӮҲТАРАМ АСАД ГУЛЗОДА!

Давлати Тоҷикистон бино ба хости мардум ба хотири эҳё ва эходи муносиботи густурда бо ҳаммеҳанон бо меҳмонони нахустин Анҷумани тоҷикони ҷаҳонро аз таърихи 9 то 16 сентябри солди 1992 милодӣ дар шаҳри Душанбе баргузор менамояд. Кумитаи тадорукоти Анҷумани байналмиллалии тоҷикон аз Шумо даъват менамояд, ки дар кори Анҷуман ширкат варзед. Умедворем, ки Шумо ин даъвати моро пазируфта, бо иштироки фаъоли хеш шукӯҳи онро афзун мегардонед.

Хотирнишон мегардад, ки ба истиснои баҳои билетҳои дутарафа ҳавопаймо (қатор, автобус) тамоми махориҷи мусофират ба дӯши мизбон мебошад.

*Бо эҳтиром, раиси созмони “Пайванд”, ноиби раиси кумитаи тадорукоти Анҷуман Муҳаммад Осимӣ.*
*Нишонии мо:*
*734025, Душанбе, кӯчаи Бохтар, 17.*

## НАВРӮЗ МУБОРАК БОД!

*МӮҲТАРАМ АСАД ГУЛЗОДА!*

Зуҳури ҳумоюни Наврӯзи ҷаҳонафрӯз ва дилафрӯз дар макону равони Шумо муборак бод!

Бароятон ба имдоди дамидани сабзаҳо фаррухрӯзӣ, ба шафоати шукуфтани ғунчаҳо хушбахтӣ, ба андозаи паҳноварии бӯстонҳо сиҳатӣ, ба шукӯҳ ва назокати нағмапардозии мурғони чаман файзу парвози баланди эҷодӣ таманно дорам.

Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад,
Ҷашни фархундаву фирӯз муборак бошад!

*Посдори эҳтироми Шумо*
*раиси Иттифоқи нависандагони*
*Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ*

Аз ҳамон рӯзе, ки ман шеъриятро шинохтам, Асад Гуловро шинохтам. Шеърҳои кӯдаквори диламро ба он кас бардошта мебурдам, вале як бор ҳам "ин тавр не, он тавр навис нагуфтаанд". Ҳамаашро қабул карда, таъриф мекарданд.

Шеърхонӣ дар радиоузели вилоятӣ ба ман завқ мебахшид. Дар Бухоро Асад Гулов, дар Самарқанд Салим Кенха, Акбар Пирӯзӣ ва дигарон, дар Тошканд шодравон Мухтор Васфӣ, Ҷонибек Қувноқов қанотҳои ман буданд.

Имрӯз устод Асад Гулов шӯхӣ карда мегӯянд, ки ба 80 даромадаанд, вале шахсан ман ба ин боварӣ надошта бошам ҳам, аз қатор намонам гуфта, он касро табрик мегӯям ва ин шеъри худро ба ин рӯзи ҷашнвораи шоир тақдим мекунам.

Аз Худо дорем умеди ҷуфти пурбори Шумо,
Омаду бахти накӯ андар ҳама кори Шумо.
Синнатон ҳаргиз нагӯем, каҳкашонвор бодо дароз,
Ҳам дару дилҳоятон бар ёру дӯстон бод боз.
Шираву шарбат шавад ҳар меваҳои нахлатон,
Шодии бисёр диҳад ҳар ғуссаҳои саҳлатон.
Дасти ҳам бошед ҳамеша дар баланду пастиҳо,
Ҷоми пиретон диҳад бар дил ҷавонӣ, ҳастиҳо,
Офтоби зиндагетон зери абри ғам мабод,
Ҳар ният мақбул шавад, дилҳоятон гардад шод.
Давлати бисёр надорем, ганҷи дилҳомон ҳамин,
Зинда бошед зери осмон, руҳ диҳад Модар – Замин.

*Ҳадя Раҷабова*

## БА АСАДУЛЛО ГУЛОВ

Асадулло, Асадулло,
Туро дидам, руҳам боло.
Солҳо гузашт, солҳо гузашт,
Ту дар куҷо, ту дар куҷо?
Яке гуфто:–Асадулло
Шудаст сокини кӯҳсорҳо.
- Не, - гуфтам, – намедонӣ,
Вай ошиқи гулу саҳро.
Рангу бӯйи гул мечинад,
Баҳри орои Бухоро.
Баҳри шаҳри муқаддас,
Намеравад ҳеҷ куҷо.
Хабар меояд аз Ҳайдар,
Асадулло соғ-саломат.
Хушнудам ман ҳар сафар,
Бениҳоят, бениҳоят.
Пир машав, Асадулло,
Туро дидам, руҳам боло.
Қадаҳ бардор болотар,
Бинӯшем майи аъло.

*Бахшилло Султонов*

Шоири хушсалиқа, соҳиби медали “Шӯҳрат”, дорандаи нишонҳои “Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон”, “10-солагии Мустақилӣ”, муҳаррири рӯзномаи “Субҳи Гулобод” (“Гулобод тонги”) Нормурод Каримзода моҳи майи соли 2008 бо ҳамроҳи доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд, шодравон Шавкат Шукуров ба саёҳати шаҳри Бухоро омада, бо хоҳиш ва даъвати Асад Гулзода меҳмони хонадони ӯ гардидааст. Сӯҳбатҳои шаҳдбори дӯстон барои ба вуҷуд омадани шеърҳои зерин сабаб шудааст.

Аз ашъори “Насими фараҳбахш”-и Нормурод Каримзода:

## ХУШНАЗАРЕ МЕБОЯД

Баҳри идроки ҷаҳонам назаре мебояд,
Дар гулистони хаёлам сафаре мебояд.
То шавад шӯълафишон базми сухан дар олам,
Ҳар киро шавқу ба ҳар дил шараре мебояд.
Дар Бухорои шариф шеъри дарӣ камёб аст,
Чун Асад* дӯст соҳибҳунаре мебояд.
Гарчи дар баҳру бар овози ту яктост, вале,
Такя бар сояи девору даре мебояд.
Ин ҷаҳон аст саропардаи ёру ағёр,
Ҳазар аз душмани ғаддору қаре мебояд.
Осмон то шабу рӯз аз сари мо нур пошад,
Дар бараш шамсу маҳи шӯълаваре мебояд.
Дӯстам, олами пуршӯри маро сайре кун,
Чун туе додрасе, хушназаре мебояд.

*Нормурод Каримзода*
*10.05.2008*

*Ишора ба шоир Асад Гулзодаи Бухорой

## ШАМИМИ РОЗ

Чӣ хуш ояд шамими рози шоир,
Ба ҷӯш ояд дил аз алфози шоир.
Нафасҳои ғанимат дар шитоб аст,
Даме мебош бо анбози шоир.
Ҷаҳоне пеши чашми мо намояд,
Каломи пур зи сӯзу сози шоир.
Чу булбул дар гулистони муҳаббат,
Фараҳафзо бувад овози шоир.
Нахустин шеър агар Одамато гуфт,
Ба мо фарз аст пас эъзози шоир.
Ғараз аз шеър агар ишқи илоҳист,
Чу оёте расид ибрози шоир.
Маро то кашфи дил гардад муяссар,
Бубояд гашт ҳампарвози шоир.

*Нормурод Каримзода*
*4.05.2008*

## АЗ ЗАБОНАТ ҚАНД МЕБОРАД БАСО

Шоиру шоҳу гулу шери шуҷоъ
Дар Бухорои куҳан пояндаанд.
Дар самои нангу ном хуршедвор,
Аз барои тоҷикон тобандаанд.
Оли Сомон, Аҳмади Ҷомӣ ҳанӯз*
Файз мебахшанд бар кӯи Асад.
Гоҳ-гоҳе бо забони ширадор,
Гуфтаҳои ҳар душон бар гӯш расад.
Шоҳ девори Бухоро буд яқин,
Аҳмади Ҷом андалеби хушнаво.
Эй Гулу Шери диёри покдин,
Аз забонат қанд меборад басо.
“Гуфтам, эй нозукбадан ...” ояд ба гӯш,
Мутрибе аз мо рабояд ақлу ҳуш.

Дар ҳавои сӯзу сози ошиқон,
Мавҷҳои қалби мо низ пурхурӯш.

*Нормурод Каримзода*

*Истиқоматгоҳи шоир Асад Гулзодаи Бухороӣ дар кӯчаи ҳавзи Бодом, дар шафати мазори файзосори суханвари мумтози форс-тоҷик Аҳмади Ҷомӣ ва мақбараи Исмоили Сомонӣ қарор дорад, ки шеъри мазкур ифодагари шукӯҳу шарофати он ҷост.

*28.05.2008, Бухоро*

## КИТОБЕ, КИ БОЯД ХОНД

Хонандаи азиз Асад Гулзодаи Бухороиро ҳамчун шоири хушзавқ ва рӯзноманигори дақиқназар хуб мешиносад ва аз китобҳои ашъори ӯ баҳраманд ҳам шудааст. Вале то ҳоло китоби ҷомеъеро дар боби зиндагинома, осори ӯ ва ҳунари шоириаш дар даст надорад. Инак, ин мушкилро профессори Донишгоҳи давлатии Бухоро Таваккал Чориев осон кард. Ӯ ҳаёт ва эҷодиёти Асад Гулзодаро таҳқиқ карда, натиҷаи ҷустуҷӯҳои судмандашро дар шакли рисола (монография)-и илмӣ-оммавӣ пешкаши алоқамандони адабиёт, аз ҷумла ихлосмандони ҳунари шоирии Асад Гулзода кардааст, ки барои шинохти зиндагии босамар ва ҳунари шоирии ин марди рӯшанфикр ба хонанда ёрии бевосита мерасонад.

Дар зиндагии ҳар фарде як давраи қабл ва як давраи баъд аз онҳо вуҷуд дорад. На ин ки фақат “бузург”-амон кунанд, ё бо хонданашон рушд кунем, ё масалан беҳтар шавем. На. Одами дигаре мешавем чун таҷрибаи тозае ба мо изофа мешавад. Ин гуна китобҳо ба зеҳнамон чизеро изофа мекунанд, ки агар баъд китобро дар ёд дошта бошем ё на, агар ҷузъ ба ҷузъ саҳнаҳояшро дар хотир дошта бошем ё ҳатто як калимааш ҳам дар зеҳнамон намонда бошад, дар ҳар ҳол ба мо изофа шудаанд, дар шуурамон, дар ботинамон. Ҳар бор, ки ба замони қабл аз хондани он китоб бозгардем, бо он чи китоб ба мо изофа карда ба ин сафари рӯ ба гузашта меравем, бо тағйири нигоҳе, ки китоб дар мо боис шуда ба сарнавиштамон нигоҳ мекунем.

Китоби Таваккал Чориев дар бораи зиндагиномаи ҳамдиёри ҳунарманди мо – Асад Гулзода чунин китобе аст. Муҳимтарин чизе ки муаллифи рисола аз сарнавишти ин шоир дарёфтааст, таҷрибаи зиндагӣ ва ҳунарии ӯст, ки ба зеҳният ва шахсияти хонанда изофа мешавад, яъне зиндагии маънавии ӯро ғанӣ месозад. Аз ин назар китобе, ки хонанда дар даст дорад, пеш аз

ҳама арзиши маърифатӣ ва таълимӣ дошта, роҳи саодати зистанро дар мисоли сарнавишти ибратангези як нафар фидоии адабиёт ва фарҳанг ба хонанда менамояд.

Муаллиф хуб кардааст, ки дар боби аввали китоб муҳимтарин ва ибратангезтарин санадҳои зиндагиномаи шахсӣ ва ҳунарии адибро оварда, бунмояҳои арзишманди талошҳои ӯро дар зиндагӣ ва саҳнаи кору фаъолиятҳои адабӣ нишон медиҳад. Аз таҳқиқ ва арзёбии ӯ хонанда дармеёбад, ки инсон вақте ки дар зиндагӣ ҳадаф дорад, ормон дорад, ба мурод хоҳад расид. Дар таълифоташ муаллиф исбот кардааст, ки ормонҳои соҳиби зиндагии шарофатмандона шудан қаҳрамони ӯ – Асад Гулзодаро аз саҳнаи мактаби зодгоҳаш барои донишомӯзӣ ба Душанбе бурда, соҳиби ихтисос кардааст ва поси хидматҳои волидайн ӯро боз ба Бухоро оварда ва умри бобаракаташро сарфи хидмати падару модар, мактабу маориф ва адабиёту фарҳанг кардааст ва сазовори обрӯву мартаба гардидааст.

Муҳаққиқ дар таълифоташ шеърҳои дар давоми солҳои гуногун эҷод кардаи шоирро таҳлил карда, муҳтаво, даррунмоя ва сабки ҳунарии онро мушаххас намудааст, ки дар шинохти чеҳраи ҳунарии Асад Гулзода ба хонанда ёрии амалӣ мерасонад. Ҷиҳати дигари кӯшиши арзишманди муҳаққиқ дар он аст, ки хидматҳои шоирро дар заминаи ашъори барои калонсолон ва наврасону ҷавонон таълифкардаи ӯ арзёбӣ мекунад, ки дар маҷмӯъ чеҳраи комили ҳунариашро менамояд. Таҳқиқ ва арзёбии мӯҳтавои ашъори кӯдаконаи шоир, ҷанбаҳои ахлоқиву фарҳангии он низ аз афзалиятҳои ҷустуҷӯ ва арзёбии муаллиф буда, шахсияти инсонӣ ва ҳайсияти шоирии Асад Гулзодаро мушаххас менамояд, ки низ аз аҳамияти илмӣ ва таълимӣ бархурдор мебошад.

*Ҷумъақул Ҳамроев,*
*профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори улуми филологӣ*

# МУНДАРИҶА

Шеъри гармтар аз офтоби Бухоро ..................................... 3

**АТРИ ВАТАН**
Эй Ватан! .............................................................................. 10
Ӯзбекистон............................................................................. 12
Мустақилӣ муборак! ............................................................. 13
Бухоронома ........................................................................... 14
Паёме аз Бухоро .................................................................... 18
Шукрона................................................................................. 19
Шаҳри баҳорогӯш ................................................................ 20
Боғи Сомониён ...................................................................... 21
Эй диёри гул ба сар.............................................................. 22
Гир дуо .................................................................................. 23
Орзӯ ........................................................................................ 24
Самарқанд.............................................................................. 25
Деҳи Шавгон ......................................................................... 26
Ватани озод........................................................................... 27
Дар васфи Бухоро................................................................. 28
Мероси суғдиён.................................................................... 30
Самарқанду Бухоро.............................................................. 31
Мардуми пурифтихор .......................................................... 33
Соли тақдирсоз..................................................................... 35
Дар васфи Ғурбун................................................................. 37
Ӯзбекистон – мулки дилрабо .............................................. 38
Мероси гаронбаҳо................................................................. 39
Ягонаӣ дар ҷаҳон.................................................................. 40

**БУЗУРГОНИ БУХОРО**
Абуабдуллоҳ Ҷаъфари Рӯдакӣ .......................................... 42
Синои Бухорой ..................................................................... 43
Ормони Сино......................................................................... 45
Шӯҳрати Бухоро................................................................... 46
Нахлии Бухороӣ .................................................................. 47
Носири Бухороӣ ................................................................... 48
Пирони ҷаҳондида ............................................................... 49
Мунзими Бухороӣ ................................................................ 51
Пайрав Сулаймонӣ............................................................... 52
Ҷалол Икромӣ........................................................................ 54
Ба Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ ................................. 55

Табиати диёр .......... 57
Орзӯманди Соли нав .......... 58
Зарафшон .......... 59
Баҳори ту, Бухоро! .......... 60
Замзамаи наврӯзӣ .......... 63
Шеъри баҳорӣ .......... 64
Анъанаи наврӯзӣ .......... 65
Чинор .......... 66
Дарё .......... 67
Дарёча .......... 68
Дарё равон аст .......... 69
Ҷавоби дарё .......... 70
Борони раҳмат .......... 71
Гулдастаи идона .......... 72
Идонаи арзанда .......... 73
Шодифизои Наврӯз .......... 74
Замзамаи баҳорӣ .......... 75
Файзи навбаҳор .......... 76

## ТОҶИКИСТОННОМА

Тоҷикистон .......... 78
Дарди миллат .......... 79
Шоирон .......... 80
Қадри забон .......... 81
Кишвари ҷон .......... 82
Изҳор .......... 83
Душанбе .......... 84
Вахши нурбахш .......... 85
Беҳ аз гулистон .......... 86
Шинохта моро ҷаҳон .......... 87
Диёри гулҳо .......... 88
Насли ориён .......... 89
Меҳрнома .......... 90
Арзи эҳтиром .......... 91
Эҷодкори забонам .......... 92
Ифтихор .......... 94
Суғдиён .......... 95
Гулистони ҷаҳон .......... 96
Диёри дилрабо .......... 98
Пешвои миллат .......... 99
Ифтихори ман туӣ .......... 101
Бахти баргашта .......... 102

**МОДАРИ ҒАМПАРВАРАМ**

Доғи ҷанг ........................................................................ 108
Модар ............................................................................. 109
Модари ғампарварам ..........................................................110
Арзи садоқат.......................................................................111
Модари ҷонам.....................................................................112
Кӯдакистон .........................................................................113
Очамонанд .........................................................................114
Қадри Модар.......................................................................115
Падари ғамхор ....................................................................116
Дар иди Модар.....................................................................117
Дастёри Модар ....................................................................118
Миннатдорӣ ........................................................................ 120
Натиҷаи ранҷ ..................................................................... 121
Боғи меросӣ ....................................................................... 122
Дугоникҳо .......................................................................... 123
Алла.................................................................................... 124
Дарди дандон...................................................................... 125
Фарзанди доно.................................................................... 126
Корам бисёр аст.................................................................. 127
Алвидоъ, Амира!................................................................. 128

**НАБЕРАИ БОБО** ............................................................ 129
Васияти муйсафед............................................................... 130
Ба набераам Ҷаъфар........................................................... 132
Дар сари хон ...................................................................... 133
Кони афсона....................................................................... 134
Дуои нек............................................................................. 135
Шабнам .............................................................................. 136
Кӯдаки якрав...................................................................... 137
Давлати пирӣ ..................................................................... 138
Одоб................................................................................... 139
Меҳрангез .......................................................................... 140
Лутфи Худо ........................................................................ 142
Бобои меҳрубонам ............................................................. 143
Хонаи моҳ .......................................................................... 144
Саломи пагоҳӣ.................................................................... 145
Сӯзанӣ ............................................................................... 147
Зодрӯз муборак! ................................................................. 148

**МАҶЛИСИ МУРҒОН**

Соат ................................................................................. 150
Зоча ва зоғча ...................................................................... 151

Нон........................................................................................ 152
Шогирди содиқ...................................................................... 153
Шаҳзода ............................................................................... 154
Қиссаи ғук ва мор.............................. ........................... 155
Танпарвар.............................................................................. 157
Бодӣ ...................................................................................... 158
Танноз.................................................................................... 159
Робита.................................................................................... 160
Ситора ................................................................................... 161
Шикояти “Китоби хониш”.................................................. 162
Мурғобӣ ................................................................................ 163
Нонвой.................................................................................... 164
Робитаи кайҳонӣ ................................................................. 165
Ошпаз .................................................................................... 166
Кистам ман?.......................................................................... 167
Харгӯшаки хабаркаш ........................................................ 168
Маҷлиси мурғон................................................................... 169
Ҷӯҷа ...................................................................................... 170
Зоғи ало ................................................................................ 171
Зоғча бало шуд .................................................................... 172
Зоғча чаро сиёҳ шуд? ........................................................ 173
Зоғча чаро бурд?.................................................................. 174
Роҳи умр................................................................................ 175
Мушаки хок ба сар ............................................................. 177
Боми осмон .......................................................................... 180
Хитобае ба танбалон............................................................ 181
Мори хазина......................................................................... 183
Донашӯрак ........................................................................... 184
Зиндаву бетоб ...................................................................... 185
Пашша................................................................................... 186
Офати ҷон ............................................................................ 187
Маймуни тайёр.................................................................... 188

## ЁРИ БУХОРОӢ

Ҷавҳари ҷисму ҷон............................................................. 190
Хуршеди дамида................................................................... 191
Ба раққоса ............................................................................ 192
Ёри бовафо............................................................................ 193
Ёри бухороиям..................................................................... 194
Нури хонадон........................................................................ 195
Ҷуфти ман ............................................................................ 196
Ҷони ширинам, биё!............................................................ 197

**АРМУҒОНҲОИ ГУЛФОМ**

Ба пири ғазал – Ҳофиз ........................................................ 200
Саъдии бузург ..................................................................... 201
Меҳри устод ......................................................................... 202
Ҳофизи машҳур .................................................................. 203
Булбули боғи санъат ........................................................... 206
Шоири ширинкалом ............................................................ 207
Санохон шуд Самарқанд ..................................................... 208
Сарпараст ............................................................................. 209
Олими пурдон ...................................................................... 210
Устоди фозилон ...................................................................211
Шоири хушбаён ................................................................... 214
Арзи меҳр ............................................................................. 216
Мухбири тақдирчунбон ...................................................... 218
Марди фозил ........................................................................ 220
Ҳофизи шӯрангез ................................................................ 222
Раҳнамо ............................................................................... 223
Варзишгар ........................................................................... 225

**ШАҲРИ ДУБАЙТӢ** ...................................................... 227
Чаҳорпораҳо ....................................................................... 349

**ГУЛШАНИ ГУЛГУН**

Бухоро ................................................................................. 361
Ватан ишқи ........................................................................ 362
Асад Гулзода ....................................................................... 363
Фахрия ................................................................................. 364
Шукрона .............................................................................. 365
Диёр ҳусни .......................................................................... 366
Инъикоси шеърҳои шоир дар саҳифаҳои рӯзномаву
маҷаллаҳо ........................................................................... 367
Бӯйи Ватан ......................................................................... 367
Ишқи Ватан ........................................................................ 368
Тифли гирёнам ҳанӯз ......................................................... 369
Меҳри Падар ....................................................................... 370
Дастовези шоир ................................................................. 371
Бобои деҳқон ..................................................................... 372
Шодии Модар ..................................................................... 373
Гули барфӣ ......................................................................... 374
Мушак ................................................................................. 375
Мояи ифтихори Гулзода .................................................... 376
“Нагардад меҳри ман як заррае кам” ................................ 380

Сафари хотирмон ........................................................ 388
Фарзанди Бухорои қадиму навҷавон............................ 391
Поэт Асад Гулзодаи Бухорои в квинсе........................... 396
Ғолиби андар набарди зиндагӣ........................................ 398
Бухоро .......................................................................... 400
Ошиқи шайдо шудам ..................................................... 402
Дар ҷавонӣ мешавад ...................................................... 403
Қайди маълумот ва интихоби шеърҳои шоир дар
тазкираву китобҳо.......................................................... 404
Бухоро .......................................................................... 405
Додаракам ..................................................................... 406
Гулхона.......................................................................... 407
Заррина.......................................................................... 408
Тӯйи замин..................................................................... 409
Чанори сабз.................................................................... 410
Мурғобӣ .........................................................................411
Соли нав ........................................................................ 412
Дар китоби "Чамани меҳр"-и Акбар Пирӯзӣ.................. 413
Дилдодаи шеъру гул ....................................................... 413
Дар "Китоби хониш"-и синфи 1 ...................................... 414
Дуои хайр....................................................................... 415
Деҳқон ........................................................................... 416
Дар "Китоби хониш"-и синфи 2 ...................................... 417
Дар "Китоби хониш"-и синфи 3 ...................................... 419
Дар китоби "Забони модарӣ"-и синфи 2.......................... 425
Дар китоби "Забони модарӣ"-и синфи 3.......................... 428
Дар "Маҷмӯаи диктантҳо" ............................................. 429
Дар "Маҷмӯаи диктантҳо" ............................................. 430
Шодбошиву табрикот ..................................................... 432
Табрикоти раёсати Иттифоқи нависандагони
Тоҷикистон..................................................................... 434
Асад Гулзода дорем........................................................ 435
Ба Асад Гулзодаи Бухорой ............................................. 436
Гулзода .......................................................................... 437
Бародари мӯҳтарам Асад Гулзода! ................................. 438
Наврӯз муборак бод!...................................................... 438
Ба Асадулло Гулов ......................................................... 440
Хушназаре мебояд.......................................................... 441
Шамими роз................................................................... 442
Аз забонат қанд меборад басо ....................................... 442
Китобе, ки бояд хонд... .................................................. 444

*Адабиий бадиий нашр*

**АСАД ГУЛЗОДА БУХОРИЙ**

# КУЛЛИЁТ

3 томлик

3-том

*Шеърлар ва тўртликлар*

*Тожик тилида*


Муҳаррир *Р. Исаева*
Бадиий муҳаррир *Ҳ. Ҳудойбердиев*
Техник муҳаррир *Б. Ирисбоев*
Мусаҳҳиҳ *З. Ирисбоева*
Саҳифаловчи *З. Расулов*

Лиц. AI № 111. Босишга 20.02.2019 йилда рухсат этилди.
Бичими 84x108 $^{1}/_{32}$. Ҳажми 28,5 б.т.
Адади 250 нусха. Шартнома № 8. Буюртма № 57/2.

«YANGI NASHR» нашриёти,
100115 Тошкент, Чилонзор кўчаси, 1-уй.
Тел.: (99895) 197-79-04

Оригинал «Bilik-Print» МЧЖ корхонасида тайёрланди.
100115 Тошкент, Чилонзор кўчаси, 1-uy.

«ADAD PLYUS» МЧЖ босмахонаси.
Тошкент ш., Чилонзор тумани, Бунёдкор кўчаси, 28.



Шоир ва рӯзноманигори маъруф Асад Гулзодаи Бухороӣ дар соли 1935 дар деҳистони Шавгони ноҳияи Пешкӯи вилояти Бухоро ба дунё омадааст. Таҳсилоти миёнаро дар мактаби зодгоҳаш фаро гирифта ва дар солҳои 1954-1958 дар донишкадаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Омӯзгории шаҳри Душанбе таҳсили илм кардааст.

Солҳои 1958-1968 дар мактабҳои ноҳияи Пешкӯ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дарс дода ва як муддат ба унвони директор, мудири умури таълимии мактаб ифои вазифа намудааст. Дар соли 1968 ба унвони корманди бахши барномаҳои радиошунавонии вилояти Бухоро, пас аз он то соли 1995 ба унвони сардабири радиожурнали “Насриддин дар Бухоро” кор кардааст.

Беҳтарин намунаҳои ашъори Асад Гулзода дар маҷмӯъаҳои шеърии ӯ бо номҳои “Насими Бухоро” (Бухоро, “Бухоро”, 2001), “Хати пешона” (Душанбе, “Суруш”, 2003), “Шукуфаҳои Бухоро” (Душанбе, “Маориф ва фарҳанг”, 2004), “Нафаси баҳор” (Душанбе, “Маориф ва фарҳанг”, 2007), “Намози рӯи барг” (Душанбе, “Маориф ва фарҳанг”, 2007), “Арзи сипос” (Бухоро, “Бухоро”, 2012), “Куллиёти осор. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 1. - Тошканд, “Янги нашр”, 2017), “Куллиёти осор. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 2. - Тошканд, “Янги нашр”, 2018), дар маҷмӯъаҳои дастҷамъии “Мурғобӣ чӣ мекобад?”, “Лафзи ширин”, “Каҳкашони орзӯ”, “Гули мурод”, “Гулистони адаб”, “Фариштагони форсигӯ”, “Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон: қарни бистум то кунун”, “Тазкираи адабиёти бачаҳо”, дар китобҳои дарсии хонишу забони модарии синфҳои ибтидоӣ, адабиёти синфи 11-и мактабҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар саҳифаҳои матбуоти даврии Ӯзбекистону Тоҷикистон ва хориҷ аз он ба чоп расидаанд.

ISBN-978-9943-22-298-4

YANGI NASHR

АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРОӢ * КУЛЛИЁТИ ОСОР

III